Шарҳи форсӣ-тоҷикии «Фиқҳи акбар»-и Имом Абуҳанифа

# ФИҚҲИ АКБАР

# Муқаддима
## Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

Алҳамду лиллоҳи воҳиди-л-аҳади-л-фарди-с-самад, лам ялид ва лам йулад ва лам якун лаҳу куфуван аҳад.

Настаъинуҳу ва настағфируҳу ва настаҳдиҳ. Ва наъузу биллоҳи мин шурури анфусина ва мин сайиоти аъмолино. Ман яҳдиҳиллоҳу фало музилла лаҳу ва ман юзлилҳу фало ҳодия лаҳ. Ва ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, алқоилу фил муҳками китобиҳи:

Ярфаъиллоҳу-л-лазина омону минкум валлазина уту-л-ъилма дарачот

Ва ашҳаду анна сайидано Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) алқоил: Фазлу-л-ъолими ъала-л-ъобиди ка-фазли қамари ъало соири кавокиб.

Ва-с-салоту ва-с-салому ъало набий-л-ҳодии ва-р-раҳмати сайидино Муҳаммадин (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аллази-хтораҳуллоҳу таъоло лиюхрича-н-носа мина-з-зулумоти ила-н-нури ва ядуллаҳум тариқа-л-мустақим.

Пӯшида нест, ки ибодати комил ва дуруст он аст, ки бандаи ибодаткунанда маъбуд (худои якка ва ягона)-ро бо тамоми исмҳояш ва сифоти феълию зотиаш бишиносад ва ба дарачаи шинохтану бохабар гаштанаш амал кунад. Дигар ин ки тоъату ибодат на тақлидӣ ва на кӯркӯрона балки мустаҳкаму комил бошад. Зеро бо тоъату ибодати кӯркӯрона ва нопухтаву носуфта маърифати ҳақиқӣ ба даст намеояд. Барои ин ки ибодат комил бошад пеш аз ҳама ақидаро бояд дуруст намуд.

Ва ин китобе ки хонандаи азиз дар даст доред, раҳнамои хуб ва беминнатест дар роҳи тарбияти ақида. Соҳиби мазҳаб Имоми Аъзам (раҳимаҳуллоҳ) кӯшиш ва заҳмати зиёде ба харч доданд, то чунин як дастурамали пурқиматеро таълиф намуда, ба мерос гузоранд. Ҳанафи мазҳабон дар сурати аз бар кардани фармудаҳои пешвои худ метавонанд худашонро ва ақидаашонро мувофиқ ба мазҳабашон гардонанд. Зеро банда бисёр мушоҳида карда, ки баъзе ашхос дар гуфтор худро ҳанафимазҳаб мегӯянд, вале дар амалу ибодаташон рукнҳоеро анчом медиҳанд, ки хилофи мазҳабашон аст. Шояд бо мутолиъа аз ин китоб ва дигар китобҳое, ки дар хусуси ақида баҳсу мунозира мекунанд, ин афрод хатои хешро ислоҳ намоянд. Дар охир бо бардоштани дасти дуъо ба сӯи худои якто барои чамиъи мусулмонони рӯи замин ақидаи мустаҳкаму мувофиқ ва илму амали бисёр хоҳонем.

Ва саллаллоҳу таъоло ъало сайидино ва набийино Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи ачмаъин ва ъало ман табаъаҳум би иҳсонин ило явмиддин.

# АСЛИ ТАВҲИД

Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

Ба изни Худованди бениёзи банданавоз шурӯъ мекунем ба тарҷума ва шарҳу эзоҳи мухтасари асари имоми бузургамон Абуҳанифа Нӯъмон ибни Собит.

"**ФИҚҲ**" ба маънои шинохтани нафс ва ончи ба манфиати нафс аст ва ҳамчун шинохтану донистани ончи бар зарари нафс аст. "**АКБАР**" дар луғат бузургро гӯянд. Тарҷумаи таҳтуллафзии "**ФИҚҲИ АКБАР"** ба забони тоҷикӣ "Шинохтани бузурги нафс... " аст . Аз унвони китоб чунин бар меояд, ки дарк кардани ҳамаи он чи ки ба фоида ва зарари нафс аст, ин корест бузург.

Китоб бо чунин ибора оғоз меёбад:

Аслу-т-тавҳиди ва мо ясиҳҳу-л-иътиқоду ъалайҳи.

Яъне: Ин китоб дар бораи шинохтани асли тавҳид ва дар бораи эътиқоди дуруст ба асли тавҳид (ягонагӣ) баҳс мекунад.

Меҳвари асосии китоб: тавҳиди Худои таъоло ва тақаддусшиносист. Возеҳтар гӯем дар ин китоб аслу асосҳои ақида ва дини салафи солиҳин ва ақидаи ҷумҳури аҳли суннату вал ҷамоъат, ки чун оби такшиншуда софу беғубор аст, зикр мегардад. Шахсе ки ба иборахои ин китоб гӯш дода онро чунон ки лозим аст, фаҳм кунад ва ба он амал намояд, метавонад ақидаи худро ба ягонагии Худованди мутаъол ва ба зоту сифоташ мувофиқи ақидаи аҳли суннат вал ҷамоат росту дуруст созад. Зеро инсонро зарур аст, ки чунин ақидаеро доро бошад, ки дар рафтору кирдорҳои худ ба он эътимоду бовари карда тавонад. Бо амал намудан ба фармудаҳои Имоми Аъзам (раҳимаҳуллоҳ) метавон ақидаи худро аз шакку шубҳа ва ширк нигоҳ дошт, ки ин дар ҷодаи худошиносӣ кӯшиши аввалиндараҷа ва қадами нахустин аст. Чун банда ба ин муваффақ гардад, пас кӯшиш мекунад амалҳои ӯ танҳо барои ризои Худои таъоло бошад, то саодати дунё ва охиратро соҳиб шавад.

## Ҳикоят аз рӯзгори Имоми Аъзам (Раҳимаҳуллоҳ)

Гурӯҳе аз уламои илми калом (фалсафа) бо ҳазрати Имом дар мавзӯи тавҳиди рубубият иродаи баҳс намуданд. Пеш аз он ки онҳо ибрози ақида кунанд, ҳазрати Имом ба эшон гуфт, ки аввалин ба як сухани ман посух диҳед, баъд аз он вориди баҳс шавем ва фармуд: Киштие бе ронанда дар Даҷла худ ба худ пури бор раваду ба он тарафи дарё гузараду худ лангар партояд, борҳо худ ба худ аз киштӣ холӣ гарданд, боз баргашта ба киштӣ пур шаванд ва киштӣ худ ба худ ба ин тараф шино кунаду чунину чунон шавад, оё ин мумкин аст? Уламо дар ҷавоб гуфтанд, ки бе ронанда ин ғайри имкон аст. Пас ҳазрати Имом (раҳимаҳуллоҳ) гуфт, оё ин олам бо ин қадар пастиву баландӣ, нишебу фароз ва дигару дигар метавонад бе соҳиб ва дар равиши худ дар ҳаракат бошад? Аҳли калом ба ҷои ҷавоб сукутро ихтиёр намуданд.

Барои он ки инсон дар ҷодаи худошиносӣ илми яқинро ҳосил намояд:

Яҷибу ан яқула оманту биллоҳи

Яъне: воҷиб мешавад, ҳатто ки фарзи ъайн мешавад бар ӯ ки бигӯяд, имон овардам ба Худои яккаву ягона.

Гуфтани ин сухан (калима) ва тасдиқ кардани он бар дил шарт аст. Касе ки узр надорад, бояд баён созаду шиносаду тасдиқ кунад вуҷуди Аллоҳ субҳонаҳу ва таъолоро ба яккагии ӯ дар зоташ ва якка будан дар сифоташ, чунин аст мазҳаби муҳаққиқон аз фақиҳон. Агар шахсе чунин гӯяд ва ба дил тасдиқ кунад, худо хоҳад имон дар дили ӯ китобат карда шудааст.

# Ва Малоикатиҳӣ.

Имон овардам ба малоикаҳои Аллоҳ таъоло.

Фариштагон як навъи махлуқи Худоанд. Онҳо бандагони мукарраму азизи даргоҳи Аллоҳ таъолоанд. Фариштагон аз гуноҳ кардан, хӯрдану ошомидан ва марду зан будан поканд. Онҳо бо амри ӯ таъоло амал мекунанд ва як зарра ба Худои мутаъол гунаҳкор намешаванд. Ҷисман латифанд ва бо кадом шакле ки хоҳанд, қодиранд худро тағйир диҳанд. Мисли Малакулмавт ва ҳазрати Ҷабраил. Худованд бо ояти 19-уми “Сураи Зухруф” ақидаи онҳоеро, ки малоикаҳоро духтарони Худованд медонанд, ботилу беасос месозад. Касоне ки чунин андеша доранд, онҳо мушрик мебошанд.

# Ва Кутубиҳи.

Имон овардам ба китобҳои Аллоҳ таъоло.

Эзоҳ: Китобҳои муқаддаси осмонӣ асосан чаҳортоанд, Таврот, Инҷил, Забур ва Қуръон. Қуръони маҷид китоби аъло ва волои осмонист. Он ба мисли дастархон густурдааст пеши аҳли башар, ки ҳар кас ихтиёр дорад аз он баҳравар гардад. Ва китобест дар маҷмӯъ ба ҳама ниёзҳои мардум ҷавобгӯ, ки башарият ба китоби дигаре эҳтиёҷ надоранд. Таъйини адади китобҳои осмонӣ аз тарафи мо мумкин нест. Зеро адади инро ҷуз Худованд касе надонад. Вазифаи мо ин аст, ки бигӯем: ба ҳамаи китобҳои ӯ таъоло имону бовар дорем.

# Ва Русулиҳи.

Имон овардам ба Пайғамбарҳои Аллоҳ таъоло.

Ва имон овардан ба Пайғамбарон ҳам чунин аст, зеро адади онҳоро Аллоҳ худаш медонад. Ба ривояте шумораи онҳоро 124-ҳазор ва ба ривояти дигаре 224-ҳазор гуфтаанд. Дар Қуръони карим номи 25-нафари Пайғамбарон зикр гаштааст. Мо ба ҳамаи онҳо имон овардаем, зеро ки ҳама аз тарафи ӯ таъоло фиристода шудаанд ва шариату фармудаи ӯро иҷро кардаанд.

Расул хос аст аз набӣ, зеро ҳамаи расул набӣ аст, вале ҳамаи набӣ расул нест. Тартиби байни ин се калима (малоика, китоб, расул) аз барои ин аст, ки малоика китобро ба расул меорад бинобар ин калимаи малоика муқаддам омадааст. Ҳоло онки ба иҷмоъи уммат китоб афзал аст аз малоика, чунки

китоб сухани ӯ таъоло аст. Пас мегӯем: имон овардам ба малоикаҳои ӯ, ба китобҳои ӯ ва ба расулҳои ӯ.

## Вал баъси баъдал мавти.

Имон овардам ба ин ки зинда гардонидан баъд аз муронидан ҳақ асту рост.

Имон овардан ба ҳаёт баъди мавт ин ҳам рукни имон аст. Вуқӯъи он рӯзи қиёмат баъди дамидани сури дуюми Исрофил (ъалайҳиссалом) аст. Ҳама аъзои мурдагонро Аллоҳ таъоло бо амри қудрати худ ҷамъ карда, онҳоро барои ҳисобу китоб зинда сохта ба ҳузури худ мехонад.

Ва аҳволи рӯзи қиёматро марҳала ба марҳала мегузаранд. Оятҳои 16-уми сураи “Муъминун” ва 79-уми сураи “Ёсин” гуфтаҳои болоро тақвият медиҳад. Имон овардан ба ҳашри рӯзи қиёмат аз заруриёти дин аст ва инкори он рӯз куфр аст ба яқин. Дар ахбор омада, ки дар он рӯз ҳама соҳибони нафас одамон, ҷин, шайтон, баҳоим, ҳашарот, парандагон, гӯштпорае ки аз модар таваллуд шудааст (агар нафас кашида бошад) аз он аъзояшон, ки боқӣ мондааст зинда мегарданд. Агар чизе аз онҳо боқӣ набошад пас аз “думғозаашон”, ки онро ба арабӣ “ъаҷзу занб” гӯянд ва тӯли қарнҳо маҳв нагардад, аз нав эҳё месозад.

## Вал қадари хайриҳи ва шарриҳи миналлоҳи таъоло.

Имон овардам ба тақдири некӣ ва бадӣ, ки ҳама аз сӯи Аллоҳ таъоло аст.

-Ва имон овардан ба тақдири хайр ва шар:

Инсон бояд имони қавӣ дошта бошад, ки чи амалҳоу қавлҳое дорад махлуқи Худоанд, сарфи назар аз ин ки хубанд ё ғайри он. Аммо касбу феъли он аз худи банда аст. Хулоса, ҳар некӣ ва бадие, ки ба сари банда меояд, ҳамаро бояд аз сӯи Худо донад ва ба қазою қадар розӣ шавад. Зеро инсон қодир нест тақдири худро тағйир диҳад.

Агар инсони боимон амали хайр кунад ва дар тоъату ибодат ҳаракати зиёд дошта бошад ва ҳамаро барои дарёфти ризои Худованд ба ҷо биёрад, пас Аллоҳ таъоло аз ӯ хушнуд гашта ба чунин банда савоби зиёд, аҷри некӣ ва оқибати ба хайр ваъда медиҳад.

Агар бар акси гуфтаи боло амал намояд, пас ба ғазаби Худо дучор гашта, оқибаташ танҳо ба Аллоҳ таъоло маълум аст.

Ин ду ҳолат ҳам иродаи Худост, бе иродаи ӯ ҳеҷ коре карда намешавад. Такрор мекунем, ки ба банда ихтиёри ҷузъӣ дода шудааст, ки банда дар интихоби амали бад ё нек озод аст. Бинобар ин рӯзи ҳисобу китоби қиёмат аз банда пурсида мешавад, ки умри хешро дар кадом роҳ сарф кардааст. Барои афъоли дар дунё доштаи ӯ аъзои баданаш, замин, фариштагони ду китф (яъне кироман котибин) шоҳидӣ медиҳанд.

## Ҳисобу Мизон Ва Ҷаннату Дӯзах

Вал ҳисобу вал мизону вал ҷаннату ваннору ҳаққун куллуҳу.

Ва ҳисобу тарозу ва биҳишту дӯзах ҳама ҳақ аст.

Тавре дар боло ишора рафт ҳама амалҳои инсон хоҳ нек бошад, хоҳ бад ҳама ба ҳисоб гирифта мешавад ва як заррае аз он назди Худованд пинҳон намонад. Ҳамчунин тарозуе, ки амалҳои инсон дар он баркашида мешавад ҳақиқат аст.

Агар чи амалҳои инсон ба ақли инсонӣ ба тарозу ниҳода нашавад, зеро ҷисм нест, вале Худованд ҳамаи онро ҷисм гардонад ва онҳоро бисанҷад. Ҷаннату дӯзах ҳаққанду рост, ҷаннат неъматхонаи Парвардигор аст ва омода карда шуда барои бандагони солеҳу накӯкор. Дӯзах бошад барои гунаҳкорони даргоҳи Худои таъоло арзи ҳастӣ карда азобхона аст. Камтарини азоб ин аст, ки ахгаре зери пои гунаҳкор ниҳода шавад, ки аз оташи он мағзи сари инсон биҷӯшад.

Инчунин сирот, ҳавз ва дигар аҳволи рӯзи қиёмат, ки дар оянда Худо агар хоҳад зикр хоҳад шуд, ҳақ аст.

## Баъди гуфтаҳои боло ҳазрати Имом маънои тавҳидро возеҳу равшан сохта сари мақсад меояд, ки:

### Валлоҳу таъоло воҳидун ло мин тариқи-л-ададди.

### Ва локин мин тариқи аннаҳу ло шарика лаҳу.

Аллоҳ таъоло воҳид аст на аз тариқи адад, ва локин воҳид аст аз он тариқе ки мар ӯро шарике нест.

Худованди таборак ва таъоло якка ва ягона аст дар зоташ. Монанди ӯ аҳаде нест. ӯ аҳад аст, зеро ки ӯро шарике нест на дар зоташ ва на дар сифоташ. Бе ибтидо буду бе интиҳо боқӣ мемонад ва назир надорад. Аҳадияти ӯро сураи “Ихлос” боз возеҳтар мугӯяд. Ин сура вақте нозил шуд, ки гурӯҳе аз мушрикон назди Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омада гуфтанд: Худоҳои мо аз сангу чӯбу тиллову нуқра ва дигару дигар чизанд, Худои ту аз чист?Дар ин асно ҳазрати Ҷабраил (алайҳи-с-салом) сураи мазкурро ба ҳабиби Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ваҳӣ овард, ки бигӯяд:

## Қул ҳуваллоҳу аҳад, Аллоҳус самад, Лам ялид ва лам юлад, Ва лам якунлаҳу куфуван аҳад.

Худованд якка ва ягона аст, Худованд бе ниёз аст, ба касе ё чизе мӯҳтоҷ нест, назодааст ва зодашуда нест, ва нест ӯро ҳамто ҳеҷ яке.

Эзоҳ: Яъне Худованд дар зоти худ танҳо аст ва дар сифоташ ягона аст. Касе дар зот ва дар сифоташ ба ӯ шарик шуда наметавонад ва мумкин ҳам нест. ӯ аз ҳама чизу ҳама кас бениёз аст. Баръакс ҳама ба сӯи ӯ мӯҳтоҷанд ва ба ӯ ниёз доранд. ӯ маҳалли пайдошавӣ ва ҳам пайдошуда нест. ӯ падару модар надорад ва аз касе зода нашудааст ва ҳам худи ӯ касеро назодоаст, падари касе нест. ӯ аз чунин сифатҳо покиза аст. Сураи “Ихлос” ҷавоб аст ба даъвоҳои аҳли яҳуд ва насоро. Сураи “Ихлос” рад аст ба яҳуд, ки ҳазрати Узайр (алайҳи-с-салом)-ро писари Худо медонанд, рад аст ба насрониён, ки Исо (алайҳи-с-салом)-ро писари Худо ва Марям ъалайҳоссаломро ҳамсари Худо медонанд. Ин ду ақида хилофи оёти Қуръон буда қабул нашавандаанд.

Хулоса, офарандаи тамоми олам бо бузургияш воҳид аст. Агар фаразан ду офаридгор бошад. Яке мехоҳад ки борон борад ва дигаре намехоҳад, пас дар чунин низоъ низоми олам барҳам мезанад. Ва кушодатар гӯем ҳукми замину осмон ва ҳар ончи дар ин ду ва байни ин ҳарду ҳаст ба дасти ду нафар бошад ҳеҷ гоҳ ба як низом ва ба як қарор намемонад. Агар ҳукми яке ба дигаре ғолиб бошад, пас

дуввум оҷиз мегардад. Ҳаргиз оҷизӣ Худоро нашояд. Худо яккаву ягона асту низоми олам ба ихтиёри ӯст.

# Асмо ва Сифот

Ло юшбиҳу шайъан минал ашёи мин халқиҳи. Аллоҳ таъоло мушобеҳи чизе аз махлуқоташ нест.

Ва ло юшбиҳуҳу шайъун мин халқиҳи. Ва чизе аз махлуқоташ ба Аллоҳ таъоло мушобаҳат надорад.

Аллоҳ таъоло воҷибул вуҷуд ва махлуқоташ мумкинул вуҷуд аст. Бинобар ин ӯ таъоло ба махлуқоташ монандӣ надорад ва на махлуқоташ ба ӯ. Ва ҳама мумкинул вуҷуд эҳтиёҷ доранд ба воҷибул вуҷуд, на баръакс. Агар касе сифати бандаро ба сифати Худованд монанду мушобеҳ донад, чунин шахс назди уламои киром кофир аст (наъузу биллоҳ). Ин гуна шахс аз фирқаи”мушобиҳа”аст на аз аҳли суннат вал ҷамоъат, агарчи соҳиби тафсир ҳам бошад чун аҳли “мӯътазила ва рофизия”. Сифатҳои Аллоҳ таъоло лоиқ ба зоти ӯст. Барои ӯ ягон сифати муваққатӣ нест, балки ҳама сифатҳо ва исмҳояш азалӣ ва абадиянд. ӯ таъоло воҷибул вуҷуд аст аз ҳама ҷиҳат, чӣ аз ҷиҳати исмҳояш ва чӣ аз ҷиҳати сифатҳояш.

## Лам язал ва ло язолу би асмоиҳи ва сифотиҳиззотийяти вал феълийяти.

Ҳамеша буду ҳамеша мемонад бо исмҳояш ва сифатҳояш, ки зотӣ ва феълӣ ҳастанд.

Худованди таъоло бо исмҳо ва сифатҳояш дар азал бе ибтидо буд ва интиҳо надорад бар хилофи махлуқон. Мақсад ин аст, ки ӯ таъоло исми зот ва исми сифот дорад, ки исми сифот ду навъ аст: 1-ум исми сифотии зотӣ ва 2-ум исми сифотии феълӣ, исмҳои сифот на зоти ӯянд ва на ғайри зоти ӯянд, балки мутааллиқ ба ӯянд. Масалан”Аллоҳ” гӯем, ин исми зот аст, ва агар “илм”, “калом”, “ҳаёт” гӯем, ин исми сифотанд. Ва агар “холиқ”, “розиқ” ва монанди инҳо гӯем, ҳама сифати феълиянд. Чунин аст мазҳаби аҳли суннат вал ҷамоъат бар хилофи мазҳабҳои фалсафа, мӯътазила ва кароматия.

## Аммаз зотияту фал ҳаёту вал қудрату вал ъилму вал калому вас самъу вал басару вал иродату.

Аммо исмҳои сифатҳои зотии Худованд ”ҳаёт, кудрат, илм, калом, самъ (шунаво), басар (бино) ва ирода аст”.

**Ҳаёт**: - сифати ӯ таъоло буда ба маънои зинда будан аст. Зинда будани Худованд на чун зинда будани инсонҳо, балки сифати азалии хоси Худои таоълост.

**Қудрат**: - Аллоҳ таъоло ба ҳама чиз қодир асту тавоно ва қудрати ӯ сифати азалии вай аст аз азал. Аллоҳ таъоло оламро ҳаст кард халқро офарид ва ба онҳо ҳаёт бахшид ва қудрату ризқ дод.

**Илм**: - ва дигар сифати зотии ӯ таъоло илм аст ва ин сифати азалии ӯст. Ба ҳама мавҷудот олиму доност аз илми ӯ як зарра ҳам пинҳон намемонад, ҳама пеши ӯ ошкор аст. Ҳама ошкору ниҳонро илми ӯ фаро гирифтааст, хоҳ ҷузъиёт бошад, хоҳ куллиёт. Оятҳои 14-уми сураи “Мулк” ва 59-ум ва 60-уми сураи “Анъом”, 23-юми сураи “Анфол” ва боз чандин ояти дигари Қуръон далели гуфтаи болост. Ҳамчунин раддияест ба ақидаи рофизиҳо ва қадарияҳо, ки мегӯянд: Худованд пеш аз халқу эҷод шайъро (чизро) намедонист.

**Калом**: - дигар сифати зотии ӯ таъоло калом аст, калом ба маънои суханкунанда меояд ва ин суханкуниест, ки сифати хоси ӯст дар азал. Суханкунии ӯ таъоло чун суханкунии бандагон бо забону даҳону овоз нест, балки тарзест, лоиқи ӯст (сари ин масъала баъдтар хоҳем баргашт) .

**Самъу басар**: - ҳарду ҳам сифати Худованд аст ба маънои шунидан ва дидан. Аллоҳ таъоло шунаванда ва бинандаи ҳама чиз ва ҳама кас аст. Ин ду сифати азалии офаридгор аст бе ибтидо ва бе интиҳо, ҳатто ки ҳеҷ сире махфӣ барои ӯ нест ва мӯрчаи сиёҳ дар шаби торик болои хоки сиёҳ равон аз мадди назараш пинҳон нест. Идроки Аллоҳ таъоло мисли идроки мо бандагон ноқис набуда, балки томму комил аст. Дидану шунидани ӯ ба тариқаи хаёл, ё ваҳм, ё таъсири ҳавос, ё вусули ҳаво мисли инсон нест.

**Ирода**: - ирода низ сифати зотии Худованд аст. Он мисли машият (хоҳиш) сифати Аллоҳ таъолост. ӯ иродакунанда аст бо иродаи қадимаш он чизеро, ки буд ва он чизеро, ки набуд.

Дар дунё ва дар охират чизе, ки бошад хурд ё калон, кам ё бисёр, нек ё бад, нафъ ё зарар, наҷот ё хусрон, зиёд ё кам, тоъат ё исён, ширин ё талх, имон ё куфрон, ирфон ё нукрон ва дигар чизе, ки бошад ҳама ба иродаи худи ӯст бинобар тақозои ҳикматаш. Тақозо ва тақдири халқаш аз ӯст. Ҳарчиро хоҳад мешавад ва ҳарчиро нахоҳад, намешавад. Ягон радкунандае иродаи Парвардигорро рад карда наметавонад. Машғули тоъат шудан ё нашудан, аз маъсият дур шудан ё дур нашудан ҳама иродаи ӯст. Агар ҷамиъи халқ ҷамъ шаванд, то ҳаракат диҳанд як зарраи оламро ва ё боздоранд онро, агар иродаи Аллоҳ таъоло набошад, ба мақсад нарасанд. Ва монанди ин.

## Ва аммал фиълияту фаттахлиқу ват тарзиқу вал иншоу вал ибдоъу вас сунъу ва ғайру золика мин сифотил феъли.

Ва аммо сифоти феълияи ӯ таъоло халқ кардану ризқ додану эҷод кардану ихтироъ кардану ва изҳори сунъ дар маснуъот намудан ва ба ҷуз ин бисёр аст ҳама сифоти феъли он зоти пок аст.

Эзоҳ: Чунончи гуфтем сифатҳои феълии Аллоҳ таъоло бешумор аст, ки дар боло баъзе аз онҳоро овардем. Акнун мекӯшем баъзе аз онҳоро тавзеҳ диҳем:

**Тахлиқ**: ба маънои халқ кардани ашё аст.

**Тарзиқ**: ризқ додани махлуқот.

**Иншо**: пайдо кардани махлуқот.

**Ибдоъ:** бенамуна ва бенусхаи аввал офаридани махлуқот.

**Сунъ**: ба вуҷуд овардани махлуқот.

Сифатҳои азалӣ: назди аҳли суннат вал ҷамоъат 8-то аст ва марҷеъи (бозгашти) ҳамаи сифоти феълия ба сӯи “таквин” (ҳаст кардани ашё) аст. Саҳеҳ он аст, ки ин исмҳои сифот дар маъно бо якдигар наздиканд. Бояд донист, ки чи дар олами малакут ва чи дар олами арвоҳ ба ғайри Аллоҳ таъоло ҳама ҳодис аст. ӯ таъоло ҳамаи онҳоро ба сифати тахлиқӣ ва феълӣ ва иншоъу сунъи худ пайдо кардааст. Албатта Худованд инсу ҷинро ва ҳамчунин ризқашонро халқ кард ва дӯст дошт, ки қудрату раҳмату неъмату ҳикмати худро зоҳир созад ва худро бо сифати ҷалолу ҷамолаш муаррифӣ кунад. Ояти 36-уми сураи “Аззориёт” далели ин гуфтаҳост.

## Лам язал ва ло язолу биасмоиҳи ва сифотиҳи лам яҳдус лаҳу исмун ва ло сифатун.

Ҳамеша буду ва ҳамеша мемонад бо исмҳояш ва сифатҳояш ва пайдо нашавад аз нав мар Аллоҳ таъолоро на исм ва на сифате.

Худованд мавсуф аст ба сифатҳои камол ва инчунин мавсуф аст ба сифатҳои ҷалолӣ ва ҷамолӣ. Яъне сифатҳои Аллоҳ таъоло ва исмҳои ӯ азалиянд. Яъне онҳо беибтидову беинтиҳо абадиянд. Ягон исме ё сифате маҳв нагаштааст ва аз нав пайдо нашудааст. Зеро Аллоҳ таъоло дар вуҷуди худ комил аст, чи дар зоташ ва чи дар сифатҳояш. Агар фарз кардем Аллоҳ таъолоро сифате пайдо шавад ё сифате аз ӯ дур шавад, пас чунин бармеояд, ки Аллоҳ таъоло пеш аз пайдо шудани сифат ноқис будааст ва инчунин агар сифате дур шавад, дар ин сурат ҳам ноқис мешавад аз мақоми камоле, ки Аллоҳ таъоло дорад, ин навъ шудан аз ҷумлаи номумкин ва маҳол аст. Бинобар ин бори дигар таъкид месозем, ки Офаридгори мову шумо ва ҷумлаи махлуқот бо ҳама сифот ва исмҳояш азалӣ ва абадӣ буда ва сифоту исмҳояш низ азалию абадист, маҳалли нуқсон дар ӯ таъоло нест.

## Лам язал ъолиман би ъилмиҳи вал ъилму сифатун фил азали.

Ҳамеша Аллоҳ таъоло олим аст бо илмаш ва илм сифати азалии вай аст. Илми ӯ таъоло қобили зиёдатӣ ва нуқсон нест.

## Ва қодиран би қудратиҳи вал қудрату сифатун фил азали.

Ҳамеша Аллоҳ таъоло қодир аст ба қудрату тавоноии қадимаш ва қудрату тавоноии ӯ сифати азалии вай аст.

## Ва мутакаллиман би каломиҳи вал калому (нафси) сифатун фил азали.

Аллоҳ таъоло ҳамеша суханкунанда аст ва сухан гуфтан сифати ӯст дар азал.

## Ва холиқан би тахлиқиҳи ват тахлиқу сифатун фил азали.

Ҳамеша Аллоҳ таъоло холиқ аст ва халқ кардан сифати вай аст дар азал.

## Ва фоъилан би феълиҳи вал феълу сифатун фил азали.

Ва Аллоҳ таоъло фоъил (кунанда) аст ва феъл (кардан) сифати ӯст дар азал.

## Вал фоъилу ҳуваллоҳу таъоло вал феълу сифатун фил азали вал мафъулу махлуқун ва феълуллоҳи таъоло ғайру махлуқин.

Ва Аллоҳ таъоло фоъил (кунанда) аст бе шарик дар феълу сунъи ҳукмаш ва амраш, ва феъл (кардан) сифати Аллоҳ таъолост дар азал. Ва мафъул (кардашуда) махлуқ аст ва феъли ӯ таъоло ғайри махлуқ аст, зеро худ махлуқ нест, пас сифаташ низ махлуқ нест.

Ҳазрати Имоми Аъзам (раҳимаҳуллоҳ) дар ин ҷо баъзе сифатҳои зотӣ ва баъзе сифатҳои феълии Офаридгорро овардааст, зеро донистани ин сифоти олии ҳазрати Кирдукор барои банда кифоя аст. Яъне дар шинохтани инсон холиқи худро бо сифатҳои зикршуда ва ақидаи худошиносиро бо ҳамин маълумот мустаҳкам бисозад басандааст. Чаро ки асоси “Фиқҳ” низ аз ҳамин иборат аст. Тафсири имону ислом бошад тасдиқу иқрор аст ба Худованди таъоло. Инчунин донистани ӯ таъолоро бо сифатҳояш ва исмҳояш ва қабули ҳукмҳои шариати ӯ низ аз усули дин мебошад. Аз як сӯ ин иҷмолист, аз тарафи дигар воҷиб аст бар мӯъминин, ки сифат кунад Худовандро бо сифати субутӣ ва салбӣ ва зотӣ ва феълӣ. Агар худ қодир нест ба сифат кардан, пас аз дигар кас бишунавад сифати Аллоҳ таъолоро, бигӯяд оре, дар чунин шахс имони комил ва исломи асил зоҳир аст. Аммо ба шахсе баён карда шавад сифати Офаридгорро ва он кас гӯяд, намедонам, пас ӯ мӯъмин нест. Дар ин мазмун Имом Муҳаммад (раҳимаҳуллоҳ) дар “Ҷомиъу-л-кабир” оварда, ки духтараке назди падару модар калон шаваду ба мактаб наравад ва илми тавҳидро наомӯхта ба балоғат бирасад, пас ӯро ба шавҳар бидиҳанд чун бар ӯ имонро сифат карда шавад гӯяд, ки намедонам аз шавҳари худ ҷудо гардад.

## Ва сифотуҳу фил азали ғайру муҳдасатин вало махлуқатин.

Ва сифатҳои ӯ таъоло ғайри мӯҳдас (нав пайдо) аст ва на махлуқ аст.

Ин як таъкид ва таъйид аст барои донистани ин ки сифоти Аллоҳ таъоло аз нав пайдо нашудаанд ва барои халқ кардани касе махлуқ нестанд. Ҳамаи он азалию қадимиянд.

## Фа ман қола: иннаҳо махлуқатун ав муҳдасатун ав вақафа (фиҳо) ав шакка фиҳо фаҳува кофирун биллоҳи таъоло.

Пас шахсе, ки гӯяд: албатта сифатҳои Аллоҳ таъоло махлуқанд ё сукут кунад ё шакк орад дар исмҳо, пас он шахс кофир аст ба Худои таборак ва таъоло.

Агар шахсе сифоти Аллоҳ таъолоро азалӣ наҳисобад ё гӯяд, ки онҳо бе ибтидо нестанд ё нав пайдо шудаанд ё гӯяд, ки онҳо махлуқанд ё ҳеҷ чиз нагӯяд, балки дар бобати онҳо сукутро ихтиёр кунаду шакк орад ва нагӯяд қабул дорам онҳоро, ки азалӣ ва абадианд, пас чунин шахс назди Худованд кофир аст. Зеро банда мувazзаф аст, ки ба сифоти Аллоҳ таъоло шинос бошад, ва онҳоро бидонад ва Худоро бо ҳамаи он бишиносад.

# Қуръон – Каломуллоҳ

## Вал Қуръону каломуллоҳи таъоло фил масоҳифи мактубун ва фил қулуби маҳфузун ва алал алсуни мақруъун ва алан набийи ъалайҳиссалоту вассалому мунзалун.

Ва Қуръон каломи Аллоҳ таъолост дар саҳифаҳо навишта шудааст ва дар дилҳо ҳифз карда шудааст ва дар забонҳо хонда шудааст ва бар Пайғамбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нозил шудааст.

Эзоҳ: Қуръони карим каломи Аллоҳ таъолост, ки ба Фурқон ҳам ӯро ном мебаранд. Китобест, ки ҳақро аз ботил ҷудо месозад. Ва он китобат шудааст дар мусҳафҳо ба дасти моён бо истифодаи нақшҳо ва ҳарфҳо ва шакли калимаҳо ва дар дилҳо ҳифз карда шудааст. Аз ин рӯ онҷиро, ки ҳифз кардем метавонем онро ба ёд биёрем.

Қуръон китобест, ки танҳо ба Паёмбари мо нозил шудааст. Китобест, ки оят-оят тӯли 23-сол ба Паёмбарамон нозил гардидааст, на яку якбора. Тибқи баъзе ривоёт ба такрор нозил шудааст. Ба ҳар тақдир ба воситаи Ҷабраил (алайҳи-с-салом) бо ҳуруфи муфрадот ва мураккабот дар ҳолатҳои мухталифа бинобар тақозои ҳодисаҳо нозил шудааст.

### Ва лафзуно би-л-Қуръони махлуқун ва китобатуно лаҳу махлуқун ва қироъатуно лаҳу махлуқун ва-л-Қуръону ғайру махлуқин.

Лафзи моён ва китобати моён ва қироати моён ба Қуръон махлуқ аст ва Қуръон худаш ғайри махлуқ аст.

Бар мо лозим аст, ки иқрор кунем бар ин ки Қуръон каломи Аллоҳ таъоло аст ва ваҳю нозил кардашудаи ӯст. Қуръон на ӯ ва на ғайри ӯ, балки сифати пайвастаи вай аст. Дар ҳақиқат ҳуруфу ҳаракатҳо ва дигар аломатҳою қоғазу китобат ин ҳама махлуқанд, чунки афъоли ибод аст. Ва каломи ӯ таъоло ғайри махлуқ аст. Зеро китобату ҳуруф ва калимаҳо ва банду басти оятҳо ин олати Қуръон аст барои ҳоҷати бандаҳо, зеро ба воситаи онҳо Қуръонро фаҳмида мешавад. Ва каломи Аллоҳ таъоло қоим аст ба зоти ӯ. Агар шахсе гӯяд, каломи Аллоҳ таъоло махлуқ аст кофир аст.

## Ва мо закараллоҳу таъоло фил Қуръони ҳикоятан ъан Мусо ва ғайриҳи минал анбиёи ъалайҳимуссалоту вассалом ва ъан Фиръавна ва Иблиса фаинна золика куллуҳу каломуллоҳи таъоло ихборан ъанҳум ва каломуллоҳи таъоло ғайру махлуқин ва калому Мусо ва ғайруҳу минал махлуқина махлуқун вал Қуръону каломуллоҳи таъоло фаҳува қадимун ло каломуҳум.

Ва он чизеро, ки Аллоҳ таъоло зикр кард дар Қуръон мисли ҳикоят аз Мусо (алайҳи-с-салом) ва ғайри Мусо (алайҳи-с-салом) аз дигар анбиё (ба онҳо салоту салом) ва аз Фиръавн ва Иблис, пас албатта инҳо ҳама каломи Аллоҳ таъоло буда, хабаре аз онҳост. Ва каломи Аллоҳ таъоло ғайри махлуқ аст ва каломи Мусо (алайҳи-с-салом) ва ғайри ӯ аз махлуқон махлуқ аст. Қуръон каломи Аллоҳ таъоло буда қадим аст. Нест он каломи онҳо.

Имоми Аъзам оварда, ки кофир шудани шахс ба махлуқ гуфтани Қуръон ин куфрони неъмат аст, на куфре ки хориҷ шавад аз миллати ислом. Чунки аҳли суннат дар ҳодис будани каломи лафзӣ хилоф надоранд.

Аммо шахсе, ки каломи нафсиро махлуқ гӯяд, кофир гардад, чунки он сифати Аллоҳ таъоло аст. Сифати ӯ ҳодис нест ва махлуқ ҳам нест. Мақсад аз махлуқ гуфтан мурод ”мухталақ”, яъне бофташуда бошад. Дар ин сурат инсон аз миллати ислом мебарояд. Ба ҳамин хотир ҳам Қуръони лафзиро ҳам мутлақо махлуқ гуфтан нашояд. Ҳар қавле дар Қуръон ҷой дошта бошад он каломи Аллоҳ аст, на аз онҳо (анбиё) ва дигарҳо.

### Ва самиъа Мусо ъалайҳиссалом каломаллоҳи таъоло камо қолаллоҳу таъоло: Калламаллоҳу Мусо таклима.

Ва шунавид Мусо (алайҳи-с-салом) каломи Аллоҳ таъолоро ҳамчуноне, ки гуфт Аллоҳ таъоло дар Қуръони карим, ки: Сухан гуфт Аллоҳ таъоло Мусоро.

Ҳазрати Мусо (алайҳи-с-салом) сухани Аллоҳ таъолоро бе восита шунавид.

## Ва қад коналлоҳу таъоло мутакаллиман ва лам якун каллама Мусо ъалайҳиссалом.

Ва ба таҳқиқ буд Аллоҳ таъоло мутакаллим (сухангӯянда) дар азал ва ҳол он ки набуд сухан гӯяд Мусо (алайҳи-с-салом).

## Ва қад коналлоҳу холиқан фил азали ва лам яхлуқил халқа.

Ва ба таҳқиқ буд Аллоҳ таъоло холиқ дар азал. Пеш аз халқ кардани халқ ӯ таъоло сифати холиқии азалӣ дошт.

## Лайса камислиҳи шайъун ва ҳувассамиъул басир.

Нест мисли Аллоҳ таъоло чизе дар зоташ ва сифаташ, ва Аллоҳ таъоло шунавандаю бинанда аст.

Ва бар ҳама чиз қодир асту ва ҳама чиз ба ӯ мӯҳточу фақир аст.

## Фаламмо калламаллоҳу Мусо ъалайҳиссалоту вассалом калламаҳу бикаломиҳиллази ҳува лаҳу сифатун фил азали.

Ва аммо вақте, ки Аллоҳ таъоло Мусо (алайҳи-с-салом)-ро сухан кард ба он каломе, ки сифати азалиаш буд бо ҳамон сифат сухан кард. Бо каломе сухан гуфт, ки абадию азалӣ ва сифати хоси ӯ таъоло буд.

Ҳамчуноне ки нақши калимаҳо далолат мекунанд бар каломе, ки ӯ дар “Лавҳи маҳфуз”аст ва ӯ қабл аз халқи осмонҳо ва замин буд, бинобар ин Аллоҳ таъоло мувофиқи ҳамон калимаҳои сатршудаи “Лавҳи маҳфуз” ба Мусо (алайҳи-с-салом) сухан кард.

## Ва сифотуҳу куллуҳо бихилофи сифотил махлуқин.

Сифатҳои ӯ таъоло ҳама ба хилофи сифатҳои махлуқанд.

## Яъламу ло каилмино, ва яқдиру ло кақудратино ва яро ло карӯъятино ва ясмаъу ло касамъино ва ятакалламу ло какаломино.

Яъне: Аллоҳ таъоло медонад, вале на чун донистани мо ва ӯ қодиру тавоност, аммо на чун қудрату тавоноӣ мо, ва Аллоҳ таъоло мебинад на чун дидани мо, ва мешунавад на чун шунавидани мо ва сухан мекунад на мисли сухан кардани мо бандаҳо.

## Ва наҳну натакалламу бил олоти вал ҳуруфи, Валлоҳу таъоло ятакалламу било олотин ва ло ҳуруфин вал ҳуруфу махлуқатун ва каломуллоҳи таъоло ғайру махлуқатин.

Ва мо бошем ба воситаи забону даҳону лабу дандон ва ҳарфу овозу садо сухан мекунем, аммо Холиқи Ҷаббор бидуни ҳамаи ин сухан мегӯяд, зеро ки ҳамаи онҳо махлуқанд.

Чун чизе махлуқ аст сифати Аллоҳ таъоло шуда наметавонад. Калому сухани ӯ махлуқ нест, Аллоҳ таъоло аз сифати махлуқҳо пок аст. Мо ҳеҷ чизро ба ӯ монанд карда наметавонем. Зеро, ки ӯ мегӯяд:

## Ва лиллоҳи масалу-л-аъло.

Яъне: Аллоҳ таъоло аз ҳама мисолу монандсозӣ боло меистад.

Пас чӣ гуна Аллоҳ таъолоро ба чизе аз махлуқ монанд мекунем? Ин ҳеҷ мумкин нест.

Эзоҳ: Инсон ба воситаи тасвиру сурат, ки дар зеҳнаш ҳосил мешавад ба қадри фаҳмишаш маълумот ҳосил мекунад. Аммо Аллоҳ таъоло ҳақиқати ашёро ба таври куллӣ ва ҷузъӣ, зоҳиран ботинан бо илми зотии самадияш, ки азалӣ ва абадӣ аст медонад. Қудрати мо дар донистани ашё нокофия аст ва ба ёрию нусрати беруна эҳтиёҷ дорем. Аммо Аллоҳ таъолоро қудрат қадим аст ба мушоракати ғайр мӯҳтоҷ нест, зеро вай қодиру тавоно аст ба ҳама чиз. Мо бандагон шаклҳо ва рангҳои гуногунро мебинем ва овозҳоро мешунавем ва ин дидану шунавидан мувофиқ ба ҳиссу қуввати биноӣ ва шунавоӣ ба мо махлуқот аст, ки арзонӣ дода ба мо Аллоҳ таъоло.

Ҳазрати Расули акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳамеша дуо мекарданд, ки: “Ай бор Худоё бархӯрдор гардон моро ба шунавоиямон ва биноиямон, модоме ки зинда медорӣ моро”.

Аллоҳ таъоло зоти пок буда мебинаду мешунавад бо биноӣ ва шунавоие, ки сифати азалӣ ва абадии вай аст ва барои ин ӯ ба олот ва мушоракати ғайр ниёз надорад. Бас шахсе шунавад Қуръонро ва гӯяд, ки ин қавли башар аст, яъне сухани заминӣ аст батаҳқиқ кофир мегардад. Ояти 96-уми сураи “Муддассир” далолат мекунад ба гуфтаҳои боло .

## Ва ҳува шайъун ло калашёи ва маънаш шайъи исботуҳу било ҷисмин ва ло ҷавҳарин ва ло ъаразин ва ло ҳадда лаҳу ва ло зидда лаҳу ва ло нидда лаҳу ва ло мисла лаҳу.

Гуфта метавонем ки ӯ таъоло шайъ аст, аммо на мисли ашёе, ки дар назар аст. Ва маънои шайъе, ки Аллоҳ таъолоро мегӯем ин аст, ки ҷисму ҷавҳару араз нест ӯ зоти мутлақ аст. Чунки ҷисм мураккаб асту маконгиранда ва ин нишонаҳо ҳодисанд. Ҷавҳар низ маконгиранда ва ҷузъи тақсимнашавандаи ҷисм аст. Ин ҳам ҳодис аст. Араз он чизеро гӯянд, ки дар ҷавҳарҳо ва ҷисмҳо пайдо мешавад, аммо худ ба худ истода наметавонад. Мисли ранг, ҳаракат, сукунат, таъм, бод, шамол ва дигару дигар.

Худованд аз чунин эҳтиёҷот муназзаҳ (пок) аст. Аллоҳ таъоло аз ҳадду андоза ниҳоят пок аст. Бинобар ин иҷозат нест, ки бигӯем Худованд ба ин ҳадду андоза чунину чунон аст. Танҳо мегӯем “Аллоҳу акбар”- Худо бузург аст аз ҳама чиз. Илми инсон ҳамаи чизро муайян ва иҳота карда наметавонад, пас чӣ гуна ҳадду ҳудуди Худовандро муайяну иҳота кунад?

Ҳеҷ гоҳ натавонад ва ҳаргиз набояд ин фикрро дар сар ҷой бидиҳад. Зеро ин аз ақл боло аст ва баҳскунанда ҳалок шавад. Аллоҳ таъолоро шарику монанд ва ӯро зидду манъкунанда аз чизе нест. Агар мебуд ҳеҷ гоҳ дунё ба як низоми муайян намеистод.

## Ва лаҳу ядун ва ваҷҳун ва нафсун камо закараллоҳу таъоло фил Қуръон.

Ва мар Аллоҳ таъолоро яду (даст) ваҷҳу нафс ҳаст чунон, ки дар Қуръон зикр кардааст ҳамаи ин муносибу хос ба худаш аст ва монанд надорад.

## Фамо закараллоҳу таъоло фил Қуръони мин зикрил ваҷҳ вал яди ван нафси фаҳува лаҳу сифатун било кайфин. Ва ло юқолу анна ядаҳу қудратуҳу ав неъматуҳу лианна фиҳи ибтолус сифати. Ва ҳува қавлу аҳлил қадари вал иътизоли. Ва локин ядуҳу сифатуҳу било кайфин.

Аз ваҷҳ (рӯй)-и Аллоҳ таъоло дар Қуръони маҷид дар чанд сура ишора рафтааст. Аз ҷумла ояти 20-уми сураи “Лайл”, ояти 27-уми сураи “Арраҳмон”, ояти 115-уми сураи “Бақара” ва ояти 88-уми сураи “Қасас”.

Аз яди ӯ бошад дар ояти 10-ум дар сураи “Фатҳ”, ояти 75-уми сураи “Сод” ва 83-юми сураи “Ёсин” зикр рафтааст. Ва дар бобати нафси ӯ бошад ояти 116-уми сураи “Моида”, ояти 11 ва 48 сураи “Сод” далел шуда метавонад ғайр аз ончи дар боло гуфтем, инчунин дар Қуръон аз зикри айн (чашм) низ ишора рафтааст.

Онҷиро ки Аллоҳ таъоло дар Қуръон зикр кардааст ва мансуб ба худ хондааст, ҳамаи онҳо сифатҳои ӯ таъоло мебошанд муносиб ба худашу бекайфиятанд.

Мисол: Мо наметавонем бигӯем, ки яди ӯ таъоло қудрати вай аст, зеро ки таъвил кардан ҷоиз нест. Таъвил кардани сифат хилофи мазҳаби аҳли салафи солеҳ аст. Ва инчунин гуфта наметавонем, ки яди Аллоҳ таъоло неъмати Аллоҳ таъоло аст. Ва инчунин гуфтан ҷоиз нест, ки ваҷҳи ӯ худи ӯст ва айни ӯ басару биноии вай аст. Чигунагии онҳоро танҳо Худованд медонад, на мо. Зеро банда дар фаҳми комилии он сифоти Аллоҳ таъоло оҷиз аст. Мо имон дорем ва иқрорем ба ин яду ваҷҳу айну дигару дигар, аммо бе кайфияти он ва бемушобиҳату монанд донистан ба махлуқот.

Мазҳабҳои “қадария” ва”мӯътазила” сифати Аллоҳ таъолоро ба тамом ботил мекунанд ба сабаби таъвил карданашон. Онҳо сифатро ғайри зот меҳисобанд. Аҳли суннат вал ҷамоъат сифоти ӯ таъолоро на айни зот ва на ғайри зот медонанд, балки мутааллиқу пайваста ба зот медонанд.

## Ва ғазабуҳу ва ризоуҳу сифатони мин сифотиҳи таъоло било кайфин.

Ва ғазаби ӯ таъоло ва ризои ӯ таъоло сифатанд аз сифоти Аллоҳ таъоло бе чигунагӣ ва бе тафсили онҳо ки аз сифоти афъоланд ё аз сифатҳои зот. Ғазаби Аллоҳ ва ризояш мисли авсофи халқаш нест.

Чунки ин ду сифат аз сифоти муташобиҳа ҳастанд дар ҳаққи Аллоҳ таъоло. Бинобар ин ҳазрати Имом тобеъи ҷумҳури салафи солиҳин шуда ва ба ҳазрати Имом ҷамиъи халаф (пайравонаш) иқтидо кардааст. Бинобар ин ду сифатро таъвил накардаанд ва нагуфтаанд, ки мурод аз ғазаб producedии интиқом ва аз ризояш машияти (хостани) неъматҳо аст. Ҳар чизе, ки муташобеҳ бошад мо ба он имон меорем, чунки ба дарки аслаш оҷизем. Ин муташобиҳот дар Қуръон ва ҳадисҳои Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) вуҷуд доранд.

Аз ҳазрати Имоми Аъзам (раҳимаҳуллоҳ) пурсиданд, ки чунин ворид шуда, ки Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло ба осмони дунё дар сеяки охири шаб мефарояд? Ҳазрат гуфтанд: “Оре, локин било кайф”, яъне чи хел будани онро мо дарк намекунем. Ба ин монанд ҳадис бисёр аст. Инчунин оят.

## Арраҳмону ала-л-ъарши-ставо.

Дар Қуръони маҷид омадааст аз ин ҳазрати Имом мегӯяд, ки мо иқрор мекунем, ки Аллоҳ бар Арш аст. Аммо Аллоҳ таъоло бар Арш мӯҳтоҷ нест, ки бар он қарор ёбад. ҳоло он ки ӯ таъоло муҳофизи Арш в ғайри Арш аст. Агар фаразан ӯ таъоло мӯҳтоҷи Арш мешуд, ҳаргиз мисли махлуқ бар эҷоди олам ва тадбири ӯ қодир шуда наметавонист. Саволе ба миён меояд, ки агар Аллоҳ таъоло ба нишастан эҳтиёҷ медошт, пеш аз халқ кардани Арш ба куҷо нишаставу қарор дошта буд? Ҳол он ки Аллоҳ таъоло аз мӯҳтоҷият муназзаҳ аст.

Ҳазрати Имом Моликро вақте аз ояти дар боло зикр шуда пурсиданд, дар ҷавоб гуфт: “истиво” маълум асту кайфият маҷҳул ва савол аз ин бидъат аст, ва имон доштан ба ин воҷиб. Ин аст тариқаи салафи солиҳин дар боби таърифи сифатҳо ва оятҳо ва ҳадисҳои муташобеҳа. Дар ин кор таъвил

лозим нест. Ҳар ки аз аҳли суннат вал ҷамоъат бошад, бо роҳи ин ду имом равад ҳаргиз гумроҳ намешавад. Иншоаллоҳ.

## Халақаллоҳу таъоло ашёъа ло мин шайъин ва коналлоҳу таъоло олиман фил азали бил ашёи қабла кавниҳо. Ва ҳуваллази қаддарал ашёъа ва қазоҳо.

Худованди таъоло халқ кард ашёву оламро на аз чизе на аз моддае. Монанди одам, хок, об, гил, санг, ҳаракат, торикӣ ва ғайраву ҳоказо. Аллоҳ таъоло аз ғайри мисоли собиқ халқ кард.

Агарчи баъзе ашё аз баъзе дигар халқ карда шудааст, вале асли он аз ҳеҷ (адам) офарида шудааст. Ва буд Аллоҳ таъоло олиму доно дар азал ба ҳама ашё пеш аз буданашон ва таҳаққуқашон дар олами пайдоиш (нигаред ба ояти 140-уми сураи “Аҳзоб”). Аллоҳ таъоло ашёро пеш аз халқ шуданашон бо рангу навъ медонист. Аллоҳ таъоло тибқи иродаи худ ашёро тақрир кардааст ва бинобар ҳикмати худ дар иншо ва эҷоди худ ҳукму қазо кардааст.

Далели гуфтаи боло: дар ҳадис омадааст, ки аввалин чизе ки Аллоҳ таъоло халқ кард, Қалам буд ва амр кард ба он ки бинавис, Қалам гуфт ё раб: чиро нависам?Аллоҳ таъоло гуфт бинависончиро, ки коин аст то рӯзи қиёмат.

Аз ин ҷиҳат аст, ки аҳли ҳақ гуфтаанд: ”ҳақиқати ашё собит аст” Ашё ашё аст ва на ваҳманду на хаёл.

Ва фармудаанд ҳазрати Имом , ки тақдири некӣ ва бадӣ ҳама аз Аллоҳ таъоло аст. Агар касе тақдири некӣ ва бадиро аз ғайри Аллоҳ таъоло донад, кофир асту ва тавҳидаш ботил.

Пайдо шудани ҳамаи ашё вобастагӣ дорад ба амри Аллоҳ таъоло. Гурӯҳе ақида доранд, ки ҳамаи ашё ҳақиқат надоранд, инҳо ҳама ваҳму хаёланд, мисли хоб дидан. Ин ақида ботил аст.

## Ва ло якуну фиддунё вало фил охирати шайъун илло би машиятиҳи ва ъилмиҳи ва қазоиҳи ва қадариҳи ва катбиҳи фил лавҳил маҳфузи, валокинна катбаҳу бил васфи ло бил ҳукми.

Ва нест дар дунё ва охират чизе мавҷуду ҳодис дар кадом ҳолате ки бошад, магар ки ҳаст ба машияту иродаи ӯ, ва илми ӯ ва қазои ӯ, ва қадари ӯ ва мувофиқи навиштаи вай аст дар Лавҳул маҳфуз. Лекин китобати Аллоҳ таъоло дар ҳаққи кулли шайъ ба васф аст на ба ҳукм, яъне ки шайъ чунину чунон аст.

Навишта накард, ки шайъ бояд чунину чунон бошад. Чунки дар вақти китобат дар Лавҳулмаҳфуз ашё вуҷуд надоштанд. Пас тақдири онҳоро ба васфу сифат навишта карда, ки ба зудӣ ашё мувофиқи қазои ӯ пайдо мешаванд. На бинобар ваҷҳи амри ӯ. Агар ба амр мешуд, бояд ки онҳо ҳамаашон дар вақти китобат дар Лавҳулмаҳфуз мавҷуд мебуданд.

# Қазову Қадар

## Вал қазоу вал қадару вал машияту сифотуҳу фил азали било кайфин.

Ва қазову қадар ва машият сифатҳои Аллоҳ таъолоанд дар азал бе кайфияти чӣ хел буданашон.

Қазо ҳукми муҷмалро гӯянд ва қадар ҳукми тафсилиро гӯянд ё баръакс. Машият бошад вобаста аст ба ҳарду. Собит аст, ки ин се сифати мазкур сифоти Аллоҳ таъолоанд дар китобу суннат инҳо аз сифоти муташобиҳ буда ба мисли ҷумлаи сифоти олии Аллоҳ таъоло кайфият (чигунагии) онҳо номаълум аст барои мо. Ҳақиқати онҳо барои мӯъмин пӯшида аст. Воҷиб аст, ки мӯъмину мусулмон ба ин сифот имон оварад ва аз қадри андозаи муайян дар боби ин сифот набояд берун биёяд, ки оҷиз мемонад ва зери шубҳа меафтад, зеро ақли инсонӣ қодир нест бар дарки пурраи онҳо. Олимтарин дар боби "Қадр" касест худро аз баҳси "Қадр" нигоҳ медорад. Касе сари ин масъала баҳсу мунозира мекунад, пас ин ба ҷоҳилии ӯ далолат мекунад. Расули акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ин боб фармудаанд:

"Ва ҳар вақто ки зикр карда шавад аз "қадр", пас сукутро ихтиёр кунед".

Вазифаи банда ин аст, ки имон оварад ба "қадр" вассалом. Барои банда беҳтар, ки тобеъи ҳақ шаваду гӯш ба ҷониби шаръ диҳад.

## Яъламуллоҳу таъоло алмаъдума фи ҳоли адамиҳи маъдуман ва яъламу аннаҳу кайфа якуну изо авҷадаҳу.

Ва Аллоҳ таъоло чизи набударо дар ҳоли набуданаш бо ҳама сифоти нестии вай медонад. Ва низ Аллоҳ таъоло албатта медонад чигунагии онро ҳар вақто, ки онро халқ кунад.

## Ва яъламуллоҳу таъоло алмавҷуда фи ҳоли вуҷудиҳи мавҷудан ва яъламу аннаҳу кайфа якуну фаноуҳу.

Ва медонад Аллоҳ таъоло чизи мавҷудро дар ҳоли вуҷудаш. Ва медонад Аллоҳ таъоло ҳамон чизи мавҷудро чигуна нест мешавад баъди иродаи худ бе тағайюри илмаш ягон заррае.

## Ва яъламуллоҳу таъоло алқоима фи ҳоли қиёмиҳи қоиман ва изо қаъада ъалимаҳу қоидан фи ҳоли қуъудиҳи мин ғайри ан ятағайяра ъилмуҳу ав яҳдуса лаҳу ъилмун.

Ва медонад Аллоҳ таъоло қоимро (рост истодаро) дар ҳоли қиёмаш (рост буданаш) қоим медонад. Ва медонад қоидро (нишастаро) дар ҳоли нишастанаш нишаста, дар кадом ҳоле ки бошад ба ҳамон ҳолат медонад. Ва ҳам медонад тағйири ҳолатро.

Масалан пеш аз нишастан нишастанашро медонад бе тағйир ёфтани илмаш. Зеро илми ӯ таъоло тағйир намеёбад. Зеро илми Аллоҳ таъоло қадим аст ва мисли илми махлуқ ҳодис нест:

## Ва локиннат тағйиру вал ихтилофу яҳдусу фил махлуқина.

Ва локин тағйиру ихтилофу интиқол аз як ҳолат ба ҳолати дигар ва ихтилофи ҳолатҳо аз қиёму қуъуду монанди инҳо пайдо мешавад, ин барои бандагон аст, аммо Худованд аз чунин ҳолатҳо пок аст.

## Халақаллоҳу таъоло алхалқа салиман минал куфри вал имони.

Яъне: Халқ кард Аллоҳ таъоло махлуқотро солим аз осору нишонаи куфр ва нури имон.

Инсон қобили исёну иҳсон аст, метавонад яке аз дуро қабул намояд, на ҳардуро, зеро ин ду чиз ба ҳамдигар хилофанду зид мебошанд.

## Сумма хотабаҳум ва амараҳум ва наҳоҳум факафара ман кафара би феълиҳи ва инкориҳи ва ҷуҳудиҳил ҳаққа би хизлониҳи таъоло ийёҳу.

Баъди халқ кардани махлуқот Аллоҳ таъоло хитоб кард онҳоро ба ибодат ба воситаи паёмбарон барои саодаташон ва амр кард онҳоро ба имону тоат ва наҳӣ (манъ) кард онҳоро аз куфру маъсият.

Пас кофир шуд шахсе, ки кофир шуд ба ихтиёри худаш ва инкори худаш аз рӯи дар ҷаҳлу нодонӣ монданаш.ӯ кофир шуданаш аз рӯи кибру саркашиаш ва қабул накарданаш амру наҳйи Аллоҳ таъолоро. Ин ба он хотир сар зад, ки нусрат доданро ба ӯ Парвардигор тарк кард. Ва барои адои он чи ки ризои худаш аст, ба ӯ тавфиқ надод.

Ин тақозои адли Парвардигор аст, ки он чуну чаро надорад.

## Ва омана ман омана би феълиҳи ва иқрориҳи ва тасдиқиҳи битавфиқиллоҳи таъоло ийёҳу ва нусратиҳи лаҳу.

Ва имон овард шахсе (баъди хитобу амру наҳӣ) , ки имон овард ба феъли худаш ва инқиёдаш (сар хам кард) ва иқрор ба забон ва тасдиқ кард ба дил мувофиқ ба амру иродаи Аллоҳ таъоло ва тавфиқ додану нусрат додани Аллоҳ таъоло ӯро дар он чи, ки қазо ва қадар карда буд ба муқтазои фазли худ.

Албатта ҳама дар илми Аллоҳ таъоло маълум буда, ҳама ба муқтазои илми ӯ ҳаракат мекунанд. Ин олам дорои ибтило ва зироатгоҳи охират аст. Амру наҳӣ ва хитоб шуданаш ҳикмати Парвардигор мебошад.

## Ахраҷа зуррийята Одама мин сулбиҳи ъало сувариззарри фаҷаъалаҳум уқалоа фахотабаҳум ва амараҳум ва наҳоҳум фа-ақарру лаҳу биррубубияти факона золика минҳум имонан фаҳум юладуна ъало тилкал фитрати.

Ва хориҷ кард зурияи Одам ъалайҳиссаломро, ки меояд табақа баъди табақа то рӯзи қиёмат аз камару пушти ӯ ва аз пушту камари фарзандонаш ба сурати мӯрчаи майда, баъзе онҳо сафед ва баъзе онҳо сиёҳ ва онҳо парешон гашта, баъзе дар тарафи рост ва баъзе дар тарафи чапи Одам (алайҳи-с-салом) ҷой гирифтаанд.

Пас гардонид онҳоро соҳибони ақлу фаросат бар нафсҳои худ. Онҳоро бар худашон ва ҳамчунин малоикаҳоро шоҳид гирифту ба онҳо хитоб карда гуфт ӯ таъоло: “Оё нестам ман Парвардигори шумо?” Гуфтанд он олами арвоҳ, ки “Бале” яъне Парвардигори мо ҳастӣ. Баъди ин Аллоҳ таъоло онҳоро амр ба эҳсон ва имон намуд ва аз куфру куфрони неъматҳояш наҳй кард. Онҳо бошанд ба Рабб будани Аллоҳ таъоло ва ба банда будани худашон иқрор мекарданд, ки гуфтанд: ”Бале”. Пас ҳамин иқрорашон дар олами арвоҳ имони ҳақиқӣ ё ҳукмӣ аст. Инсон ба ҳамин имони фитрӣ таваллуд меёбад. Аҳди “Мисоқ” ба китобу суннат собит аст (ниг. сураи”Аъроф” ояти172). Инчунин ҳадиси Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст, ки: "Куллу мавлудин юладу ъало фитратил исломи".

Шахсе ба балоғат расаду ба ӯ даъвати ислом нарасид на имонро сифат карда метавонаду на куфрро ва ба чизе эътиқод надорад, ки ӯ зидди имон бошад ё мувофиқи имон бошад, чунин шахс маъзур аст. Агар куфрро сифат кунаду эътиқод дошта бошад ба он ё эътиқоди куфр дораду сифат карда наметавонад, чунин шахс узрдор нест. ӯ аз аҳли нор асту он ҷо абадӣ монад (Мулло Алӣ Қорӣ) .

## Ва ман кафара баъда залика фақад баддала ва ғайяра ва ман омана ва саддақа фақад сабата ъалайҳи ва довама.

Ва шахсе кофир шавад баъди имони мисоқӣ, бас ба таҳқиқ бадал кардааст имони фитриро, ки ато шуда буд ба ӯ ба куфри касбӣ. Ва шахсе зоҳир кунад имонашро ва тасдиқ кунад ба ин тариқа, ки имони забониаш мутобиқи имони қалбиаш бошад, пас чунин шахс собиту устувор мондааст бар имонашу бар динаш, ки аслӣ аст. Ва барқарор мондааст ба имони фитрии аввалаш ва давом додааст онро ба иҷрои исломаш.

## Ва лам юҷбир аҳадан мин халқиҳи ъалал куфри ва ло ъалал имони ва ло халақаҳум мӯъминан ва ло кофиран валокин халақаҳум ашхосан вал имону вал куфру феълул ъибоди.

Ва ҷабру қаҳр накардаст Аллоҳ таъоло касеро аз халқаш ба кофир шудан ё имон овардан. Яъне Аллоҳ таъоло тоъату маъсиятро дар дили бандааш аз рӯи қаҳру ғазаб халқ накардааст. Балки ин ҳардуро макрун (қарибкардашуда) халқ кардааст ва ба ихтиёру касби банда вогузоштааст. Пас кофир дар куфраш маъзур нест ва мӯъмин бар имонаш маҷбур нест. Балки имон барои мӯъмин маҳбуб аст ва куфр бошад талаби кофир аст.

Хулоса Аллоҳ таъоло ба фазлу марҳамати худ имонро дӯст гардонид барои мо ва бо эҳсон дар дилҳоямон зинат дод. Инчунин макрӯҳ гардонид куфру фисқу исёнро.

## Алҳамду лиллаҳил лази ҳадана лиҳаза ва мо кунна линаҳтадия лавло ан ҳаданаллоҳу.

Ҳамду шукри бисёр мар он Худоеро, ки моро ба сӯи ислом ҳидоят кард. Ҳоло он ки мо ҳидоят ёфта намебудем, агар Офаридгор моро ҳидоят намекард.

Ва ба адлаш тарк кард ҳидояти аҳли куфрро ва куфру исёнро ба онҳо дӯст гардонид ва имону эҳсонро бар онҳо макрӯҳ гардонид. Аллоҳ таъоло касеро хоҳад ҳидоят мекунад ва касеро хоҳад гумроҳ месозад. Ин кори вай аст ва чуну чаро надорад. Аллоҳ таъоло ба ҷабру икроҳ (маҷбурӣ) инсонро мӯъмин ё кофир халқ накардааст. Балки чунин халқ кардааст, ки қобилияти қабули имону ихлосу куфрро дорад. Аз ин мебарояд, ки касби имону куфр ба ҳисоби ихтиёри банда вогузор шудааст, изтирорӣ ё маҷбурӣ набудааст.

## Ва яъламуллоҳу таъоло ман якфуру фи ҳоли куфриҳи кофиран .

Ва медонад Аллоҳ таъоло шахсеро, ки кофир мешавад дар ҳоли кофириаш кофир мебинад ӯро ва бадаш мебинад.

## Фаизо омана баъда залика ъалимаҳу мӯъминан фи ҳоли имониҳи ва аҳаббаҳу мин ғайри ан ятағайяра ъилмуҳу ва сифатуҳу.

Пас ҳарвақто шахсе баъди қабули куфр имон оварад, Аллоҳ таъоло ӯро мӯъмин медонад дар ҳоли имон доштанаш ва дӯст медорад ӯро бидуни тағйир ёфтани илми ӯ таъоло ва ҳамчунин аст сифаташ. Инчунин ғазаби ӯ, ки вобастагӣ дорад ба куфр ва ризоияташ, ки вобастагӣ дорад ба имони банда, ин сифат ҳам тағйир напазирад.

Ба таҳқиқ Аллоҳ таъоло доно ва огоҳ аст ба куфру имони бандаҳо пеш аз вуҷудашон дар рӯзи мисоқ, ки он шоҳид гирифтани нафсҳои худи бандаҳо ва малоикаҳо дар аҳде, ки рӯзи мисоқ баста шуда буд.

## Ва ҷамиъу афъолил ъибоди минал ҳаракати вассукуни касбуҳум ъалал ҳақиқати валлоҳу таъоло холиқуҳо.

Ва ҷамиъи феъли бандаҳо чӣ аз ҳаракат ва чӣ аз сукунат, чӣ куфру имон ва чӣ тоъату исён ихтиёр ва касби худи бандаҳо аст. Ин на маҷоз асту на икроҳу на ғалаба, балки ҳамаи инро бандагон аз рӯи ихтилофи ҳавою ҳавас, майлу хоҳишашон ихтиёр мекунанд.

Аллоҳ таъоло холиқу эҷодкунандаи феълҳои банда аст мувофиқи иродаи худ. Аммо касбу интихоби феъл аз сӯи банда ба амал меояд. Косиб ба касбаш мустақил нест, аммо холиқ ба халқаш мустақил аст.

Ҳазрати Имоми Аъзам (раҳимаҳуллоҳ) гуфтанд: Иқрор мекунем, ки албатта банда бо ҷамиъи аъмолаш ва иқрораш ва маърифаташ махлуқ аст мар Аллоҳ таъолоро. На чунон аст, ки аҳли "мӯътазила" ақида доранд.

## Ва ҳия куллуҳо бимашиятиҳи ва илмиҳи ва қазоиҳи ва қадариҳи.

Ва ҳама афъол аз хайр бошад ё шар агарчанде, ки касби банда бошад ҳам ба машияту иродаи Аллоҳ таъоло аст ва ба илми ӯ ва мувофиқи ҳукму қазову қадари вай аст.

## Ваттоъату куллуҳо конат воҷибатан биамриллоҳи таъоло ва бимуҳаббатиҳи ва биризоиҳи ва илмиҳи ва машиятиҳи ва қазоиҳи ва тақдириҳи.

Кулли тоъатҳо ки шомили фарзу воҷибу суннату мустаҳаб ва ҳар миқдоре, ки бошад хоҳ кам ва хоҳ бисёр воҷиби амри Аллоҳ таъолоанд ба муҳаббату ризоияту илму машият ва қазову тақдири худи Аллоҳ таъоло аст мувофиқ бо он чи, ки дар Лавҳулмаҳфуз сабт рафта буд. Ҳамаи ин ба миқдоре, ки Аллоҳ таъоло тақдир кардааст ҳосил мешавад (ниг сураи "Анфол" ояти 46, "Оли Имрон" ояти 76-134, "Бақара" ояти 222, "Моида" ояти 119).

## Вал маъоси куллуҳо биъилмиҳи ва қазоиҳи ва тақдириҳи ва машиятиҳи ло бимуҳаббатиҳи ва ло биризоиҳи ва ло биамриҳи.

Ҳама гуноҳ хоҳ сағира бошаду хоҳ кабира ба илми ӯ таъоло ва қазои ӯ ва тақдири ӯ ва иродаи вай аст, на ба муҳаббату ризо ва амри ӯ.

Иродату машият ом буда бар феъли писандида ва ғайри писандида вобастагӣ дорад. Аммо ризо, муҳаббат ва амр ба эҳсон: ба кори дурусту савоб вобастагӣ дорад. Аз ин хотир ба қазои ӯ ва тақдири ӯ то ҷое, ки аз Аллоҳ таъоло аст бояд розӣ шуд ба чи навъе ки бошад, агар иродаи ӯ таъоло намебуд, ҳаргиз ҳеҷ чиз ба вуқӯъ намеомад (ниг. "Оли Имрон"ояти 32-57, "Аззумар"ояти 7, "Наҳл"ояти 90) . Ба хилофи амри ӯ набояд розӣ шуд, чунки кори наҳӣ зидди амр аст, бинобар ин тасаввур карда намешавад куфрро ин ки ба амри ӯ таъоло бошад, ин қавл назди салафи солиҳин маъруфу машҳур аст. Масалан вақто ки тақдири касе кофирӣ бошад бояд то ҷое, ки аз Аллоҳ таъолост ба тақдир бояд розӣ шуд, локин вақто ки банда куфрро касб мекунад ризо набояд шуд, чунки хилофи амри ӯ таъоло шуд, зеро ризои куфр куфр аст. Ва касбу ихтиёр аз ҷониби худи банда аст, на дар оне ки тақдир. Валлоҳу аълам.

## Паёмбарон (Алайҳиму-С-Салом) Ва Саҳобагон (Разияллоҳу Анҳум)

## Вал анбиёу алайҳимуссалоту вассалом куллуҳум муназзаҳуна аниссағоири вал кабоири вал куфри вал қабоиҳи.

Ҳазрати анбиё, ки (бар ҷумлаи онҳо салоту салом) чи машҳуранд ва ё номашҳур аз ҳазрати Одам (алайҳи-с-салом) то ба хотам бо китобу суннат ва иҷмоъи уммат собит шудаанд, инкорашон куфр аст.

Тавре дар боло ишора рафт, адади онҳо номаълум аст. Бинобар ин беҳтараш дар шумораи онҳо ба шубҳа намонем ва онҳоро чун анбиё ва расулон бишиносем. Ҷумла эшон аз гуноҳҳои сағира ё кабира ва кулли маъосӣ ва куфр поканд. Онҳо аз корҳои қабиҳу фоҳиш мисли қатл, зино, лавота, сариқа, тӯҳмат, сеҳру фирор аз ҷиҳоди ҳақиқӣ ва хӯрдани рибо ва моли ятим, зулми бандаҳо, қасди фасод дар ватану шаҳрҳо ва дигар корҳои ношоям ҳама поку муназзаҳанд. Кадом коре ки карданаш ваъид шуда бошад, ақаллан гуноҳи сағира маҳсуб меёбад. Масалан тарки фарз ё воҷиб агар як маротиба бошад ҳам гуноҳи кабира аст. Ва ихтиёр кардани тарки суннат беузр аз рӯи сустӣ ва бепарвоию фориғболӣ сар занад як маротиба ҳам бошад гуноҳи сағира аст. Агар чанд дафъа такрор шавад чӣ? Рафта-рафта гуноҳи кабира мешавад. Ҳазрати анбиё аз чунин корҳо поканд.

## Ва қад конат минҳум заллотун ва хатиотун.

Ва ба таҳқиқ аз баъзе анбиё ълайҳиссалом қабл аз нубувваташон ё баъди субути аломати рисолаташон андак кӯтоҳӣ ё камбудӣ ва лағжишҳо нисбат ба мартабаи олияшон ба вуқӯъ омадааст.

Онҳоро тарки авло (беҳтар) мегӯянд ин мумкин аст. Мисли Одам (алайҳи-с-салом) , ки аз рӯи фаромӯшӣ аз дарахти наҳӣ кардаи Аллоҳ таъоло ошомид. Гумон дошт, ки дар ҷаннат хӯрдани ҳама чиз рухсат аст.

Ин ҳам бошад ҳикмати илоҳӣ ва заъиф будани қадри башарӣ ва иқтизои мағфирати рубубиятро маълум мекунад.

## Ва Муҳаммадун ъалайҳиссалоту вассалом ҳабибуҳу ва ъабдуҳу ва расулуҳу ва набийюҳу ва сафийюҳу ва нақийюҳу ва лам яъбудис санама ва лам юшрик биллоҳи таъоло турфатаъайнин қатту ва лам яртакиб сағиратан ва ло кабиратан қатту.

Ҳазрати Имом дар сифати Расулуллоҳ чунин гуфта, ки Муҳаммад Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) писари Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абдуманноф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурраҳ ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни Фиҳр ибни Молик ибни Назр ибни Канонаҳ ибни Ҳузаймаҳ ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Низор ибни Маъд ибни Аднон то инҷо нисбат ба насаби Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) миёни уламо ҳеҷ як ихтилофе нест. Ӯ зоти бобаракот набийи Аллоҳ таъоло аст ва расулу носихи динҳои пешина аст. Набӣ ъом аст аз расул, чунки расул шахсе аст, ки ӯро ба таблиғ амр кардашудааст, аммо набӣ шахсе аст, ки ӯро ваҳӣ омадааст. Ва қозӣ Аёз гуфта, ки кулли расул набӣ аст, аммо кулли набӣ расул нест. Ин қавл саҳеҳтар ва наздиктар аст ба нақл. Пайғамбари мо Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳам расул ҳасту ҳам набӣ (ниг. сураи “Аҳзоб” ояти 40). Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баргузидаи тамоми бандагони Аллоҳ таъоло ва покизатарини онҳо аст. Ва бутро ва ғайри ӯро ба ғайр аз Худо ҳаргиз напарастидааст. Ӯ ширк наовардааст ба Аллоҳ таъоло на қабл аз нубуввату на баъди нубувват. Анбиё (алайҳиму-с-салом) аз ширку куфр дар нисбати Парвардигор мутлақо худро нигаҳ доштаанд. Дар ин қавл иҷмоъи уммат мунъақид аст. Аз эшон гуноҳи сағира ва кабира ҳаргиз сар назадааст.

## Ва афзалун носи баъда-н-набийи ъалайҳи-с-салоту ва-с-салому Абубакрини-с-Сиддиқ.

Ва беҳтарину афзалтарин мардум баъди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳазрати Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳу) аст.

Дар ин масъала рофизиҳо ихтилоф доранд. Агарчи дар бобати ҷонишини Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баъд аз сари ӯ монанди ҳазрати Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳу) аҳдномаи Паёмбарамон вуҷуд надорад, аммо аз рӯи хидматаш дар роҳи ислом ва аз рӯзҳои аввали ислом дар ҳама ҳолат ҳамкарини Расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) буданаш ва қурбу манзалаташ ҳазрати Абубакр (разияллоҳу анҳу) ба ин вазифа сазовору арзанда буд. Гузашта аз ин ҳамаи ансориҳо ба ӯ байъат карда буданд, магар Саъд ибни Убода байъат накард, зеро ӯ барои худ вилоятро талаб дошт. Ҳазрати Умар ва Абуубайда ва дигар шахсон аз ансориҳо ба он ҳазрат байъат намуданд, дар ин ҳолат яке аз ҳозирон гуфт: ”Саъдро куштед”, ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу) “Худо ӯро кушт” гуфта, луқма партофтанд. Касе аз ҳозирон нагуфт нисбати ҳазрати Абубакр (разияллоҳу анҳу) аз Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) васиятномае дар дасти мо вуҷуд дорад ва ҳам касе нагуфт, ки баъд аз Паёмбар ҳатман халифа шудани ҳазрати Алӣ (каррамаллоҳу ваҷҳаҳу) ё Аббос (разияллоҳу анҳу) ё нафари дигар аз Расулуллоҳ ҳуҷҷат вуҷуд дорад. Агар чунин васиятнома вуҷуд медошт, албатта дар он лаҳзаҳо зоҳир мегашту овоз баланд мешуд.

## Сумма Умарубну-л-Хаттоби сумма Усмону-бну Аффони Зи-н-нурайни сумма Алию-бну Абитолибини-л-муртазо ризвонуллоҳи таъоло ъалайҳим аҷмаъин.

Баъд аз ҳазрати Абубакр (разияллоҳу анҳу) беҳтарин мардум ҳазрати Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳу) аст, ки ӯ байни мунофиқ ва мувофиқ ҳукмашро ҷорӣ карда буд, аз ин хотир ӯро “Форуқ” гуфтаанд. Ҳазрати Умарро қиссаи қатлаш тӯлонист ва он дар “Саҳиҳул Бухорӣ”дарҷ гардидаст. Баъди ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу) беҳтарини мардум ҳазрати Усмон ибни Аффон Зиннурайн аст. Ҳазрати Усмон (разияллоҳу анҳу) нафаре буд, ки ду духтари ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро ба занӣ гирифта буд. Вақте ки ҳамсараш аз олам рафт, ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд: “Агар маро духтари сеюм мебуд, албатта ӯро ба занӣ ба ту (Усмон) медодам”. Баъди ҳазрати Усмон (разияллоҳу анҳу) беҳтарини инсонҳо ҳазрати Алӣ ибни Абитолиб мебошад. ӯ писарамаки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мебошад. Лақаби ҳазрати Алӣ (к) Муртазо буда ҳамсари Фотимаи Заҳро духтари Паёмбарамон буд (ризвони Аллоҳ таъоло бар ҳамаи вайҳо бод). Фазоили ин шахсиятҳои бузург дар кутуби ҳадис навишта шудааст ва шамоилашон дар забони уламо ба хубӣ машҳур аст. Беасос ҳазрати Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳу)-ро афзали мардум надонистаанд. Барои тақвияти гуфтаи боло як мисол меорем. Вақто ки ҳазрати Расулуллоҳ бемор шуданд, имомати намози мардумро ба ӯҳдаи ҳазрати Абубакр (разияллоҳу анҳу) гузоштанд ва ӯ чанд шабу чанд рӯз имоми намозгузорон буд. Аз ин рӯ саҳобагони кибор ақида ва иҷтиҳод карданд, ки ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) розӣ шуд, ки ҳазрати Абубакр (разияллоҳу анҳу) пешвои дини мо бошад, пас чаро мо розӣ намешавем, ки дар дунёамон пешвои мо бошад?

Албатта мо ба ҳарду розием. . .

Баъди ин ҳама саҳобагони кибор бо назардошти олиму ба тақво, калонсол, соҳибмартаба ва дорои дигар хислатҳои ҳамида буданаш ҳазрати Абубакр (разияллоҳу анҳу)-ро ҷонишини ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва халифа интихоб намуданд. Валлоҳу аълам.

## Обидина собитина ъалал ҳаққи ва маъал ҳаққи натаваллоҳум ҷамиъан.

Ҳамаи он чаҳор ёр ибодатгузор буданд ва аз он чи ки назди Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз фазоил буд омӯхта буданд, ба онҳо собитқадам буданд. Тӯли умрашон доимо бо ҳақ ва ҳамроҳи ҳақ буданд. Мо аҳли суннат вал ҷамоъат он чаҳор ёрро гиромӣ ва дӯст медорем. Ҳеҷ яке аз онҳоро бад дидан ва дашном додан ҷоиз нест. Инро низ Расулуллоҳ наҳй кардаанд.

Ин фармудаи Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) раддияест бар хавориҷиҳо, ки мегӯянд: Алӣ ва тобиъони ӯ аз аҳли куфранд ва Муовия бо пайравонаш низ. Чунин ақидаро хавориҷиҳо аз он дастак карданд, ки ду нафари боло қатли мӯъминро ба сабаби он мухолифоте ки байни онҳо буд ихтиёр намудаанд.

Ин назди хавориҷиҳо чунин гуноҳи кабираест, ки гӯё аз ҳадди имон берун омадаанд ва барои тақвияти ин фикр далелҳои гуногун меоранд. Аҳли суннат вал ҷамоъат бошад ҳамаи онҳоро як хел медонад ва дар роҳи ризои Аллоҳ таъоло аввалин равандагон меҳисобад. Дар нисбати ҷурми эшон ягон далели ақлӣ ва ё нақлӣ намебинанд ва хилофи ояти 101 ва 102-и сураи “Тавба”, ки нисбати эшон нозил шудааст, чунин далоил низ намебинанд. Ҳар касе саҳоба будани ҳазрати Абубакр (разияллоҳу анҳу) -ро инкор кунад кофир аст. Далел ояти 40-уми сураи “Тавба”.

Фирқаи “рофизия” ақида доранд, ки он чаҳор ёр дар кори дин нисбат ба давраи ҳазрати Расулулллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тағйир ёфтаанд. Ин қавл рад шудааст. Зеро онҳо ҳамчуноне ки пеш буданд ҳамон гуна боқӣ мондаанд, мо ҳамаи онҳоро якхел дӯст медорем.

## Ва ло назкуру аҳадан мин асҳоби Расулиллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) илло бихайрин.

Ва мо ҳақ надорем ва ҳам иҷоза нест, ки ягон саҳобаи ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро сухани ноҷо гӯем ё дар нисбати эшон беодобӣ кунем, агарчи содир шуда бошад аз эшон чизе дар сурати шарр. Зеро корашон аз рӯи иҷтиҳод аст, на аз рӯи фасоду ъинод. Балки буд чунон, ки руҷӯъ мекарданд ва майл мекарданд ба сӯи хайр ва гумонашон нек буд. Мо ҳама асҳобро ба некӣ ёд мекунем ва мегӯем: ”разияллоҳу ъанҳум” (Худованд аз онҳо розӣ шавад) .

Ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд, ки беҳтарин қарн қарни ман аст. Ҳар чи ки байни асҳоб гузашт мо ҳуқуқ надорем ҳукми яктарафа барорем. Аз ҷумла ҳодисаи байни ҳазрати Алӣ (разияллоҳу анҳу) ва ҳазрати Оиша (разияллоҳу анҳо). Ҳарчи буд гузашт ва онҳоро Худо медонаду худи эшон. Мо барои амалҳои худ ҷавоб медиҳем, аз кори онҳо моро пурсида намешавад. Хулоса, дар ҳаққи саҳобагони Расул (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) боадабона сухан кардан лозим аст.

Чунончи ҳазрати Имоми Аъзам (раҳимаҳуллоҳ) эҳтиром карда мегӯяд, ки агар ҳазрати Алӣ намебуд мо сирату сурати аҳли хавориҷро намешинохтем.

## Вало нукаффиру муслиман бизанбин миназзунуби ва ин канат кабиратан изо лам ястаҳиллаҳо, ва ло нузилу ъанҳу исмал имани, ва нусаммиҳи муъминан ҳақиқиятан. Ва яҷузу ан якуна муъминан фосиқан ғайра кофирин.

Ва мо нисбат ба куфр додани мусулмон барои гуноҳи содир карданаш ҳақ надорем, агарчи гуноҳи кабира бошад. Ба шарте он гуноҳро ҳалол нашуморида бошад. Зеро дар фатво омадааст: шахсе ҳалол шуморад ҳаромро, ки ҳаром буданаш бо далелҳои қатъӣ собит шудааст, кофир аст. Мисли тарки намозу рӯзаву закоту ҳаҷ ва дигару дигар. Ё ин ки ҳаром надонад хуку арақу рибову ҳаққи мардуму ва дигару дигарро, агарчи худ содир накунад ҳам, локин дар эътиқодаш онро ҳалол медонад, ӯ кофир аст.

Ва аз шахси мусулмон ба сабаби гуноҳи кабира карданаш сифати имонро аз ӯ соқит намекунем. Пайравони "мӯътазила" мегӯянд, ки касе гуноҳи кабира кард аз имон мебарояд, вале дар ҳадди куфр ворид намегардад. Онҳо байни имон ва куфр як фосилаи муайян мегузоранд. Аҳли суннат вал ҷамоъат ақида дорад, ки аҳли қибларо нисбат ба куфр дода намешавад. Онон ки ба тарафи қибла намоз мегузоранд, агар муртакиби гуноҳи кабира бошад ҳам бояд онро мӯъмин биҳисобем, ба ҳақиқат на ба маҷоз. Чунки имон тасдиқ ба дилу иқрор ба забон аст, аммо амал ба аркон бошад аз камоли имон аст. Дар шахси содиркунандаи гуноҳи кабира ин ду вуҷуд дорад, яъне тасдиқ ва иқрор. Бинобар ин ӯро мӯъмин гуфта метавонем. Ин ақидаи аҳли суннат вал ҷамоъат аст. Дигарон дар ин масъала ихтилоф доранд. Ба ақидаи онҳо амал ба аркон шарти имон аст. Гар амал ба аркон нашуд аз доираи имон берун мешаванд. Шахсе ки муртакиби гуноҳи кабира шавад ӯро мӯъмини фосиқ гуфтан ҷоиз аст, агар иқрор ба забону тасдиқ ба дил дошта бошад. Аммо ҳукм ба куфр карданаш мумкин нест.

## Фасли Масҳ

### Вал масҳу ъалал хуффайни суннатун.

Ва масҳ болои масҳӣ суннат асту ҷоиз аст.

Аз барои шахси муқим 24-соат ва барои мусофир 72-соат. Яъне баъди ин муддат масҳ ба охир мерасад. Ҷоиз будани масҳ ба суннат собит гаштааст ва касе инкор кунад мубтадиъ аст.

### Ваттаровиҳу фи лаёли рамазона суннатун.

Хондани намози таровеҳ дар шабҳои рамазон суннат аст.

Зеро ҳазрати Расули акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар шабҳои рамазон намози таровеҳ гузорида буданд. Гоҳо барои шафқати умматҳояшон тарк намуданд то ки воҷиб нагардад. Баъдан ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу) ин корро барои ҷамъ кардани ҷамоъат ташкил намуданд. Ин ҳам суннат аст зеро ҳазрати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтанд: Бар шумо лозим аст суннати ман ва суннати хулафои рошидин.

### Вассалоту халфа кулли баррин ва фоҷирин минал мӯъминина ҷоизатун.

Ва хондани намоз аз қафои кулли мӯъмини неку бад ҷоиз аст. Шахсе тарк кунад намози ҷамоъатро аз рӯи имоми фоҷир назди аксари уламо чунин шахс мубтадиъ (ҷори кардани кори нав дар шаръ) аст. Саҳеҳ ин аст, ки намозро мегузорад ва иъода ҳам намекунад, чунончи Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтаанд:

### "Саллу ъала кулли баррин ва фоҷирин ва ҷоҳиду маъа кулли баррин ва фоҷирин. "

Ва инчунин гуфтаанд:

## “Саллу халфа кулли баррин ва фоҷирин. “

Ҳар баду нек аз мусулмон гузашта бошад ҷанозаашро хонед ва инчунин аз қафои неку бад намозро гузоред, то ҷамоъати мусулмонон пароканда нашавад.

Аз ҳазрати Имоми Аъзам (разияллоҳу ъанҳу) пурсиданд, ки аҳли суннат вал ҷамоъат дар ин масъала ба чӣ ақида аст? ӯ дар ҷавоб гуфт, ки фазл донистани шайхайн, яъне (Абубакру Умар разияллоҳу ъанҳумо) ва дӯст доштани хатанайн, яъне (ду домоди Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)) ҳазрати Усмон ва Алӣ (каррамаллоҳу ваҷҳаҳу) ва ҷоиз доштани масҳ бар мӯза ё масҳӣ ва гузоридани намоз қафои ҳар баду нек. Ҳамчунин қасри намоз ва нагирифтани рӯза дар сафар (ниг. сураи “Нисо” ояти 101 ва сураи “Бақара” ояти 184) ин аст ақидаи аҳли суннат вал ҷамоъат, ҷавоб дод он ҳазрат.

## Ва ло нақулу иннал муъминина ло тазурруҳумуз занбу.

Ва гуфт ҳазрати Имом (раҳимаҳуллоҳ) албатта мо гуфта наметавонем, ки гуноҳ бар инсони мӯъмин зарару зиён надорад.

Агар баъди ҳосил кардани имону маърифат ҳам муртакиби гуноҳ гардад, бе зарару зиён намонад. Бинобар ин бояд истиғфор кунад.

Сарфи назар аз мақому мартаба шахси гуноҳ содир карда бояд ба истиғфор машғул бошад. Танҳо Паёмбарон аз гуноҳи кабира ва сағира поканд, на дигарон. Дар ин қавл иҷмоъи уммат ҳамақидаанд. Назди мазҳаби шиъа 12-имом низ покандy халос на дигарон, аз ҳамин сабаб онҳо аз қафои касе намоз намехонанд. Равияи “мурҷия” бошад мегӯяд, ки чун мӯъмин бо имонаш ҳамроҳ аст, ҳеҷ гуноҳе ӯро зарар нарасонад. Онҳо худро аз хавф амон гирифта ба “раҷо” (умеди том) гузаштаанд.

# Аҳли суннат вал ҷамоъат бошад ба ин ақида аст, ки банда дар миёни “хавф” ва раҷо” қарор дорад.

Ҳар касе дар худ ё пираш ё устодаш чунин эътиқод дошта бошад ва ҳисоб кунад, ки содир кардани гуноҳ зарар надорад, ӯ аз аҳли суннат вал ҷамоъат набуда, балки аз аҳли шиъа ё мурҷия аст. Аз ин хотир ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд:

## “Ло татрунӣ камо атрати-н-насоро Ъисо ва қулу ъабдуллоҳи ва расулуҳу”.

Сухани Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст, ки дар мадҳу мартабаи ман аз ҳадди эътидод нагузаред, чунон ки насоро дар нисбати ҳазрати Исо мадҳ намуда аз ҳад гузаштаанд ва гумроҳ шуданд.

Дар ҳақиқат ҳеҷ ҷоиз нест, ки инсон як инсони дигарро, ки на набӣ асту на расул ба дараҷае бишиносад, ки гӯё он нафар ҳеҷ ҷурму гуноҳ, саҳву хато ва камбудие надошта бошад. Гоҳо бе далел мегӯянд дар нисбати касе, ки “ӯ биҳиштӣ аст”. Ин ҳеҷ гоҳ қобили қабул нест. Албатта ҳурмати касеро ба ҷо овардан, касеро азиз донистан аз рӯи одобу илму маърифаташ хуб асту лозим, вале ҳукми ғайбиро дар ҳаққи ӯ баровардан ҷоиз нест. Ва фаромӯш набояд кард, ки инсон сарфи назар аз илму донишу мақому мартаба байни “хавф” ва “раҷо” қарор дорад.

## Вало нақулу аннаҳу ло ядхулуннора ва ло нақулу аннаҳу яхлуду фиҳо ва ин кона фосиқан баъда ан яхруҷа минаддунё мӯъминан.

Ва гуфта наметавонем, ки мӯъмини гунаҳкор дохили нор намешавад. Касе ки чунин ақида дорад ӯ дар мазҳаби “Мурҷия”, Мулоҳида” ва “Абоҳия” аст. Ва инчунин гуфта наметавонем, ки мӯъмини гунаҳкор доим дар нор мемонад. Агарчӣ фосиқ бошад ҳам аз дунё бо нури имон хориҷ шуда бошад, чунин соҳиби гуноҳтаҳти машияти Аллоҳ таъоло аст, ба шарте ки бо тавба рафта бошад. Чунин аст ақидаи аҳли суннат вал ҷамоъат.

## Ва ло нақулу инна ҳасанотино мақбулатун ва сайиотино мағфуратун кақавлил мурҷиъа.

Ва чунин гуфта наметавонем, ки ҳамаи корҳои хубе ки кардем, покизаву мақбуланд. Ва гуфта наметавонем, ки гуноҳҳои мо ҳама омӯрзида шудаанд. Чунон ки равияи “мурҷия” медонанд.

## Локин нақулу ман ъамила ҳасанатан би ҷамиъи шароитиҳи холиятан ъанил ъуюбил муфсидоти вал маъонил мубтилоти ва лам юбтилҳо бил куфри варриддати ҳатто хараҷа минаддуня мӯъминан фа-инналлоҳа таъоло ло юзиъуҳо бал яқбалуҳо минҳу ва юсибуҳу ъалайҳо.

Ва локин гуфта ва эътиқод карда метавонем, ки шахсе амали хайр кунад ба ҷамиъи шароити лозимиаш аз ибтидо то интиҳо ва орӣ бошад, он амалаш аз айбҳои фосидкунанда ва холӣ бошад аз маънҳои ботилкунандаи ботинӣ ва инчунин он нафар аз ибтидо то интиҳои умраш дар худ куфру уҷбу риёро роҳ надиҳад ва гузашта аз ин таъкидан омада, ки он амалро аз ботилу фосид нигоҳ дорад ва ба ҳамин сифат аз дунё равад, пас албатта Аллоҳ таъоло он амалро зоеъ нагардонад. (ниг. сураи “Тавба” ояти 120 ва сураи “Оли Имрон” ояти 171) .

Аллоҳ таъоло ба фазлу карамаш ин амалро қабул мекунад ва ба муқтазои ваъда ва ҳукми худ ба шахси амали некро анҷом дода савобу аҷри некӣ медиҳад.

## Ва мо кона минассайиоти дунашширки вал куфри ва лам ятуб ъанҳо соҳибуҳо ҳатто мота мӯъминан фаиннаҳу фи машиятиллоҳи таъоло ин шоа ъаззабаҳу биннори ва ин шоа ъафо ъанҳу ва лам юъаззибҳу биннори аслан.

Ва ҳар амал ки содир шавад (аз гуноҳе), ки ғайри ширк ва ғайри куфр бошад ва гуноҳ сарфи назар аз он ки ӯ сағир аст ё кабир, агар аз гуноҳи кардааш тавба накунад ва бетавба аз олам раваду бо нури имон бошад, пас албатта он шахс дар машияти Аллоҳ таъоло аст. Агар хоҳад Аллоҳ таъоло бо адли худ миқдори он гуноҳ он нафарро азоб мекунад ва агар хоҳад бо фазли худ ӯро афв намояд ва ба коми дӯзахаш надиҳад, балки ба ҷаннат маъвояшро арзонӣ дорад.

Дар ривояте омада, ки дӯзах дорои табақаҳои гуногун аст. Аз он яке омода карда шудааст аз барои мӯъминҳои гунаҳкор. Чун мӯъминҳои гунаҳкор муртакиби гуноҳшуда дар он табақа ба миқдори гуноҳҳояшон ҷазо мегиранд, ба фазлу карами Аллоҳ таъоло ва ба шафоати шафоаткунандагон аз он ҷо раҳо ёфта ба ҷаннат раванд. Пас он мавзеъ ба як макони беодам ба саҳро табдил мегардад. Аз ин ҷо чунин бар меояд, ки дар дӯзах ҳама бо ҳам омехта нестанд, балки гурӯҳ-гурӯҳ ва табақа-табақа қарор мегиранд.

# Фасли Риё

## Варриёу изо вақаъа фил ъамали минал аъмоли фаинннаҳу юбтилу аҷраҳу.

Ва риё ҳарвақто ки воқеъ шавад дар амале аз амалҳо, пас албатта он риё ботил мегардонад аҷри он амалро.

Риё корест, ки амал на барои савобу ризои Аллоҳ таъоло, балки барои касбу шӯҳрату ном ва таърифу тавсиф шунида аз мардум ба ҷо оварда шудааст.

Сумъа корест, ки дар иҷрои он ризои Худо мушоҳида намешавад, балки ба он хотир аст ки мардум бишнаванд. Чунин риё ва сумъа дар амале зоҳир шавад чӣ дар ибтидо ё миёна ва ё интиҳо, пас шахси амалкунанда зулм кард бар нафсаш ва амалро тавре лозими савоб буд ба ҷо наовард. Аз ин ҷо ин шахс на инки савоб намегирад, балки гунаҳкор ҳам мешавад. Зеро риё ва сумъа аз ҷумлаи ширки асғар маҳсуб меёбад (ниг. сураи “Каҳф” ояти 110).

Барои он ки амалҳо қабул шаванд, бояд онҳо аз ширки хафӣ (пинҳонӣ) ва ҷалӣ (ошкоро) холӣ бошанд.

Агар дар амале қасди риё ва сумъа бо қасди тоату ибодат зоҳир гардад, яке аз он ғолиб ояд ё ҳарду мусовӣ бошанд, албатта ин савобро ботил ва гуноҳро пайдо мекунад, чунки “ҳадис” ом омадааст.

Ривоят шудааст аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам. Шахсе амалеро барои ризои Аллоҳ таъоло ба ҷо овард ва ҳамзамон боз каси дигареро ба ҷуз Худованд шарик донист, пас бояд ки савобашро аз ғайри Аллоҳ таъоло дархост намояд, ба дурусти ки Аллоҳ таъоло ғанитарини шарикон аст. Яъне ба ширк Аллоҳ таъоло ниёз надорад, ки ба ҷуз ӯ дар иҷрои амал каси дигаре шарик дониста шавад. Аллоҳ таъоло амалеро қабул мекунад, ки хос барои ризои ӯ бошад. Дурӯягӣ дар иҷрои амал нашояд.

## Ва казоликал ъуҷбу.

Ва инчунин уҷб ҳам мисли риё ва сумъа аҷри амалро ботил месозад.

“Уҷб” онро гӯянд, ки шахс ба худ мефахрад, менозад ман-манӣ мекунад. Асосан ботилкунандаи амал ҳамин се аст. Ғайр аз ин, дигар сайиот низ боиси дур гардидани савоби амал шуда метавонад. Вале ҳамаи онҳо асосан ба он се, ки дар боло зикршуда дохил мегарданд. Хулоса дуркунандаи “аҷр” кори фасод аст, ки он иборат аст: аз риё, сумъа ва уҷб. Ва дигар ботилкунандаҳои амал ҳам таҳти ин се шоха қарор доранд.

## Вал оёту собитатун лил анбиёи вал кароmоту лил авлиёи ҳаққун.

Оёт: ҳодисаи хориқулодат аст (аз одати инсонҳо берун), яъне мӯъҷизаҳо аз сӯи анбиё ъалайҳимуссалом ва каромот аз сӯи дӯстони Худо (авлиё) ба вуқӯъ меояд. Ин ҳақ асту рост ва бо китобу суннат собитшуда аст.

# Фасли Каромот

Аҳли бидъат ва мӯътазила каромотро инкор мекунанд, ки ин эътибор надорад. Хулоса агар амали ғайри чашмдошт ва аз ақл берун аз тарафи анбиё сар занад, мӯъҷиза ва аз сӯи авлиё ба амал ояд, онро

каромот хонанд. Мисоли мӯъҷиза зинда гардонидани мурдаи чандсола аз сӯи ҳазрати Исо ъалайҳиссалом, берун кашидани уштури сафед аз санги хоро аз ҷониби ҳазрати Солеҳ ъалайҳиссалом, аз оташ солим берун омадани Иброҳими халилуллоҳ ъалайҳиссалом, аз бузи бешир ба таври фаровон шир овардани ҳазрати Муҳаммад ъалайҳиссалом, ки асҳоби онҷо буда сер шуданд ва дигар мӯъҷизаҳои Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бисёр аст. Шунидани асҳоб тасбеҳ гуфтани сангҳои дар дасти Расулуллоҳ буда Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро ва сухан гуфтани оҳу дар саҳро вақто ки Расулуллоҳро дид ва ғайра.

Агар чунин амал аз ғайри паёмбар ба вуқӯъ ояд, онро каромот гӯянд. Мисли ин ки ҳазрати Саъд ибни Абиваққос Даҷларо убур кард, вале пояш тар нашуд, ё ҳазрати Умар дар вақти хутба хондан гуфт: ”Ё Сорияту-л-ҷабала”. Мардуми онҷо буда дар ҳайрат монданд, ки он ҳазрат дар миёни хутба чунин гуфт, ки “Ай Сория ба тарафи кӯҳ сангар бигир”. Баъдтар ҳақиқати кор барои эшон кашф шуд. Дар он айём қумандони лашкари ислом Сория ибни Заним дар Ироқ муҳориба дошт дар муҳосира монда буд, аз ин хотир ҳазрати Умар ӯро гуфтанд, ки сангар ба сӯи кӯҳ бигир то раҳо ёбӣ. Сория инро шунида чунин кард ва наҷот ёфт. Чунин корҳо танҳо барои нусрати дин буду бас.

Ба ғайри ин каромот ба манфиати шахс низ рӯй додааст. Шахсе буд ба Худо наздик, ки Солат ибни Ашям ном дошт ба ҷое қасди сафар карда буд, вале дар роҳ маркабаш фавтид. ӯ ба сӯи Худо дасти дуо бардошта бисёр тазарруъу зорӣ кард, то Худованд маркаби вайро аз нав зинда гардонад. Ба амри Худо маркаб зинда гашт. Чун он бузургвор ба хонаи худ расид писарашро гуфт, ки зинро аз маркаб бигирад то замоне он биосояд. Чун писараш зинро аз маркаб бардошт, он ба замин ғалтид, диданд ки он кайҳо мурдааст. Чунин каромотҳо ҳақ асту рост ва исботшуда аз аҳли суннат вал ҷамоъат ва инчунин аз асҳоби киром ҳам чунин кароматҳо ривоят шудааст.

## Авлиё шахсест, ки мӯъмину мусулмон ва соҳиби тақво аст (ниг. сураи “Юнус” ояти 63).

Мақому мартабаи валигӣ ба даъво ва таманно ҳосил намешавад, балки он ба имони зиёд ва тақво ба даст меояд. Пеш аз он ки касеро авлиё гӯем бояд ба назар гирифт, ки мӯъмину мусулмони муттақӣ бошад ва дар ҷодаи тақво нисбат ба дигарон хеле боло қарор дошта бошад ва билохира дар чорчӯбаи авлиёӣ, ки шариат муайян намудааст, биғунҷад. Дар ин бора дар китоби сӯфи Аллоҳёр: ”Маслакул муттақин” шарҳи муфассале ҳаст.

Мардуми мо мутаасифона фарқи каромот ва фаросатро намедонанд. Ҳазрати Холид заҳр ошомид, вале сиҳату саломат монд? Ин аст каромот. Чунин каромот аз ғайри асҳоб низ ба вуқӯъ омадааст. Мӯътазилаҳо, ки чунин амалро дар худ надидаанд онро инкор мекунанд. Аҳли Шиъа бошад каромотро хоси 12-имомашон медонанд. Ҳазрати Имоми Аъзам разияллоҳу анҳу бо ҷумҳури уламо мувофиқат карда мегӯяд, ки ҳар кори хориқул одат, ки аз анбиё сар занад мӯъҷиза ва аз авлиё рух диҳад каромот аст.

Аз Абуалои Ҷузҷонӣ разияллоҳу анҳу омада, ки гуфт:

## “Кун толибан лил истиқомати, ло толибан лил кароматиˮ

Бош толиби истиқомат дар шаръ ва набош толиби каромат.

еро нафси инсон ба талаби каромот майл мекунад. Парвардигор истиқомати инсонро дар шариат талабгор аст. Хулоса кашф намудани илм ба умури шаръия беҳтар аст аз умури кавния (каромот). Агар аввал набошад ё бошаду бануқсон бошад, пас бар зарари дин аст. Агар аввал бошаду сонӣ набошад боке нест.

Акнун чанд сухан аз боби «фаросат». Фаросат ба се навъ аст:

Аввал фаросати имония. Ин нурест, ки ба дили банда ӯро Аллоҳ таъоло ҷой медиҳад. Ва ба сабаби он қувваи дарк ва фаҳми банда меафзояд. Дар натиҷа ба ҳасби қувваи имони ҳар банда ҳосил мегардад. Шахсе имони қавӣ дошта бошад, фаросаташ ҳам боқуввату баланд мегардад. Баъзе ба ин ақидаанд, ки фаросат мукошафаи нафс ва муайянаи ғайб буда ин ҳам ба ҳукму иродаи Аллоҳ таъоло ва яке аз мақоми олии имон аст. Валлоҳу аълам.

Дуюм фаросати риёзия. Яъне дар натиҷаи риёзат кашидан фаросат ҳосил мегардад. Риёзат кам хоб рафтану бисёр ибодат кардан аст, кам гуфтану кам хӯрдан аст. Дар хилват бештари вақт ибодат намудан ва саркӯб сохтани нафс аст. Фаросате ки аз ин ба даст меояд, муштарак аст байни мӯъмин ва ғайри мӯъмин. Ҳаркадоме аз инҳо метавонанд чунин фаросатро соҳиб гарданд. Ин аз имон вобаста нест, ва онро вилоят гуфтан нашояд.

Чунки ғайри мӯъмин аз чунин фаросат ягон ҳаққи нафъдор ё ягон роҳи росту дурустро кашф карда наметавонад, ин мисли хоб ва мисли таҷрибoти табибон аст. Кашфи чунин ашхос ба мисли кашфи табиб аст, ки набзи беморро дошта дарди ӯро муайян мекунад, ин ҳам пешравии фаросат аст ва хуб ҳам ҳаст ба шарте, ки худро ғайбдон эълон нанамояд.

Сеюм фаросати хилқия ё халқия аст. Дар ин масъала табибон китоби бисёре тасниф кардаанд. Дигарон низ чунин китобҳо навиштаанд ва далелҳо ҳам овардаанд. Инчунин аст, ки ба хилқати инсон нигоҳ карда хулқашро баҳо медиҳанд, байни хилқат ва хулқати инсон иртиботе вуҷуд дорад, ки аз рӯи аввал сониро муайян мекунанд. Масалан сари аз ҳад хурдро далел медонанд ба ақлу тамизи кам ва сари шаклан миёнаро далел медонанд ба ақли дуруст. Инчунин аз чашми инсон ҳолати қалбро муайян мекунанд. Ва монанди ин мисолҳо зиёд аст ва лекин ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд, ки:

«Аз фаросати мӯъмин ҳазар кунед, зеро инсони мӯъмин ба нури Худо назар мекунад».

Ва медонад чи бар инсон гузашту чи дар дил дорад. Чунин ҳодисаҳо дар асҳоби киром гузаштааст (ниг. сураи “Ҳиҷр” ояти 75).

## Ва аммаллати такуну ли аъдоиҳи мислу Иблиса ва Фиръавна вад Даҷҷола миммо рувия фил ахбори аннаҳу кона ва якуну лаҳум ло нусаммиҳо оётин ва ло каромотин ва локин нусаммиҳо қазоа ҳоҷотин лаҳум.

Аммо корҳои хориқул одате аз душманони Худо (ҷалла ҷалолаҳу) мисли иблис, ки замоне дар машриқ асту замоне дар мағриб ва инчунин дар ботини инсон баҳри васваса андохтан ва мисли Фиръавн, ки дарёи Нилро ба хости худ ҷорӣ мекард (ниг. сураи “Зухруф” ояти 5) ё ҳангоми ба қасраш ворид шудан қадамони аспаш бо хости ӯ дарозу кӯтоҳ, тезу оҳиста, пасту баланд мегашт ва мисли Даҷҷол, ки як инсонро мемиронад боз зинда месозад ва оянда низ чунин амалҳо хориқул одат рӯй хоҳад дод. Мо онҳоро мӯъҷиза намегӯем, зеро мӯъҷиза фақат хоси анбиё аст ва каромот ҳам намегӯем, зеро каромот хоси авлиёву асфиё аст, ки мӯъмину мусулмону парҳезгоранд. Аммо корҳои ғайри одат агар аз ашхоси Худоношинос сар занад ҳам ҳеҷ тааҷҷуб надорад. Зеро дунё барои Худо арзише надорад ва ба касе чунин ҳунар хоҳад медиҳад. Карам ва ҷуду бахшиши Аллоҳ таъоло ом аст. Ҳоҷати душманони худро ҳам раво месозад. Ин барои истидроҷи онҳост, яъне ривоҷу равнақашон аст. Вале онҳо ҷои он ки рӯ ба Худо биёранду ба худ биёянд, баръакс худро гум месозанд ва ин лутфи Худованд бар зарару зиёни онҳо қарор мегирад. Ва бил охира ин ривоҷу равнақашон сабаби азобу уқубаташон мегардад (ниг. сураи “Аъроф” ояти 182).

Ин ашхосро ҳар қадар неъмат афзун гардад, гумон мекунанд ки бандаи дӯстдоштаи Худоанд ва ба ӯ наздиктаринанд, аммо намедонанд ки назди Худованд бандагони мӯъмину солеҳу батақвову парҳезгор наздиктаранд.

## Ва яғтарруна биҳи ва яздодуна туғёнан ва куфран ва золика куллуҳу ҷоизун ва мумкинун.

Инсонҳои Худо бехабар чун дар кори худ ривоҷу равнақ бубинанд, онро эҳсони Худованд медонанд ва аз ин мағрур мегарданд. Агар фоҷир бошанд туғён мекунанд, агар кофир бошанд кофириашонро боз зиёдтар мекунанд, чунон ки Фиръавни лаъин 400-сол умр ба сар бурд ва ягон камбудӣ надид. Ҳатто ки дар ошхонааш зарфе нашикаст, ин ҷои ҳайрат нест, чунин шуданаш мумкин аст ва нақлан собит гаштааст. Бубинед Иблис баъди мардуд шуданаш гуфт: ”Ё раб мӯҳлат деҳ маро, то рӯзи барангехтан”. Худованд инро иҷобат кард ва мӯҳлат дод (ниг. сура “Ҳиҷр” ояти 37).

Боз мегардем хонандаи азиз сари масъалаи каромот. Шайх Сӯҳрвардӣ разияллоҳу анҳу гуфта, ки бисёре аз муҷтаҳидини ибодатгузор шуниданд салафи солиҳинро аз ончи дода шуда буд ба онҳо аз каромот. Онҳо аз ин каромот ва моҳияти он хабардору огоҳ буданд ва дӯст медоштанд, ки ба чизе аз он баҳравар бигарданд. Ва баъзеҳоро, ки каромот ҳосил намешуд дилшикаста буданд ва дар ваҳм мегирифтанд амалҳои худро, ки оё онҳо дурустанд ё на ? Талаб кардани нафс барои истиқомат дар шаръ ин ҳам мисли каромот аст чунончи, ки салафи солиҳин карданд.

## Ва коналлоҳу таъоло холиқан қабла ан яхлуқа ва розиқан қабла ан ярзуқа.

Ва буд Аллоҳ таъоло халққунандаи махлуқот пеш аз халқ кардани он махлуқот. Чунки сифати холиқият дар Аллоҳ таъоло азалан вуҷуд дошт. Ва инчунин Аллоҳ таъоло розиқи махлуқот буд пеш аз ризқ доданаш ва ин сифати азалии вай аст. Аллоҳ таъоло ба илми қадими худ медонист, ки ба сифати холиқияташ махлуқотро халқ мекунад ва ба сифати розиқияташ махлуқотро ризқҳои гуногун медиҳад.

Ҳазрати Имоми Аъзам раҳматуллоҳи ъалайҳи бори дигар ин ду сифатро такрор кард, ки хосу ом бифаҳманд, ки эътиқоди дурусте, ки ба он эътимоду боварӣ карда шавад ҳамин аст. Ва эътиқоди аҳли суннат вал ҷамоъат ҳам ҳамин аст. Зеро гузаштани сифати холиқият ва розиқият дар васфи субҳонаҳу ва таъоло пеш аз вуҷуди халқ ва пеш аз вуҷуди ризқ ҳақиқат аст на баъд.

# Дида шудани Худованд дар Охират

## Валлоҳу таъоло юро фил охирати ва яроҳул мӯъминуна ва ҳум фил ҷаннати би аъюни руъусиҳим било ташбиҳин вало каммийятин. Вало якуну байнаҳу ва байна халқиҳи масофатун.

Худованди таборак ва таъолоро дар охират дида мешавад. Дар ин масъала аҳли суннат вал ҷамоъат иттифоқанд. Зеро ин дар Қуръони маҷид ва ҳадисҳои набавӣ ворид шудаву собит гардидааст. Агар мӯъминон дидори Аллоҳ таъолоро намедиданд, пас дар Қуръони маҷид бандагони рад шударо сарзаниш ва ҳушдор дода намешуд, ки фардо чун Аллоҳ таъоло ҷамоли ҷаҳонорои худро нишон диҳад, пеши онҳоро пардае ҳиҷоб мегардад ва онҳо рӯи холиқи худро намебинанд. Мӯъминон ба дидори холиқи худ мушарраф мегарданд беташбеҳу монанд ва бекайфияту бе камият. Яъне ҳайъату манзарашро гуфта наметавонем.

Мо фақат гуфта метавонем, ки Худои худро дар ҷаннат ба чашми сар мебинем. Ва инчунин нест миёни Аллоҳ таъоло ва халқаш масофаи дуру наздик ва на баҳам часпида ва аз ҳам ҷудо. Онҷиро ки ақл тақозо дорад дар ин боб мо инро нафӣ (сарфи назар) мекунем ва онҷиро нақл собит мекунад, мо ҳамонро собит медонему имон меорем. Ин ҳам аз ҷумлаи муташобиҳот аст аз рӯи ҷиҳат, миқдор ва чигунагӣ. Албатта хабар мисли муояна нест барои рӯъяти (дидани) Парвардигор (ниг. сураи “Юнус” ояти 26).

Аз Расули акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳадисе омада, ки он дар “саҳеҳи Муслим” ривоят шудааст:

”Ҳарвақто ки дохил шавад аҳли ҷаннат ҷаннатро, Аллоҳ таборак ва таъоло мегӯяд: “Ирода доред чизеро, ки ман ӯро бароятон зиёда созам”.Пас мегӯянд аҳли ҷаннат, ки оё сафед накардӣ рӯйҳои сиёҳи моро бо наҷот додани мо аз нор ба дохили ҷаннат гардонидан? Расулуллоҳ идома медиҳад: ”Пас мебардорад пардаро аз рӯи аҳли ҷаннат ва назар мекунанд ба сӯи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло ва мебинанду мефаҳманд, ки ҳеҷ чизе хубтар аз назар ба сӯи ҷамоли Парвардигор дар ҷаннат надода будааст."Беташбеҳу бекайфияту беҷиҳат. Валлоҳу аълам.

Ҳаст ашхосе, ки мегӯянд Худовандро дар хобамон дидаем ва дигару дигар дар китоби мӯътабар “қозихон” дар ин боб омада, ки сухан дар ин мавзӯъ набояд бошад. Зеро дар ин масъала сухан кардан ба хурофот мебарад.

## Имон

# Вал имону ҳувал иқрору ват тасдиқу.

Ва имон (боварӣ) иқрор ба забону ва тасдиқ ба дил аст.

Ҳазрати Имом разияллоҳу анҳу мегӯяд, ки ба як иқрори забонӣ имон ҳисоб намешавад. Агар ин имон шуморида мешуд, мунофиқон ҳамаашон мӯъмин ҳастанд.Ва инчунин шинохтану тасдиқ ба дил ҳам ба танҳоӣ имон ҳисоб намеёбад. Агар ин дуруст мебуд, пас ҳама аҳли китоб ҳам мӯъмин ҳисоб меёфтанд. Худованди мутаъол мегӯяд, ки:

# ”Мунофиқон дурӯғгӯй ҳастанд дар сухани худ”.

Зеро назди Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омада рӯякӣ, яъне ба забон имон оварданашонро иқрор намуданд, вале ба дилашон тасдиқ нанамуданд.

Ва аҳли китоб бошад китоби Худо ва Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро мешинохтанд, вале иқрор нанамуданд. Бинобар он, ки Пайғамбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро ба дил шинохтану иқрор накарданд, ба онҳо манфиате аз ин намерасад.Зеро онҳо якравӣ карда гуфтанд, ки ин Пайғамбар барои арабҳо фиристода шудааст. Ҳол он ки собит аст Паёмбари мо саллаллоҳу алайҳи ва саллам на танҳо барои мардуми араб, балки барои тамоми рӯи замин, чӣ инсу ва чӣ ҷин ба сифати паёмбар ирсол гардидааст. Ҳамин тариқ аҳли китоб як навъ иқрор ҳам карданд, локин холисан не.

Бидон азизам, ки хубтарини рукни имон, ки ҳеҷ вақт эҳтимоли нест шуданро надорад, ин тасдиқ ба дил аст дар ҳаққи мусулмон. Локин иқрор бо забон ин шарти имон ё шатри (нисф ё ҷузъ) имон ва як рукни хубе аз имон аст. Аз ҳамин ҷиҳат дар ҳолати “икроҳ” (маҷбурӣ) муваққатан соқит мешавад. Масалан агар лафзан на қалбан барои наҷоти нафсаш калимаи куфрро зоҳир кунад, кофир намешавад. Ин ба он хотир рӯй додааст, ки хавфи ҳалоки нафс пайдо шуд, барои дур кардани ҳалоккунандаи нафсаш дар ҳолати “икроҳ”зоҳиран на қалбан чунин амал ҷоиз аст. Ин бе ҳеҷ вачҳ

бадал кардани эътиқод нест (ниг. сураи “Наҳл” ояти 106), аммо бадал кардани эътиқоду имон дар ҳолате рӯй медиҳад, ки инсон қодир аст ва имкон дорад, ки калимаи куфрро ё розигии худро ба куфр надиҳаду нагӯяд, локин мутаассифона гуфту кард, кофир мегардад. Ана инро метавон бадали эътиқод гуфт.

Вақто ки як рукни асосии имон аз дасти он инсон рафт, пас он шахс бояд аз сари нав калимаро арза кунад ва дигар шарту шурутро ба ҷо биёрад.

Имон он аст, ки инсон тасдиқ ба дил дошта бошад, ки ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) паёмбари бар ҳақ аст ва ҷамиъи ҳукмҳо ва рукнҳо, ки ба он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз ҷониби Аллоҳ таъоло омадааст қабул дорад ва ба қадри тоқат ба ҷо меорад. Агар чунин гӯяд, пас он инсон аз ӯҳдаи имондориаш муҷмалан ва гуфта метавонад, ки ман мӯъминам. Локин дараҷаи имони муҷмал аз имони муфассал пасту поён нест.

Агар шахсе имони муҷмалро бар забон ронад, вале ба воҷиб будани намоз ё ҳаром будани хамр ва монанди инҳо тасдиқ надошта бошад, он шахс кофир аст. Зеро, ки воҷиб будани намозу ҳаром будани хамру хуку зино ва дигарро ҳатто оммаи халқ медонанд ва барои донистани ин мӯҳтоҷ ба далелу бурҳон ҳам нест. Мисли воҳид будани Аллоҳ таъоло. Аммо иҷтиҳодиётро агар мункар шавад кофир нест (иҷмоъан).

Аз ин ҷиҳат ҳазрати Имом (раҳимаҳуллоҳ) гуфт, ки “Ал имону иқрорун ва тасдиқун” дар давоми суханаш бил мӯъману биҳиро илова накард. Зеро иқрор ба забон шарти иҷрои аҳкоми дин аст дар дунё ва тасдиқи қалб як амри ботинист. Пас барои амри ботинӣ зарур аст аломати зоҳирӣ. Шахсе тасдиқ ба қалб дорад, аммо иқрор ба забон надорад ӯ назди Худованд маълум аст, на ин назди шаръи шариф.

Ва шахсе тасдиқ ба дил надорад, вале иқрор ба забон дорад мисли мунофиқон аст. Баръакси гуфтаи боло назди шаръи шариф қабул аст, аммо назди Худованд қабул нест (ниг. сураи “Муҷодала” ояти 22, сураи “Наҳл” ояти 106, сураи “Ҳуҷурот” ояти 14).

Ба ривояти ҳадиси Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз Тирмизӣ, Насоӣ, ибни Моҷа ва дигарон ба мо расида, ки вақте Усома касеро кушт, он шахс калима арза мекард. Чун хабар ба Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) расид, аз Усома пурсид, ки "чаро ӯ калима арза карду вайро куштӣ?” Усома гуфт: Вай аз тарс калимаро ба забон овард. Расулуллоҳ гуфт: ” Оё дили вайро шикофта дидӣ, ки дурӯғ мегуфт ё рост?” Бинобар ин, шариъат ба зоҳир менигарад.

## Ва имону аҳлисссамавати вал арзи ло язиду вало янқусу мин ҷиҳатил мӯъману биҳи ва язиду ва янқусу мин ҷиҳатил яқини ват тасдиқи.

Ва имони аҳли самовот аз малоика ва аҳли ҷаннат ва замин ва анбиё ва ҷамиъи мӯъминин аз накӯкорону бадкорон на зиёд мешавад ва на кам аз рӯи мӯъману биҳи (он чизе, ки имон оварданд ба ҳамон чиз зарур аст). Ва зиёду кам мешавад аз ҷиҳати яқину тасдиқ.

Зеро тасдиқ мувофиқи таҳқиқӣ набошад дар мақоми гумон ҷой мегирад. Дар мақоми эътиқод гумон фоидарасон нест. Чунки Аллоҳ таъоло мегӯяд: ”Гумон аз ҳақ чизеро беҳоҷат гардонида наметавонад”. Дар ҳақиқат аз ҳайсияти асли тасдиқ имон зиёд ва кам намегардад. Ҳама баробар аст. Баъди тасдиқу иқрор боз яқину тасдиқи айнӣ лозим аст. Дар ин мартаба инсонҳо гуногунанд ва аз ин ҷиҳат имонашон зиёду кам мешавад. Масалан баъзе инсонҳо “мӯъманубиҳи”-ро ҳаққуляқин тасдиқ мекунанд, баъзе дигар ба таври “ъайналяқин”тасдиқ месозанд. Онҳо дар дин комил шудану динро комил карданашон ба ҳам баробар нестанд. Чунончи ҳазрати Иброҳим ъалайҳиссалом гуфт: ”Ай Парвардигор маро бинмой, ки чи гуна мурдаро зинда мегардонӣ”. Худованд ба ӯ гуфт: Оё бовар

надорӣ ба ин?” Ҳазрати Иброҳим ъалайҳиссалом гуфт: «Бовар дорам, аммо мехоҳам дилам ором бигирад».

Далели дигар ин аст, ки масалан мо баромадани офтоб ва офарида шуда будани олам бовар дорем. Ин ҳарду ба боввариамон даромадааст. Аммо тасдиқи мо ба тулӯъи офтоб бештар аст. Чунки онро ҳар рӯз мушоҳида мекунему айналякин тулӯъи офтобро тасдиқ мекунем.

Агар мардум ҳама соҳиби дарахти имонанд, вале он дарахт аз рӯи баргу мева, обу пӯст, мағзу ранг, бӯю таъм ва навдаю шоха ва дигар ҷиҳат як хел ва ба ҳам баробар нест. Аз ин хотир мо гуфта наметавонем, ки имони мо мисли имони ҳазрати Абубакр разияллоҳу анҳу аст. Ва низ ба таври қатъӣ медонем, ки имони кулли уммат мисли имони ҳазрати Пағамбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам нест. Зеро ҳеҷ кас дар яқин, виқор, субот, ирфон ва ғайра ба Паёмбарамон саллаллоҳу алайҳи ва саллам баробар шуда наметавонад.

Ҳазрати Имом Муҳаммад разияллоҳу анҳу гуфта, ки ман макрӯҳ меҳисобам агар гӯям, ки имони ман мисли имони ҳазрати Ҷабраил ъалайҳиссалом аст. Ва аммо баробарӣ дар имон ба ин тарз сурат бигирад, ки бигӯй имон овардам баончи ки имон овард ҳазрати Ҷабраил ъалайҳиссалом. Чаро ки имони мо аз ягон ҷиҳат дар ибтидои амал ва чи дар интиҳои амал монанди имони ҳазрати Ҷабраил ъалайҳиссалом шуда наметавонад.

Хулоса зиёд ва кам шудани имон ба эътибори қувват ва заъиф яқин доштани инсон вобаста аст. Тоъату ибодат бошад ин самараи имон аст ва натиҷаи яқин кардани инсон умури шаръиро ва нуронӣ сохтани дил бо нури ирфонии Аллоҳ таъоло аст. Бар хилофи гуноҳ, ки дилро сиёҳ ва муҳаббати Худоро заъиф месозад.

Дар исён доим будан мумкин аст, ки инсонро ба зулумоти куфр бикашад. Зеро такрори гуноҳи сағира инсонро ба сӯи гуноҳи кабира мекашад ва кабира ба сӯи куфр. Ҳамин аст муқтазои мазҳаби аҳли суннат вал ҷамоъат.

Аз Худо талаб дорем офият ва ҳусни хотимаро.

## Вал муъминуна муставуна фил имони ваттавҳиди мутафаззилуна фил аъмоли.

Ва ҷамоъати мӯъминҳо ҳама дар асли имону тавҳид баробаранд. Аммо дар амал бошад аз ҳамдигар фарқ доранд. Дар ин ҷо ҳазрати Имом имону тавҳидро пай дар пай зикр кардааст. Зеро куфр бо ҳамроҳи имон мисли кӯр бо ҳамроҳи бино аст. Албатта он имон эътибор дорад, ки ҳамроҳаш тавҳид бошад.

Агар имон бошаду тавҳид набошад, ё ки тавҳид бошаду олуда ба чизҳои мамнӯъ ба мисли фикру хаёлҳои ношоям дар тоъату ибодат, ингуна имон ҳам суде надорад. Ин бо он монанд аст, ки нури чашми инсон кам мегардад, албатта пӯшида нест, ки чашми камнур мисли чашми солиму пурнур намебинад. Имон ва тавҳиди олуда ба шубҳаву гумону дудилагӣ низ ҳамин тавр аст.

Аз ин хотир ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки имони ман мисли имони ҳазрати Ҷабраил ъалайҳиссалом аст. Балки тавре дар боло гуфтем метавонад бигӯяд, ки имон овардам ба ончи ки ҳазрати Ҷабраил ъалайҳиссалом имон овардааст. Ҳамчунин гуфтан ҷоиз нест, ки имони ман мисли имони ҳазрати Абубакр ё Умар (Худованд аз он ду розӣ бод) ё ҷамиъи анбиё (бар ҳамаи онҳо салоту салавот) аст. Масалан: ҳама дар гуфтани калимаи тавҳид баробаранд, аммо дар баҳра бурдан аз нури имон дар як мартаба қарор надоранд. Нури калимаи тавҳид дар дили аҳлуллоҳ чунон маъво гирифта, ки чигунагии онро танҳо Худованд медонад. Дар баъзе мисли шамс (офтоб), дар баъзе мисли моҳ, дар

баъзе мисли ахтари рахшон, дар баъзе дигар монанди машъали бузург ва дар баъзе чун чароғи хира ва монанди инҳо қарор дорад.

Имони касе пурнуру равшантар аст, ки тавҳидаш бузургу қавӣ ва бе нуқсон аст. Тавҳид ҳар қадар, ки пурнуру қавӣ бошад, нури он шубҳаву гумону хаёлоти мағшуши нолозимро сӯзонда дур мегардонад. Барои дур кардани шаҳавот, шубҳаву гумон ва ҷумла бадиҳо, дар комил сохтани тавҳид меҳнату кӯшишу ғайрату дурандешии бисёр лозим аст. Вале баъзеҳо инро саҳл мепиндоранду даст ба амалҳои зидди тавҳид мезананд. Аз ин ҷост, ки ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтаанд:

### "Инналлоҳа таъоло ҳаррама ъала-н-нори ман қола ло илоҳа иллаллоҳу ябтағӣ бизолика ваҷҳаллоҳи".

Ва дар ҳадиси дигар омада, ки:

### "Ло ядхулу-н-нора ман қола ло илоҳа иллаллоҳу".

Албатта Аллоҳ таъоло оташи дӯзахро барои касе, ки "Ла илаҳа иллаллоҳ" гуфта бо ибрози ин калима ризои Парвардигорро таманно кардааст, ҳаром ҳукм фармуда. Ва дар ҳадиси баъд омада, ки дохил намешавад норро гӯяндаи "Ла илаҳа иллаллоҳ". Ва монанди ин ҳадисҳо бисёранд.

Мардум дар фаҳми ин ҳадисҳо ба мушкилӣ дучор омадаанд. Баъзеҳо гумон карданд, ки ҳадисҳои мазкура мансуханд (яъне амал ба онҳо манъ шуда) ва баъзе дигар ақида карданд, ки онҳо пеш аз омадани амру наҳй ворид шудаанд. Аммо гурӯҳи дигар чунин ҳукм баровbooарда, ки гӯяндаи калима бо мушрикону кофирон дар як ҷо қарор намегиранд. Шориҳҳое гуфтанд, ки бинобар итлоқ ин ҳадисҳо гуфта намешавад. Зеро далелҳои бисёр мавҷуд аст, ки мӯъминони гунаҳкорро дидани нор ногузир аст. Танҳо баъд аз шафоати шафоаткунандагон ба розигии Аллоҳ таъоло аз нор наҷот меёбанд.

Ҳадиси Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро уламои киром чунин таъвил кардаанд: Ин дар ҳаққи шахсе гуфта шудааст, ки калимаи тавҳидро ба забон ронда онро ба амали солеҳ зинат бахшида бошад. Ё ки ба тамоми сидқ ва қатъияти том гуфта бошаду филҳол ҷон дода бошад. Ё муқтазои калимаро ғолиб оварда бошад.

Зеро, ки инсони муваҳҳид амал мекунад ба тоат ва аз маъсият парҳез месозад. Ё мурод аз ҳаром гардонидани оташ ин буда, ки бо доштани ин калима, дар оташ нигоҳ доштанаш доимӣ ҳаром аст.

Агар ба зоҳири ин ҳадис амал кунем, пас нуфуси оятҳое, ки барои фароиз ва ҳудудро чӣ ҳукм мекунем? Хулоса ин аст, ки дар асли имон мӯъминон баробаранд ва дар амал бо ҳам баробар набуда, тафовут доранд. Чаро ки ҳазрати Имом (раҳимаҳуллоҳ) мегӯянд, ки амал ғайри имон аст ва имон ҳам дар навбати худ ғайри амал аст.

Ба далоиле дар бисёр вақт амал аз мӯъмин бардошта мешавад. Вале гуфтан нашояд, ки ҳамзамон дар ин вақт имон ҳам аз ӯ бардошта мегардад. Барои дарки ин нуқта чунин мисол меорем: Дар ҳангоми ҳайз дидан барои занон гузоридани намоз ва гирифтани рӯза манъ аст. Яъне баъзе ибодатро тарк месозанд. Вале имони инҳо дар онҳо боқӣ мемонад. Гуфтан ҷоиз нест, ки бо бардоштани амал аз онҳо имон ҳам бардошта мешавад. Соҳиби шариат занро гуфта, ки рӯзаро дар айёми ҳайз тарк кун, баъд онро қазо медорӣ ва ӯро нагуфта, ки тарк соз имонро баъд қазоияшро медорӣ. Дуруст аст бигӯем, ки фақиру камбағалро закот додан нест, вале гуфта наметавонем ки фақирро имон нест. Хулосаи гуфтаи боло бар қавли аҳли суннат вал ҷамоъат амал ғайри имон аст. Амал на ҷузъе аз имон ва на рукне аз рукнҳои имон аст.

Чунон ки дар ояти карима омадааст, “Омину ва ъамилу”(сураи “Шуъаро”ояти 227) имон биёред ва амал кунед, чунки амал самараи имон аст. Валлоҳу аълам биссавоб.

# Ислом

## Вал ислому ҳуват таслиму вал инқиёду лиавомириллоҳи таъоло фа мин тариқил луғати фарқун байнал имони вал исломи. Валокин ло якуну имонун било исломин. Вало юҷаду исломун било имонин фаҳумо казаҳрин маъал батни.

Ислом ботинану зоҳиран ва ба ҷону дил фурӯтанӣ қабул ва иҷрои амрҳои Аллоҳ таъолоро гӯянд. Яъне супурдани худ ба ислом ва ба ҷой овардани фармудаҳои он ба қадри тоқат.

Аз рӯи луғат байни имону ислом фарқият вуҷуд дорад. Зеро имон дар луғат тасдиқ ва ислом маънои таслим шуданро дорад (ниг. сураи “Юсуф” ояти 18).

Таъкидан мегӯем, ки ислом мутлақи фармонбарӣ, яъне пазируфтани ҳама амрҳо, ки аз сӯи Аллоҳ таъоло ба василаи Пайғамбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба мо расидааст ва амал намудан аз рӯи онҳост.

Гарчанде чунин аст, вале дар шариати Муҳаммади Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам имони беислом эътибор надорад. Яъне инқиёди ботинӣ бе инқиёди зоҳирӣ суде надорад. Пас зарур аст, ки имону ислом бо ҳам ҷамъ карда шавад ва на ба мисли аҳли китоб рафтор кард, ки гуфтаанд: Ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) паёмбар аст, вале танҳо паёмбари арабҳост, на паёмбари мо. Онҳо ҳақиқатро донистанду аммо аз рӯи инод чунин гуфтанду дар ислом сар фуруд наоварданд.

Инчунин Ислом бе имон ба даст намеояд. Ин таъкид аст барои ибораи аввал. Кадоме пеш гузашта шавад боке нест, имону ислом, ислому имон. Ҳарду ба мисли пушту шиками инсонанд, ки бе яке аз ду инсон шуда наметавонад. Ба мисли ҳамин имон бе ислом ва ислом бе имон дини ҳақиқӣ шуда наметавонад. Ҳардуро якҷо бояд ҷамъ намуд ва якҷо бо ҳам дид. Ин ду яке бе дигараш ҳақиқат надорад. Ҳақиқати онро ҳазрати Имом разияллоҳу анҳу бо мисоли боло ба мо равшану возеҳ баён намудааст. Пас зарур аст фикру андешаву таъбиру тадбир, ки ислом ъалония аст дар зоҳир ва имон бошад сиррест, ки дар қалби мӯъмин маҳал дорад. Ва самараи ӯро ва будани онро дар зоҳир ба ислом мушоҳида кардан мумкин.

## Ваддину исмун воқиъун ъалал имони вал исломи вашшароиъи куллиҳо.

Дин ба таври мушаххас бигӯем мураккаб аст аз имону ислом ва фармудаҳои шариат.

Бо ибораи дигар бигӯем касе тасдиқ ба дил, иқрор ба забон, амал ба аҳкому аркони дин, ва қабули анбиё ъалайҳимуссалом ва дигар аҳкоми шариатро дорад, метавон онро инсони диндор гуфт. Ҳамаи инро дар маҷмӯъ метавон дин гуфт, вале дар алоҳидагӣ онҳоро дин гуфтан нашояд. Дини Аллоҳ таъоло дар замину осмон як аст, ки он Ислом аст. Он на аз ҳад гузашта ва на кам гашта, на чизе беҳудаву бекор ва на ба чизе ташбеҳ дорад, он байни ҷабр ва қудрат қарор гирифтааст. Яъне на аз қудрати инсон боло ва на бар ӯ ҷабр аст. Ва байни амну яъс аст. Мӯтақиди дин дар амну раҷо нест. Ва инчунин дар яъс ҳам нест. Яъне набояд дар чунин ҳол буд ва нагӯяд, ки Худованд маро дигар намебахшаду, ҳалок шудам. Зеро ҳанӯз дари тавба баста нагардидааст. Пас ба умеди наҷот бояд

тавба намуд. Хулоса аз раҳмати Парвардигор ноумед набояд шуд ва аз ғазаби вай битарсаду дар хавф буд.

Дини тамоми Паёмбарон як аст, ки он асли тавҳид шиносист, аммо шариташон гуногун (ниг. сураи “Моида”ояти 48).

## Наърифуллоҳа таъоло ҳаққа маърифатиҳи камо васафаллоҳу нафсаҳу фи китобиҳи би ҷамиъи сифотиҳи.

Мешиносем Аллоҳ таъолоро он гуна, ки ҳаққи шинохтан ба ҳасби он ки банда қуввату қудрати шинохтани Худои худро дорад. Албатта қудрати банда кифоя нест барои ба пуррагӣ шинохтани Офаридгор. Вале ҳамчунон ки Аллоҳ таъоло худро дар китобаш бо ҷамиъи асмову сифатҳояш муаррифӣ кардааст банда ҳам ӯро ҳамон гуна мешиносад. Аз ин беш набояд тафаккур дар зоти ӯ кард, зеро ҳақиқати зоти Аллоҳ таъоло аз доираи ақли инсон боло меистад. Аз ин хотир чунин ворид шуда, ки сари ҳар масъалае фикр рондан ҷоиз аст, вале дар зоти Аллоҳ таъоло хомӯшӣ беҳтар аст. Зеро вай “Лайса камислиҳи шайъун” аст. Аз ҳамин сабаб дар ин боб восифони ҷамолаи зоташ гуфтаанд, ки “мо ъарафнока ҳаққа маърифатика”, зеро инсон қудрати идрок ва иҳотаи сифати Аллоҳ таъолоро то нуқтаи охир надорад.

## Ва ла яқдиру аҳадун ан яъбудаллоҳа таъоло ҳаққа ъибодатиҳи камо ҳува аҳлун лаҳу.

Ва нест бандае, ки лоиқ бошад ба ҷо биёрад он ибодатеро, ки Аллоҳ таъоло сазовор аст. Зеро банда аз бардавомии шукру зикру ҳамду санову ва ғайра оҷиз аст. Банда қудрати ҳисоби неъматҳои Офаридгорро надорад, кай тавонад аз ӯҳдаи шукргузории онҳо барояд.

Аз ин рӯ дар ояти 102-уми сураи “Оли Имрон” омада, ки:

## “Ё айюҳа-л-лазина аману-т-тақуллоҳа ҳаққа туқотиҳи”.

Ва он бо ояти 16-уми сураи “Аттағобун”.

## “Фаттақуллоҳа мастатаътум” мансух шудааст, зеро дар адои ҳаққи тақво ҳатто асфиё оҷизанд.

Ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) тақвоhelp тафсир кардаанд, ки тақво дар дил аст. Ва се мартаба ба сӯи синаи худ ишора карданд. Ҳамчунин илова намуданд, ки: (итоат карда шавад исён наварзад, шукр кунад, зикр созаду куфрони неъмат накунад ва Худоро аз ёд набарорад). Ин ҳадис аст, ки аз аҳли ҳадис саҳеҳ омадааст. Аҳли тақво ва мағфират танҳо Худованд аст. (сураи”Таҕо- бун” ояти 16) .

Ҳеҷ кас наметавонад гӯяд, ки ман ҳаққи ибодати Аллоҳ таъолоро ба ҷо овардам.

## Локиннаҳу яъбудуҳу би амриҳи камо амара бикитобиҳи ва суннати расулиҳи.

Ва лекин банда ибодат мекунад ба амри Аллоҳ таъоло. Мисли ибодате, ки дар китоби худ ва суннати расули худ амр кардааст: оҷизона барои адои ҳаққи худ анҷом медиҳад.

Зеро он саноеро, ки Аллоҳ таъоло барои нафси худ мегӯяд, ҳеҷ аҳаде онро ҷамъ кардаву ба ҷо оварда гуфта наметавонад.

Ва яставил мӯъминуна куллуҳум фил маърифати вал яқини ват таваккули вал муҳаббати вар ризои вал хавфи вар раҷои вал имони фи залика. Ва ятафавватуна фимо дунал имони фи залика куллиҳи.

Ва баробаранд ҳамаи мӯъминҳо дар маърифат ва яқин донистани амри дин ва дар таваккал кардан ба Аллоҳ таъоло на ба ғайри ӯ. Ва дар муҳаббати Аллоҳу Расулаш (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва дар ризо ба тақдиру қазо ва дар хавф будан аз азобу уқубаташ ва дар умед кардан ба ризо ва савоби Аллоҳ таъоло ва эътиқод доштан ва боварӣ намудан.

Дар асли ончи зикр шуд ва асли имон, ки тасдиқу иқрор аст, мӯъминҳо баробаранд. Аммо дар фазли ғайри тасдиқу иқрор бинобар мухталиф будани мақоми аброр (инсонҳои накӯкор) дар барпо намудани аҳкоми шаръӣ, чӣ зоҳиран ва чӣ ботинан аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ҳатто фуҷҷору бадкор дар исёну гуноҳ содир намудан аз ҳамдигар низ тафовут доранд. Ҳамаи инсонҳо дар ҳама умур як хел нестанд. Ё баробарии инсонҳо шояд аз ин хотир бошад, ки Худованд инсонҳоро баъди ба балоғат расониданашон ба донистан, ба эътиқоду боварӣ доштан ва амал намудан таклиф кардааст, аз инҷо ҳамаи онҳо мукаллафанду баробар.

Дар боло дар боби хавфу раҷо гуфта гузаштем, аммо чун ин боби бисёр зарурист, такрор шавад ҳам ба хости Худо чанд нуктаи дигаррро баён месозем. Чунки ин мақом мақоми олӣ аст ва ҳолот ҳолоти писандида. Ҳазрати Умар разияллоҳу анҳу гуфта, ки агар дар рӯзи маҳшар нидо шавад, ки як кас аз шумо дохили ҷаннат мешавад умед мекунам, ки ҳамон шахс манам ва агар садо шавад, ки як каси шумо дохили нор мегардад хавф мебарам, ки он кас манам.

Аз шайхи бузургворе омада, ки хавфу раҷо ба мисли ду боли паранда аст. Агар ҳарду бол баробар бошад, парвози паранда мустақиму мӯътадил аст. Агар яке аз болҳо ноқисӣ дошта бошад, дар парвозаш ҳам ноқисӣ ба назар мерасад ва агар ҳарду бол корношоям бошанд ба ҳукми мурда аст.

Умед дар он сурате дуруст аст, ки агар хавф дошта бошад, рафту чунин набошад он раҷо (умед) набуда, балки “амин% аст.

Хавфи ҳақиқӣ он аст, ки раҷо дошта бошад. Агар чунин нест, он хавф набуд, балки ноумедист.

Хавфи ростӣ он аст, ки байни соҳибаш ва байни ҳаромҳои Худои таъоло парда шуда тавонад. Раҷои ростӣ бошад он аст, ки чун банда ибодат мекунад, умеди савоб ва ба ҳангоми тавба аз гуноҳ умеди мағфирати Аллоҳ таъолоро дошта бошад.

Аммо шахсе, ки як умр гуноҳ содир мекунад ва кори савоброи фаромӯш кардаву азоби охиратро аз ёд баровардааст, умри хешро бе тавба паси сар мекунад ва ба ин ҳол умеду раҷо дорад. Ин як навъ ғуруру орзую умеди дурӯғ аст.

Аз мукофоти амал ғофил машав.

Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

Беҳтар он аст, ки ба айёми ҷавонӣ ва қудратмандӣ хавфи бештар ва ба ҳангоми пирӣ ва маризӣ раҷо бисёртар бошад.

Дар ин мазмун, қавли Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст “Намирад касе аз шумо магар, дар ҳоле ки гумонашро ба Парвардигораш хуб кунад”. Зеро инсони комилақл ҳар вақто аз азоби Парвардигораш тарсад, боз ба сӯи ӯ бармегардад (ниг. сураи “Аззориёт”ояти 5).

Аммо баъзеҳо мегӯянд, ки агар ибодати Аллоҳ таъоло танҳо барои хавфи нор ва тамаъи ҷаннат бошад, он ибодат нест ва соҳиби ибодат мӯъмин нест.

Ин қавл бо даҳҳо оят ва ҳадисҳои Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хилофу мардуд аст. Ибодат барои ҳама бояд бошад чун шукрона, тарс, рағбат, тамаъ, хавф, раҳбат ва ҳоказо.

### Валлоҳу таъоло мутафаззилун ъало ъибодиҳи, ъодилун қад юъти минассавоби азъофа мо ябтавҷибуҳу ъабдун тафзилан минҳу. Ва қад юъоқабу ъалаззанби ъадлан минҳу. Ва қад яъфу фазлан минҳу.

Аллоҳ таъоло ба баъзе бандаҳо ба фазлаш ва ба баъзе бандаҳо ба адлаш амалкунанда аст (ниг. сураи "Юнус" ояти 25, "Алҳадид"29).

Худованд тавфиқу имон бахшад, ин фазли ӯст. Ва хузлон (хори гуноҳ) кунад бандаро, ин адли вай аст.

Масалан гоҳо Аллоҳ таъоло бандаро бар ивази тоъату ибодаташ дар ин дунё ва охират он қадар подош медиҳад, ки он аз ибодати кардагиаш чандин маротиба афзунтар аст, ин фазлу марҳамати илоҳист.

Ва гоҳо иқобу азоб мекунад бандаро бе зиёдатӣ ба қадре, ки банда мустаҳиққи азоб шудааст, ин адли Парвардигор аст (ниг. сураи "Бақара"ояти 261).

Ва гоҳо афв мекунад гуноҳи бандаро ё ба воситаи шафоат ё бе василаи шафоат. Ин фазлу марҳамати Парвардигор аст (ниг. сураи "Шуро" ояти 30 ва сураи "Нисо" ояти 48).

Ба як ҳасана (кори нек) даҳ ҳасана (подоши нек) додани Аллоҳ таъоло ин ом аст, аммо ба як ҳасана аз даҳ зиёд то ҳафсад доданаш ин хос аст. Ин аст фазлу раҳмати Аллоҳ таъоло (ниг. сураи "Бақара" ояти 261 ва сураи "Анъом" ояти 161).

Хулоса, бинобар мувофиқи иродаи амри Парвардигор ба сӯи бандааш аз адлу фазлаш холӣ нест.

Ривоят кардаанд Аҳмад аз Абудовуд ва ибни Моҷа (Худо аз инҳо розӣ бод) ҳадиси зеринро, ки Аллоҳ таъоло аҳли осмонҳо ва заминро азоб кунад, барои онҳо золим нест. Агар онҳоро раҳм кунад, раҳматаш барои онҳо бештар будааст аз амалҳояшон.

## Шафоат

### Ва шафоъатул анбиёи ъалайҳимуссалоту вассалому ҳаққун ва шафоъату набиййино ъалайҳиссалоту вассалому лил муъмининал музнибин ва ли аҳлил кабоири минҳумул муставҷибинал ъиқоба ҳаққун собитун.

Шафоъат кардани ҷамиъи анбиё ъалайҳимуссалом ҳақ аст. Ва шафоъати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки дар мақоми маҳмуд аст, барои мӯъминоне, ки гуноҳи сағира кардаанду гирифтори ъиқоб шудаанд ва инчунин барои мӯъминҳое, ки гуноҳи кабира кардаанду сазовори азоби илоҳӣ гаштаанд, ҳақ асту рост. Ва собит шудаасту ворид гаштааст, ки ҳазрати Расули акрам саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд:

## “Шафоъатӣ ли аҳли-л-кабоири фи умматӣ".(ал-Ҳадис)

Ин ҳадисест саҳеҳ ва машҳур, ки онро Аҳмад, Абудовуд, Тирмизӣ ва дигарон ривоят кардаанд ва ба ин мазмун (ниг. сураи “Ғофир” ояти 55).

Ва инчунин шафоъати малоикаҳо низ ҳақ аст (ниг. сураи “Набаъ” ояти 38). Ва инчунин шафоъати олимҳо, авлиё, шаҳидон, фақирон ва тифлон ва мӯъминҳои сабркунанда дар бало ҳақ аст.

## Ва вазнул аъмоли бил мизонӣ явмил қиямати ҳаққун.

Ва вазн кардани амалҳо ки онҳоро ҷисм гардонида мешавад ё саҳифаҳое, ки дар онҳо амалҳо сабт шудаанд бо тарозуе, ки дар қиёмат аст, ки ӯ забону ду палла дорад, аз ҷиҳати сухани Парвардигор ҳақ аст (ниг. сураи “Мӯъминун” ояти 102, сураи “Анбиё” ояти 47).

Ҳазрати Имом разияллоҳу анҳу гуфта, ки тарозуи рӯзи қиёмату қироати номаи аъмол дар он рӯз ҳақ аст (ниг. сураи “Исро”ояти 14).

Додани китоби аъмоли ҳар як банда ба дасти чап ё рости ӯ ҳақ асту рост. Ҳисоби амалҳо ва додани китоб ҳарду ба ҳам наздиканд ва пеш аз “мизонанд” (тарозуанд) (дар ин масъала хонандаи гиромӣ барои маълумоти муфассал пайдо намудан ба “Тафсирҳои форсӣ” сураи “Ал-иншиқоқ”-ро мутолиъа кунед). Мӯтазилаҳо бо вуҷуди далелҳои қатъӣ тарозую ҳисобу китобро инкор мекунанд.

## Вал қисосу фимо байнал хусуми бил ҳасаноти явмал қиямати ҳаққун. Ва ин лам такун лаҳумул ҳасаноту фатарҳус сайиоти ъалайҳим ҳаққун ҷоизун.

Ва қасос гирифтани на каму на зиёди байни золиму мазлум ба ҳасанот ҳақ асту рост. Дар он рӯз симу зар рӯёнидан намешавад, балки танҳо аз хубиҳои золимон ситонида, ба мазлум дода мешавад. Онҷо мукофоти амал аст. Агар рафту ҳасаноти золим кифоя накунад ё умуман ба ҷуз ҷурму гунаҳкорӣ савоб надошта бошад, гуноҳҳои мазлумро гирифта ба дӯши золим мегузоранд.

Ин амал ҷоиз асту ҳақ ва ба он эътимоду боварӣ намудан воҷиб аст. Ҳазрати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гуфтаанд, ки “Имрӯз касе зулм карда бошад дар ҳамин ҷо бо бахшишу инъом ва амали ҳасана онро аз гарданаш соқит созад ва ба қиёмат намонад” Вагарна ӯро фардо “бало” интизор аст. Инчунин ситонидани қасос байни ҳайвонот низ дар он рӯз вуҷуд дорад. Мисол агар гӯсфанди шохдор бешохеро шох зада бошад, Худованди мутаъол ҳаққи гӯсфанди мазлумро гирифта медиҳад. Баъди барқарор кардани чунин адолат Худованд ба чорпоён амр мекунад, ки ҳама хок шаванд. Дарҳол ҳама хок мегарданд. Кофирон инро дида арз мекунанд, ки эй кош мо ҳайвон мебудем, то азоби дӯзахро надида хок мешудем, вале ҳайҳот ин барои онҳо он ҷо суде надорад.

Чун камоли адли Парвардигор байни ҳайвонот ба ин сурат ба роҳ монда мешавад, пас бе шакку шубҳа миёни инсонҳо албатта чунин ҷорӣ мегардад.

## Ва ҳавзун набиййи саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳаққун.

Ривоят омада, ки дар қиёмат ҳар Пайғамбар ҳавзе дорад. Ва ҳавзи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳақ аст, ки Худованд гуфт:

## “Инно аътайнакал кавсар”.

Инро ҷумҳури уламо бо ҳавз ё наҳр тафсир кардаанд. Ҳарду ҳам қобили қабул аст. Омада, ки мавқифи наҳр дар ҷаннат аст ва ҳавз дар мавқифи қиёмат. Аммо хилоф аст, ки пеш аз пули сирот аст ё баъди он.

Қуртубӣ гуфта, бинобар қавли асаҳ, ҳардуи онҳо ҳавзанд, яке аз онҳо пеш аз сирот ва пеш аз мизон аст. Зеро чун мардумро зинда намуда аз қабрҳояшон бармехезонанд, онҳо ташнаанд. Пас онҳоро ба сӯи ҳавзу Мизону Сирот ворид карда мешавад...

Ва ҳавзи дуюм дар ҷаннат аст, ҳардуро Кавсар гӯянд. Ва инчунин Қуртубӣ овардааст, ки шахсе хилофи ҷамоъати мусулмонон бошад мисли хавориҷӣ, рофизӣ, мӯътазила, золим, фосиқ, ки гуноҳро ошкор месозад ва ғайра аз назди ҳавз дур карда мешаванд. Зеро онҳо ҳавзи набиро, ки зиёда аз 30 саҳобӣ ривоят кардаасту то ба ҳадди мутавотир расидаро инкор намуданд.

Ҳар ки аз ҳавзи Набӣ як қатра нӯшад, ҳаргиз ташна нагардад. Аз аксари аҳли салаф чунин ривоят шуда, ки Кавсар хайри касирро гӯянд. Ва дар аҳодиси саҳеҳ омада, ки Кавсар наҳрест дар ҷаннат, ки дар он хайри касир аст ва уммати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) барои обнӯшӣ ва ташнагии рӯзи қиёматро шикастан ба назди ҳавз меоянд.

Ва низ ривоят омада, ки Кавсар ишора ба Пайғамбарист ё Қуръон аст. Чунин ривоёт бисёр омада.

## Вал ҷаннату ваннору махлуқатони ал явм.

Ҷаннат ва нор имрӯз махлуқу мавҷуданд...

Қавли саҳеҳ он аст, ки ҷаннат дар осмон аст (ниг. сураи “Анначм” ояти 14).

Ҳазрати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуда: Боми ҷаннат арши раҳмон аст. Инчунин омада, ки ҷаннат дар рӯи замин ҷой дорад. Аммо баъзе гуфтаанд, ки Худоро маълум аст, дар куҷо қарор доранд.

Ва норро гуфтаанд: ки таҳти замини 7-ум аст. Баъзе гуфтанд, ки болои замин аст. Аммо баъзе гуфтанд, ҷои онҳо танҳо ба Худованд маълум аст.

Ҳазрати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро пурсида шуд аз мазмуни ояти ”Ва ин минкум илло воридуҳо”(ниг. сураи “Марям ояти 71) .

Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҷавоб гуфт:

”Ва нест ҳеҷ касе аз шумо магар, ки ворид мегардад ҷаҳаннамро”. Боз пурсиданд аз ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам: Ин чигуна мешавад? Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҷавоб гуфт:

”Вуруд дохил шуданро гӯянд, на нек ва на бад аз дохил шудан раҳо наёбад. Ҳама ворид гарданд ҷаҳаннамро. Аммо чунон, ки нор ба ҳазрати Иброҳим ъалайҳиссалом сард гардиду ӯро саломат нигоҳ дошт, он ҷо ҳам бар мӯъминон сарду безарар мемонад. Чунон, ки аз сардии зиёдаш беқарор ҳам мегарданд”. Ин буд мазмуни ҳадиси Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

Сирот ҳам ҳақ аст, зеро он бо китоб ва суннат собит гардидааст. Сирот кӯпрукест, ки кашида мешавад болои ҷаҳаннам барои гузаштани мардум. Ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт, ки аввалин нафаре, ки аз расулон бо умматаш аз болои он мегузарад манам. Дар он рӯз касе сухан намекунад ба ҷуз расулон. Ва суханони расул дар он рӯз ин аст, ки ай бор худоё саломат нигоҳ дор, саломат нигоҳ дор гуфта аз сирот мегузаранд.

Ва дар ҷаҳаннам чангҳоест мисли хори дарахти Саъдон ва бузургии онҳоро ба ҷуз Худо касе намедонад. Ҳар инсонро аз рӯи аъмолаш чанг мемонанд. Баъзе дигар мелағжанд ва баъд раҳо меёбанд. Гузаштани мӯъминҳо аз ҳамдигар ҳам фарқ дорад, яке мисли барқ, дигаре фурсати дидани чашм, суръати парвози паранда, давидани аспи тозӣ ва дигару дигар.

Дар ин масъала аҳли мӯътазила хилофи бисёре доранд ва сиротро мункиранд.

## Ва ло тафниёни абадан.

Тавре дар боло гуфтем ҷаннату нор махлуқанд ва ҳозир ҳам вуҷуд доранд. Онҳо ва инчунин ҳамаончи ки дар онҳо вуҷуд дорад, абадӣ буда фано нашавандаанд. Аз он ҷумла:

## Ва ло тамутул ҳурул ъайну абадан.

Ва ҳурҳои биҳишт, ки онҳоро ҳурул айн соҳиби чашми гирди сиёҳи бисёр зебо мегӯянд, ҳаргиз намемиранд ва фано нашавандаанд. Ҳамеша бо ҳамсаронашон дар ҷаннат боқӣ мемонанд. (Худовандо моро аз онҳо бархурдор гардон, омин).

## Ва ло яфно ъиқобуллоҳи таъоло ва савобуҳу сармадан.

Барои кофирон азобу иқоби ҷаҳаннам ва барои мӯъминон савобу раҳмати ҷаннат ҳаргиз несту фано намегардад.

## Валлоҳу таъоло яҳди ман яшау фазлан минҳу ва юзилу ман яшау ъадлан минҳу ва излолуҳу хизлонуҳу.

Худованди таборак ва таъоло инсонро ба сӯи тоату ибодату имону ислом ҳидоятгару раҳнамо мешавад, ин фазлу мазҳару ҷамолу маҳалли савоби ӯст, ки инсон ҳамаи инро дӯст медораду муҳаббат дораду ва умедворона савобу ризои Парвардигори худро меҷӯяд, то банда шоистаи даргоҳи илоҳӣ гардад.

Ва хор месозад шахсеро, ки хоҳад. Ва ӯро мебинӣ, ки хилофи гуфтаҳои боло амал мекунад, парвои тарсу ваҳму ҷазо ва ҳисобу китоби рӯзи қиёматро надорад, аз гуфтаву фармудаи Парвардигори худ ғофил монда куфру исёнро ихтиёр кардааст. Ингуна хор кардани Офаридгор ӯро адли ӯ медонем. Хулоса ҳидояти Аллоҳ таъоло дар мақоми ҳақиқат тавфиқу эҳсони ӯст.

## Ва тафсирул хизлони ан ло ювофиқал ъабда илло мо ярзоҳу минҳу. Ва ҳува ъадлун минҳу. Ва казо уқубатул махзули ъалал маъсияти.

Ва тафсири хизлон (хор сохтан) ин аст, ки Аллоҳ таъоло ба он чизе, ки ризои вай дар он аст, ба мисли имону эҳсон ва дигару дигар бандаро ба он мувофиқ намегардонад. Яъне насиб набинад. Ҳол он ки Худованд дӯст медорад роҳи имону эҳсонро. Вақте ки банда ба ин роҳ намеравад ва ба ин сабаб аз ризои Худовандаш бенасиб мемонад, ингуна хорсозӣ барои ӯ адли Парвардигор аст. Зеро ки Аллоҳ таъоло ҳар чизро дар мавзеъу дар ҷои худаш вазъ (мениҳад) мекунад. Зеро бар Аллоҳ таъоло ба ҷуз хости худаш аз ҳеҷ кас ҳеҷ чиз воҷиб нест (ниг. сураи “Анъом” ояти 125).

Худованд ҳар касеро хоҳад дили ӯро ба нури тавҳидаш васеъ месозад. Аломати ӯ инчунин зоҳир мегардад, ки муҳаббати дунёи фонӣ дар дили ӯ суст мегардад, дар фикри дорулбақо мешавад ва ба истиқболи марг омода мегардаду дар фикри он мешавад.

Ва шахсеро, ки Аллоҳ таъоло хор созад ӯ тоқати шунидани аҳволи охиратро надорад. Чун сухан аз сарои доимӣ равад дилаш танг мегардад, ҳатто нафаскашӣ барояш душвор мешавад.

Ва инчунин азоб кардани махзул (хоршуда) барои гуноҳаш дар назари арбоби уқул ва асҳоби нуқул, яъне ақлану нақлан ин ҳам адли Парвардигор аст.

Инсон ки махзул шуд гуноҳ мекунад, вақто ки гуноҳ кард ва бетавба аз дори дунё рафт, гуноҳҳои худро ношуста рафт, агар Худованд иқобаш кунад ин адли Парвардигор аст. Сари ин масъала мӯътазилаҳо хилоф доранд.

## Вало яҷузу ан нақула иннашшайтона яслибул имона минал ъабдил муъмини қаҳран ва ҷабран. Валокин нақулу алъабду ядаъул имона фа ҳинаизин яслубуҳу минҳуш шайтону.

Барои банда ҷоизу дуруст нест, ки бигӯяд ки шайтон имони бандаи мӯъминро чӣ дар ҳолати сиҳату тандурустӣ ва чӣ дар ҳолати мавташ қаҳрану ҷабрану зӯран кашида мегирад. Ин хел гуфта наметавонем. Ҳар касе, ки бандагии худро холис барои Худо мекунаду мухлиси Худованд аст, шайтон инро хуб медонад. Бинобар ҳамин ҳам шайтон ингуна бандаро ба доми макру найрангу иғвову фиреби бузург кашида наметавонад ва ҳам султони чунин кас будан қудраташ намерасад (ниг. сураи “Ҳиҷр” ояти 42).

Валекин гуфта метавонем, ки банда ба ихтиёри худ ва ба ҳавои нафси худ имонро тарк кард ва аз корҳои зидди имон даст накашид, дар ин сурат шайтон барои имонашро тарк намудан кӯмаку ёрӣ медиҳад, ва он шахс имонро тарк мекунад ва шайтон имони ӯро кашида мегирад ва ӯро тобеъу зери дасти худ мегардонад. Дар расвоӣ мисли шайтон мешавад (ниг. сураи “Ҳиҷр” ояти 42).

Пас Аллоҳ таъоло аз чунин ашхос ва шаётин ҷаҳаннамро пур месозад (ниг. сураи “Алаъроф” ояти 18).

# Қабр

## Ва суолу-л-Мункари ва-н-Накири фи-л-қабри ҳаққун коинун.

Дар қабр барои суол кардану пурсидани бандаҳо ду малоика вазифа доранд. якеро ном Мункар ва дигарро ном Накир (ношинос) аст, ки мепурсанд аз рабб ва набӣ ва дин ва китоб. Агар дар гӯристон неву дар ҷои дигар мадфун шудааст, ё дар зери об аст, хулоса маййит дар ҳар куҷое ки бошад, дар сари ӯ зоҳир мегарданд ва мепурсанд: рабби ту кист, дини ту чист, набии ту кист. Ва ин ҳақ асту рост ва шуданист.

Дар саҳеҳи Бухорӣ омада, ки азоби қабр ҳақ аст, зеро Расулулллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бар ду қабр гузашт ва гуфт: ”Ҳарду ин қабрро (соҳибашонро) албатта азоб карда истодаанд”. Ояти 27-уми сураи “Иброҳим” ба маънои ин ҳадис далолат мекунад.

Анбиё ъалайҳимуссалом аз суолу пурсиши қабр истисноанд ва инчунин атфолу шуҳадо низ, дигар ҳама пурсида хоҳанд шуд. Баъзе бар ин ақидаанд, ки барои тифлон саволи қабр аст. Ҳазрати Имом разияллоҳу анҳу дар мавриди пурсиши тифлҳои кофирон таваққуф карданд. Ва инчунин дар вуруди онҳо ба ҷаннат низ таваққуф варзиданд. Дар ин боб баъзе бар ин ақидаанд, ки тифлҳои кофирон дохили ҷаннат гашта ходими аҳли ҷаннат мегарданд. Ин ақидаи заъиф аст, зеро ҳуру ғулмон ҳаст.

## Ва иъодатурруҳи ило ҷасадил ъабди фи қабриҳи ҳаққун.

Дар боз гардонидану ворид сохтани рӯҳ чӣ дар маҷмӯъ ё ба ҳар як аъзояш ҷудо-ҷудо ба ҷасади инсон барои ҷавоб гуфтан ва пурсиши малоикаҳо ҳақ аст. Мӯъминон дар ҷавоб мегӯянд, ки рабби ман Аллоҳ, дини ман Ислом ва набии ман Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва китоби ман Қуръон аст. Аммо кофирон бошанд, ба ҷои ҷавоб "ҳоҳ-ҳоҳ" мегӯянд, ки маънои "намедонам, намедонам"-ро дорад.

Умуман дар масъалаҳое, ки мӯътазилаҳо ва баъзе аз рофизиҳо ихтилоф доранд, пурсида мешавад, ки онҳо бо ин ихтилофашон ҳукми ояти 46-уми сураи "Ғофир"-ро чигуна арзёбӣ мекунанд? Тафсири мухтасари ин ояти карима ҳамин аст, ки дар қабр пагоҳу бегоҳ, қабл аз қиёмат дӯзах ба инсони кофир арз карда мешавад... Дар ин боб оёт ва далел бисёр аст, аз ҷумла ояти 46-уми сураи "Ғофир" ва ояти 21-уми сураи "Саҷда".

## Ва зағтату-л-қабри ҳаққун.

Ва оғӯш гирифтан (танг гаштани гӯр) ва сахт фишор доданаш майитро ҳақ асту собит аст.

Ҳатто барои мӯъмини комил ҳам ҳақ аст. Аз ҷиҳати ҳадисе, ки ворид шудааст, он ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: "Агар мебуд нафаре, ки аз сахтии фишор додани гӯр наҷот меёфт, албатта Саъд ибни Маъоз наҷот меёфт. Зеро ӯ шахсе буд, ки Арши раҳмон аз мавти ӯ дар ларза даромада буд". Фишори гӯр чунон аст, ки вай бар маййит чунон танг мегардад, ки қабурғаҳояш аз якдигар гузашта мераванд. Баъд аз он Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло кушоиш медиҳад барои мӯъмин ва васеъ месозад гӯрро, то чашм дидан. Ва ин барои мӯъмин чунон гуворо аст, ки ба мисли фарзанди аз сафар бар мегардаду модар ӯро гарму ҷӯшон ба оғӯш мегирад, ба ин монанд аст.

Ба ҳар тақдир ба зоҳири ҳадис имон меорем, аммо фишори ӯ аз ҷумлаи муташобиҳот буда чигунагии онро мо гуфта наметавонем, инро танҳо Худо медо-над.

## Ва ъазобуҳу ҳаққун коинун билкуффори куллиҳим аҷмаъин ва либаъзи ъусотил муслимин.

Ва азобу амалҳои қабр барои ҷамиъи кофирон ва барои баъзе мусулмонони осию гунаҳкор ҳаққу имконпазир аст. Ва инчунин бонеъмат будан дар гӯр барои баъзе мӯъминон тибқи ҳадиси поён ҳақ асту рост.

Дар ҳадис омада: "Қабр боғе аз боғҳои ҷаннат ё чоҳи азобе аз чоҳҳои азоби дӯзах аст". Зеро ин қабр яке аз аввалин манзилҳои охират аст. Агар инсон аз ҳамин наҷот ёбад, Худо хоҳад аз дигарҳояш наҷот меёбад ва мобаъд барои ӯ осонтар аст. Агар аз ин наҷот наёбад, мобаъдаш барои ӯ сахттару душвортар мегардад. Ин аз ривояти ҳазрати Усмон ибни Аффон иқтибос оварда шуд. Бидон ба дурустие, ки Аллоҳ таъоло навъи ҳаётро миқдоре, ки азоб мебинад ё лаззат мебарад, дар қабр халқ месозад. Назди аҳли ҳақ дар ин сухан ихтилоф нест. Аз ҳазрати Абуҳанифа разияллоҳу анҳу дар ин боб таваққуфро хабар доданд. Аммо қалами Абуҳанифа разияллоҳу анҳу бар иъодаи рӯҳ далолат мекунад, чунки ҷавобу суолоти Мункару Накир феъли ихтиёрии банда аст ва он бе рӯҳ имконнопазир аст.

Аммо дар рӯзи ҷумъа ва моҳи рамазон кофир аз олам равад, азоб аз он бардошта мешавад, ақида кардаанд баъзе. Дар ин хусус баҳси бисёр аст, чунки азоби кофир доимист.

Писандида ин аст, ки мӯъмини мутеъу фармонбардор дар рӯзи ҷумъа ва ё моҳи рамазон чашм бипӯшад, азоби қабр набошад.

Аммо фишори гӯрро диданаш ногузир аст. Онро мебинад, зеро аз неъматҳои Худо бархурдор гашта шукронаи онро ба ҷо наовард. Ва агар гунаҳкор бошад, барои ӯ ҳам фишори гӯр ва ҳам азоби гӯр ҳаст, локин рӯзу шаби ҷумъа ва моҳи рамазон аз азоб озод аст. Баъзе ашхосе ба таври умум мегӯянд, ки касе рӯзи ҷумъа бифавтад, то рӯзи қиёмат азобро намебинад. Тавре дар боло гуфтем, аз дидани азоб дар амон набудааст ва сухани ин гурӯҳ ягон асосе надорад, магар барои мӯъмини мутеъ.

Мо ба он имон меорем, ки азоби гӯр ҳақ аст ва чи хел буданашро ба Худованди кариму мутаъоли ба ҳама чиз қодиру тавоно ҳавола мекунем ва худ машғули он намешавем.

Акнун чанд нуқта дар бораи рӯҳ гуфтанро ин ҷо зарур мешуморем. Рӯҳ як ҷавҳари бисёр латифу нозук аст. Чунончи об дар навда ё шохи дарахт барои ҳаёту нумӯи он, навдаву шохаву дарахт хизмат мекунад, рӯҳ ҳам дар бадани инсон ба ҳамин монанд аст. Ҳаргоҳ, ки об хушк мешавад, навда ҳам хушк мегардад ва шохаву дарахт ҳам. Ва рӯҳи инсону ҷасади инсон ҳам ҳамин гуна аст, аммо худи рӯҳ дар аслаш чӣ гуна аст ин барои мо ҳамчун як муаммо боқӣ мемонад. Худованд аз илми рӯҳшиносӣ ба мо бандагонаш дониши кам додааст. Бо ин дониши ночиз донистани рӯҳ ба пуррагӣ барои мо имконнопазир аст. Зеро инсон мураккабтарин махлуқи Худованд ва то ҳадди охир донистанашаванда аст, магар Худованд худаш доност (ниг сураи “Алисро” ояти 85).

Имон овардан ба ”Миъод” (бозгашт) дар рӯзи қиёмат ҳақ аст. Зеро ин дори дунё барои инсон маҳалли коркарди имтиҳон аст. Модоме ки чунин аст, барои кас дори дигаре лозим аст, ки аъмоли инсонҳо мавриди санҷиш ва ҳисобу китоб қарор бигирад ва барои амали накӯ аҷру савоби арзанда ва барои афъоли шаррашон ҷазо бигиранд. Рӯзи бозгашт, майдони маҳшар, дашти арасот рӯзи қиёмат аст, ки миқдори он рӯз 50-ҳазор соли ин дунё аст (ниг. сураи”Алҳаҷ” ояти 70).

Агар чунин набошад, пас зиндагӣ дар ин дунё бемақсаду беҳуда аст. Пас Офаридгор ин дунёро бе мақсад офаридааст? Пас дӯзаху биҳиштро барои чӣ халқ кардааст? Пас накӯкор ва ё бадкор будан аҳамияте надорад? Пас расулонашро миёни мардум фиристонидани Худо барои чист? Пас Қуръон барои чӣ омадааст? Не, не мерасад рӯзе, ки ҳар як инсон барои аъмоли худ назди Худованд ҷавоб хоҳад гуфт. Зеро Аллоҳ таъоло ба воситаи анбиё, авлиё ва уламо ва китобҳояш бандагонашро аз дорулфано ба дорулбақо ва он чи, ки дар ин ду мегузарад, огоҳ кардааст.

## Ва кулли шайъин закараҳул ъуламау бил форсийяти мин сифотиллоҳи таъоло ъазза исмуҳу фаҷозал қавлу биҳи сивал яди билфорсийяти.

Ва ҳар ончиро аз сифатҳои Аллоҳ таъоло, ки аз ҷумлаи муташобиҳотанд, уламои кином аз ибораи арабӣ ба забони форсӣ тарҷима намудаанд мисли ”ваҷҳ”, “қадам”, “айн” ва исмҳои Аллоҳ таъоло, ки фаҳмову олӣ ва аз ваҳмҳо ғолибу баланд аст, ҷоиз ва сухан намудан равост. Ба ҷуз ”яд”, ки онро наметавон ба форсӣ “даст” гуфт. Яъне мумкин нест, ки бигӯем “ба дасти Худо”.

## Ва яҷузу ан яқула” ба рӯйи Худои ъазза ва ҷалла” било ташбиҳин ва ло кайфиятин.

Ва ҷоиз аст, ки “ваҷҳуллоҳ”-ро ба форсӣ (Ба рӯи Худои азза ва ҷалла) бигӯем. Ин иҷозат аст, аммо беташбеҳ ва бемонандсозӣ ва беқиёскунӣ. Чунон, ки ”ядуллоҳ”-ро мумкин нест ”дасти Худо” бигӯем ва низ иҷозат нест, ки бигӯем “ядуллоҳ” ин қудрати Аллоҳ таъоло аст ё неъмати вай аст. Зеро, ки ботил сохтани сифат лозим меояд.

## Ва лайса қурбуллоҳи ва ло буъдуҳу мин тариқи тулил масофати ва қасриҳо валокин ъало маънал каромати вал ҳавни.

Ва нест қурби (қариби) Аллоҳ таъоло ба итоаткорон, ва нест дурӣ Аллоҳ таъоло аз гунаҳкорон, ҳамчунон ки дар ҳадис омада, ки албатта сахтӣ қариб аст ба сӯи Аллоҳ таъоло, ин қарибӣ ва дуриро ҳамчун масофа набояд фаҳмид. Онҳо маънои арзу тӯлро надоранд. Ин қарибу дур он қарибу дуре, ки инсон медонад он маъно нест. Ва ҳамчунин он қарибу дур маънои боқадрию-беқадрӣ ва азизию-хору залилиро надорад. Агар онҳоро чунин маънидод кунем, таъвили калом мешавад. Ин ҷоиз нест. Ва метавонем бигӯем ки:

## Вал мутиъу қарибун минҳу било кайфин. Вал ъоси баъидун ъанҳу било кайфин вал қурбу вал буъду вал иқболу яқаъу ъала муночи.

Ва бандаи итоаткор қариб аст ба сӯи Аллоҳ таъоло бидуни ташбеҳ бо дигар қарибӣ. Ва бандаи гунаҳкор дур аст ба сӯи Аллоҳ таъоло беташбеҳу монандкунӣ ба дигар дурӣ.

Ва қарибӣ ва дурӣ ва иқбол (рӯ ба рӯ) ва зидди ӯ рӯй гардонидан ин сифот ба бандае, ки сӯи Парвардигори худ муноҷот мекунад, воқеъ мешаваду рӯй медиҳад. Зеро ҳар қадар, ки банда ба сӯи Парвардигори худ саҷда кунад, ҳамон қадар қариб мегардад (ниг. сураи “Алақ” ояти 19).

Вале на мисли қарибшавии заминӣ. Қарибгардӣ шабеҳ надорад, аз ин хотир ҳазрати Имом разияллоҳу анҳу ин масъаларо аз ҷумлаи муташобеҳот гуфтанд.

## Ва казолика ҷиворуҳу фил ҷаннати вал вуқуфу байна ядайҳи било кайф.

Ва инчунин дар ҷивори Парвардигор будани банда дар ҷаннат ин ҳам аз ҷумлаи муташобиҳот аст. Бандаи муқарраби даргоҳ метавонад дар ҷивори Аллоҳ таъоло қарор бигирад. Ва дар ҷивори Аллоҳ таъоло будан беташбеҳу монандкунӣ ва бе чигунагӣ аст. Ҳамчунин вуқуфи банда дар қиёмат дар назди Офаридгор аз ҷумлаи муташобиҳот аст. Вуқуфи банда худ маълум аст, аммо ин вуқуф чигуна аст, ба кадом сурат мешавад, банда сифат карда наметавонад, зеро он бе мислу монанд аст (ниг. сураи “Арраҳмон”ояти 46, сураи “Аннозиъот”ояти 40).

Дар ҳақиқат дар мақоми тавфиқ оем ихтиёри имом разияллоҳу анҳу он аст, ки “Қурби ҳақ ба сӯи халқ” ва “қурби халқ ба сӯи ҳақ” ин як сифатест бе кайф (чигунагӣ) ва наътест бе кашф.

Ва ҷумҳур бошанд инро чунин таъвил мекунанд, ки “Қурб” раҳмати Аллоҳ таъоло аст аз рӯи тоату ибодат ва “Буъд” дур шудани неъмати ӯст аз рӯи маъсият. Худо донотар аст.

## Вал Қуръону муназзалун ъало расулиллоҳи саллалллоҳу ъалайҳи васаллам ва ҳува фил масоҳифи мактубун.

Қуръон ки каломи Аллоҳ таъоло аст, ба Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам муддати 23-сол ба воситаи ҳазрати Ҷабраил ъалайҳиссалом нозил шудааст. Ва Қуръон ҳозир дар мусҳафҳо (саҳифаҳо) навишта шуда мазбуру мастур аст. Ин сухан ишора ба он аст, ки байни ду муқова қарор дошта (сухани Худо Қуръон) ба Каломуллоҳ машҳур аст.

## Ва оётул Қуръони фи маънал каломи куллуҳо муставиятун фил фазилати вал ъазамати.

Ва оятҳои Қуръон дар маънои калом хоҳ дар бораи раҳмати худо бошад ва хоҳ мадҳи анбиё ва хоҳ сифати авлиё, хоҳ ғазаби ӯ таъоло, ё мазаммат кардани душманони Худо бошад ва ё вобастагӣ дошта бошад ба ҷамиъи аҳкому аркон, ё барои имтиҳони бандагонаш, ҳама аз рӯи фазилат ва лафзият ва азамати маънавият ба ҳамдигар баробаранд.

## Илло анна либаъзиҳо фазилатаз зикри ва фазилатал мазкури мислу оятил курси.

Магар ин ки албатта баъзе оятҳои Қуръонро ду фазилат аст: Яке фазилати зикри ояти Қуръон ва дигаре фазилати он чи ки дар оят зикр шудааст, мисли “Оятулкурсӣ”.

## Лианнал мазкура ҷалолуллоҳи таъоло ва ъазаматуҳу ва сифотуҳу фаҷтамаъат фиҳо фазилатони фазилатуз зикри ва фазилатул мазкури.

Зеро ончи ки дар “оятулкурсӣ” зикр мегардад, ҷалолу ҳайбату бузургию сифати ҳоли ӯ таъоло аст.

Пас ҷамъ шудааст дар ин оят ду фазилат: Яке вай ояти Қуръон аст ва дуюм фазилаташ ин аст, ки дар он исмҳо ва сифоту тавсифи Аллоҳ таъолост. Ва монанди ҳамин сураи “Ихлос” аст, зеро дар он сифати хоси ӯ таъоло зикр гардидааст. Валлоҳу аълам.

## Ва фи сифатил куффори фазилатуз зикри фаҳасбу мислу қиссатил куффори. Ва лайса фил мазкури ва ҳумул куффору фазилатун.

Ва оятҳое, ки дар шаъни куффору қиссаи онҳо омадаанд, фақат як фазилат вуҷуд дорад ва он ин аст, ки ояти Қуръонанд, вале дар мазкур фазилат нест. Мисли оятҳое, ки мансуб ба Фиръавну Иблису Абу Лаҳабу дигару дигаранд. Зеро онҳоро Худованд наҳй кардааст.

## Ва казоликал асмоу вассифоту куллуҳо муставиятун фил фазилати вал ъазамати ло тафовута байнаҳумо.

Ва инчунин байни исмҳои Аллоҳ таъоло ва сифатҳои ӯ таъоло дар аслу азамат ва фазл бо эътибори аслу маъно байнашон тафовут набуда, ба ҳамдигар баробаранд. Мисли сифатҳои ”лаҳул мулк”, “лаҳул ҳамд”, “лаҳул кибриё”, “валмаҷд” ва исмҳои “алвоҳид”, “алфард” ҳамаашон тавре дар боло гуфтем, дар мартаба ба ҳамдигар баробаранд. Вақто ки исмҳо ва сифатҳоро ба зоти Аллоҳ таъоло нисбат медиҳем, ин маънои онро дорад, ки ҳама баробаранд. Аммо баъзе исмҳо ё баъзе сифатҳо аз ҳамдигарашон азаматтаранд. Зеро як нукта дар ривоёт ва дар аҳодис собит шудааст. Аз ҷумла доир ба исми аъзам ҳамин гуна ақида мавҷуд аст. Валлоҳу аълам.

Аз ин хотир аз Абуҳанифа ривоят шудааст, ки мегӯянд: ”Ҳар кас, ки ҷоҳилу нодон монад аз Холиқи худ, он шахс узрдор нест. Зеро халқи осмону замин ва нафси худашро ва ғайраро мебинад. Агар рафту чунин шуд, ки расулон фиристода намешуданд, ба халқ воҷиб буд, ки ба ақлҳояшон Холиқи худро ба роҳи инсонӣ бишносанд. Ҳол он ки расулонашро ба сӯи халқ фиристод то ӯро муаррифӣ кунанд ва аз ҳастии ӯ халқро фаҳмонанд, дигар ҷои узру маъзарат нест”.

## Ва Расулуллоҳи саллаллоҳу алайҳи ва саллам мота ъалал имони.

Дар баъзе нусхаҳои шарҳи «Фиқҳи Акбар» чунин омадааст, ки ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз дунё бо имон гузаштанд. Ин ибораи аслӣ набудааст, ки шореҳ дар ин майдоне, ки зоҳир аст дар садри баён худро нишон додааст ва эҳтиёҷ ба зикр ҳам надорад. Зеро ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ин ҳолу шаън олист. Зеро анбиё ъалайҳимуссалом аз гуноҳи сағира ва кабира маъсуму поканд. Чӣ дар ибтидо ва чӣ интиҳо ва шояд мурод аз ин ибора он бошад, ки инсон метавонад эътиқод кунад ва ҷазму яқин кунад бар имони Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам). Ва аммо ба ғайри имони Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба мисли

авлиё, уламо, асфиё ва аъён ва дигарон дар имон ва бо имон рафтанашон ҷазм карда наметавонанд. Агар чи аз онҳо каромоту илми ҳол ва ҷамиъи навъи тоъатҳо зоҳир шуда бошад.

Зеро асли ҳукми ин кор бар илми яқин вобаста аст, ӯ бошад аз илми афроди инсон пӯшида аст, пас бояд дар миёни хавфу раҷо боқӣ монад ва мақомашро чи барои худ ва чи барои дигарон на як тараф балки байни хавфу раҷо донад. Магар Анбиё (алайҳиму-с-салом)-ро метавонад натарсида ба онҳо ҷазму ҳукм кунад. Валлоҳу аълам.

Аз ин ҷост, ки ҳатто (ашараи мубашшара) даҳ ёри биҳиштӣ ва монанди онҳо аз инқилоби аҳволашон ва суъи (бади) амалашон дар хавф буданд.

Хонандаи азизу мухлис Худованд ақидаи ҳамаи шуморо тоза бигардонад, аҳли салафро Худованд раҳмат кунад. Омин!

Аҳли салаф дар шоҳидӣ додани кас ба ҷаннат ба се қавланд:

1-ум ба ғайри анбиё ъалайҳимуссалом ба ҳеҷ кас гуфта наметавонем, ки ту ҷаннатӣ ҳастӣ. Ман шоҳид! Ин амрест, ки қатъӣ дар он ҳеҷ ихтилоф нест.

2-юм ба ҷаннатӣ будани он мӯъмине шоҳидӣ дода метавонем, ки дар ҳаққи он шахс (ё шахсон) нассе (далеле) ворид шуда бошад, чӣ оят бошад он насс чӣ ҳадис мисли ашараи мубашшара (даҳ ёри биҳиштӣ) мисли саҳобагони Байъатурризвон ва аҳли ҷиҳоди Бадр. Локин ин ҳукм заннист (гумонист).

3-юм агар мӯъминон шоҳидӣ диҳанд, метавон шоҳидӣ дод. Масалан дар «Саҳеҳайн» омада, ки аз назди Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҷанозае гузашт, асҳоб ба он маййит санои хайр гуфтанд. Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Ваҷабат». Боз ҷанозаи дигаре ҳамчунин гузашт, асҳоб санои шарргуфтанд. Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам боз гуфтанд: «Ваҷабат».

Ҳазрати Умар инро шунида гуфт: «Ай Расули Худо чӣ чиз воҷиб шуд, ки ба ҳар ду як хел ҷавоб додӣ?» Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Онеро, ки санои хайр гуфтед бар ӯ ҷаннат воҷиб шуд ва онеро, ки санои шар гуфтед бар ӯ нор воҷиб гашт. Шумо шоҳидони Худоед дар рӯи замин».

Албатта байни шоҳидони ин замон ва он даври саодат тафовути зиёде ҳаст. Бояд шоҳидон аз аҳли шаҳодат бошанд. Умед аст, ки ин кор зоҳир аст, зеро Худованд қодир аст.

## Ва Абутолиб мота кофиран.

Амаки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки падари Алӣ разияллоҳу анҳу буданд, аз олам беимон рафт.

Дар ривояте омада, ки ҳарвақто ки мавти Абутолиб наздик расид, Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам назди ӯ омад. Абуҷаҳлро онҷо нишаста дид. Пас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Эй амак, калимаеро бигӯ, ки барои ту назди Худо ҳуҷҷат шавад». Абуҷаҳл инро шунида гуфт: «Оё аз миллати Абдулмутталиб (ай бародар) бармегардӣ?» Абуҷаҳл ин суханонро чандин такрор кард, ки дар охирин маром Абутолиб гуфт: «Ман бар миллати падарам Абдулмутталиб мемонам». Ва аз калимаи тайибаро гуфтан рӯй гардонид. Онгоҳ ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт: «Қасам ба номи он Худо, ки истиғфор мекунам барои ту то даме, ки наҳй накунад маро Аллоҳ таъоло».

Ривоят шудааст, ки пас аз ин дар хусуси Абутолиб ва даъват намудани Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ӯро ва ибо кардани Абутолиб аз ин, Аллоҳ таъоло оятҳои каримаи Худро нозил

кард. Мазмуни оят ин аст, ки агар чанде хешони наздиканд, вале онҳо мушрику кофир бошанд, барои онҳо аз Худо истиғфору омӯрзиши гуноҳҳояшонро талаб накун. Чунки чунин ашхос асҳоби ҷаҳиманд. Ва дар ояти 113-уми сураи «Тавба» мефармояд, ки албатта ту (паёмбар) ҳидоят карда наметавонӣ шахсеро, ки дӯст медорӣ ва лекин Аллоҳ таъоло ҳидоят мекунад шахсеро, ки хоҳад.

## ФАРЗАНДОНИ ПАЁМБАР (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)

Ва Қосим ва Тоҳир ва Иброҳим кону банӣ Расулиллоҳи саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам.

Ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) се писар дошт. Қосим нахуст-фарзанди ӯ буд пеш аз нубувват ба дунё омад, аз ин хотир ба лақаб «куният» мурочиат мекарданд ва Абулқосим мегуфтанд Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро. ӯ зинда монд то даме, ки роҳрав шуд. Ба ривояте 2-сола буд. Ва баъзе гуфтанд, ки ҳатто маркабро савор шуда метавонист. Саҳеҳтар ин аст, 17-моҳа шуда буд ва пеш аз фаромадани ваҳй аз олам чашм пӯшид. Дар «Мустадрак» оварда, ки вафоти Қосим ба айёми ислом ва аввалин фарзанди фавтидаи Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) буд.

Фарзанди дуюми Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) Тоҳир ном дошт. Тоҳир баъди нубувват ба дунё омад. Падараш ӯро бо се ном нидо мекард: Абдуллоҳ, Тайиб, Тоҳир. Баъзеҳо бар ин ақидаанд, ки Абдуллоҳ ғайри Тоҳир аст. Аз ҷумла «Дорулқутни» чунин ривоят оварда. Аммо баъзеи дигар гуфтанд, ки Тайибу Мутайиб аз як шикам ва Тоҳиру Мутаҳҳир аз дигар шикам ба дунё омадаанд. Соҳиби «Сафва» ба ин ақида аст. Худо донотар аст.

Аммо Иброҳим бошад, аз ҷорияи Қибтия, ки ба Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳадя шуда буд, ба дунё омад. Иброҳим баъди 70-рӯз ё бештар, ин оламро падруд гуфт. Ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар вафоти Иброҳим гуфтанд: «Дил ғамгинӣ меварзад, дидаҳо ашк мерезанд ва намегӯем он чиро, ки Худованд ба гуфтанаш розӣ нест ва албатта мо ба фироқи ту эй Иброҳим, аз ҷумлаи маҳзунонем». Ва омада аст, ки ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд, ки дафн мекунем назди бародари разоъиям Усмон ибни Мазъун. Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҷанозаи ҷигарбанди худро хонда, бо дили реш дар гӯристони «Бақеъ» паҳлӯи бародари разоъияш ба хок супурданд. Валлоҳу аълам.

## Ва Фотимату ва Зайнабу ва Руқайяиу ва Уммукулсума кунна ҷамиъан баноти Расулиллоҳи (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва разияллоҳу ъанҳунна.

Ва духтарони Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чаҳор нафаранд: Фотима, Зайнаб, Руқайя ва Уммукулсум (Худованд аз ҳамаашон розӣ бод). Дар дигар нусха Руқайя пеш аз Зайнаб омадааст. Ин аз он аст, ки байни шореҳон ихтилоф вуҷуд дорад. Гурӯҳе Зайнабро калон медонанд ва гурӯҳи дигар Руқайяро калон медонанд. Назди ибни Исҳоқ Зайнаб дар соли 30-юми мавлиди набӣ ба дунё омада, исломро дарёфтааст ва ҳиҷрат намуда дар соли 8-уми ҳиҷрат аз дунё гузаштааст. ӯ завҷи писархолааш Абил Ос Лақит буд ва барои вай фарзанд оварда, ки ӯро Алӣ ном ниҳода буданд. Ва Алӣ ҳанӯз ба балоғат нарасида аз олам дар гузашт. Алӣ дар рӯзи фатҳ дар радифи Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) савори уштур буд. Аз Зайнаб инчунин духтаре ба дунё омада, ки ӯро Амома ном ниҳода буданд. Ин ҳамон Амома аст, ки ба ҳангоми гузоридани намози субҳ бар китфи бобояш Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) нишаста буд. Вақто ки ҳазрати Фотима разияллоҳу ъанҳо чашм аз олам пӯшид, ҳазрати Алӣ Умомаро ба занӣ гирифт.

Ва аммо Фотиматуз-заҳро бошад дар соли 41-уми мавлиди набӣ чашм ба олами ҳастӣ кушод. Пеш аз Зайнаб омадани Фотима барои мақоми олияш аст. ӯ аз занони ҳамсараш дар фазл, дин ва ҳасабу

насаб бартарӣ дошт. ӯро дар синни тақрибан 15-16 солагӣ, дар соли 3-уми ҳиҷрат ба ҳазрати Алӣ никоҳ бастанд. Ба амр ва ваҳйи илоҳӣ. Назди Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) Фотима (разияллоҳу анҳо) аз дӯcттарини аҳлаш буд. Вақто ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба сафар мебаромад, охирин видоъ (сухани хайрбодӣ)-ро ба ӯ мегуфт ва ҳар гоҳе аз сафар бармегашт, аввал ба хонаи ӯ медаромад.

Ва ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба чунин мазмун сухан кардаанд ё мисли чунин суханро гуфтаанд, ки Фотима (разияллоҳу анҳо) чанде нишонае аз ман аст, касе буғз ӯро кунад, маро буғз кардааст (Равоҳул Бухорӣ).

Дар ривояти Аҳмад чунин омада, ки Фотима (разияллоҳу анҳо) афзали занҳои ҷаннат аст. Ӯ баъди 6-моҳи вафоти Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар синни 29-солагӣ аз ҷаҳон реҳлат намудааст. ӯ барои ҳазрати Алӣ Ҳасан ва Ҳусайн саййиди шабоби аҳли ҷаннатро таваллуд кард.

Инчунин собит шудааст дар суннат. Ҳамчунин Муҳсинро ва Уммукулсумро ва Зайнаброба дунё овард. Муҳсин дар хурдсолӣ аз олам рафт. Баъди Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ҷуз авлоди духтараш дигар авлоде боқӣ намонд. Ва он насли шариф дар олам мунташир шуду тамом. Он авлоди Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайнанд, ки то имрӯз идома дорад.

Руқайя бошад дар соли 33-уми мавлиди Набӣ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) таваллуд шуда, бо хоҳараш Уммукулсум келинҳои Абулаҳаб буданд. Руқайя зани Утба ва Уммукулсум зани Утайба буд. Ҳар гоҳе сураи «Масад» нозил шуд, Абулаҳаб писарони худро гуфт, ки агар шумо духтарони ӯ (Расулуллоҳ)–ро талоқ надиҳед, сари ман аз сари шумо ҳаром. Пас онҳо аз завҷагони худ ҷудо шуданд (ин қисса дароз аст, ҳикояти он дар китоби «Тафсири осонбаён» хеле муфассал омадааст).

Руқайяро ҳазрати Усмон ибни Аффон ба занӣ гирифт. Онҳо бо ҳам ду маротиба ҳиҷрат намуданд. Вақте ки Руқайя вафот карданд ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар Бадр буданд.

Аз ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) чунин ривоят кардаанд, ки вақте Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро таъзия баён карданд, ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) чунин гуфт: «Алҳамдулиллоҳ, ки дафни банот (духтарон) аз ҷумлаи ҳурматшудаҳо аст» Воллоҳу аълам.

Аммо Уммукулсум духтари чоруми Расулуллоҳанд. Чунин ворид шуда, ки вақте Руқайя оламро падруд, ҳазрати Усмон (разияллоҳу анҳу) духтари ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу)-ро хостгор шуд, ки ӯ Ҳафса ном дошт. Ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу) дархости ҳазрати Усмон (разияллоҳу анҳу)-ро рад намуд. Инро ҳазрати Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунида гуфт: «Ё Умар ман туро аз Усмон дида беҳтаре ва Усмонро ба беҳтаре аз ту дида далолат кунам?» Ҳазрати Умар гуфтанд: «Оре ё Расулуллоҳ». Пас Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: «Духтари худро ба занӣ ба ман деҳ ва ман духтари худ Уммукулсумро ба Усмон (разияллоҳу анҳу) ба занӣ бидиҳам». Чунин ҳам шуд.

Ва чунин ривоят низ омада, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мар ҳазрати Усмон (разияллоҳу анҳу)-ро гуфт: «Қасам ба зоте, ки нафси ман ба яду қудрати вай аст, агар назди ман сад духтар будӣ ва яке паси дигар фавтидӣ, ман дигарашро ба занӣ барои ту медодам. Ин аст, ки ҳазрати Ҷабраил (алайҳи-с-салом) хабар дода маро ки Аллоҳ таъоло амрам мекунад, духтарам Уммукулсумро ба ту тазвиҷ кунам».

Аммо ҳазрати Имоми Аъзам (раҳимаҳуллоҳ) азвоҷи Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро зикр накарданд ва мо иҷмолан ин ҷо зикр месозем-мегӯяд шориҳ.

Азвоҷи мутаҳҳарот, модарони мӯъминон 11-нафаранд, чун Хадиҷа, Савда, Оиша, Ҳафса, Умми Салама, Умми Ҳубайба, Зайнаб бинти Ҷаҳш, Зайнаб бинти Хузайма, Маймуна, Ҷувайра, Сафия

(Худованд аз ҳамаи онҳо розӣ бод). Байни аҳли салаф ихтилоф нест, ки Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ҳамаи онҳо издивоҷ доштааст. Ҳазрати Имом (раҳимаҳуллоҳ) гуфта, ки Оиша баъди Хадиҷа беҳтарин занҳои рӯи замин ва модари мӯъминон ва аз зиною он чи ки рофизиҳо мегӯянд пок аст.

Ҳар касе ӯро тӯҳмат ба зино кунад, тибқи оятҳои Қуръон, ки ба бароати ӯ нозил шудаанд, кофир аст.

Ва аммо шахсе ӯро ба сабаби мухолифату мӯҳорибате, ки ба ҳазрати Алӣ (разияллоҳу анҳу) дошт дашном диҳад, ӯ гумроҳ ва бидъаткору фоҷир аст.

Ва изо ашкала ъалал инсони шайъун мин дақоиқи ъилмит-тавҳиди фаиннаҳу янбағи лаҳу ан яътақида филҳол мо ҳувассавобу ъиндаллоҳи таъоло илло ан яҷида ъолиман фаясъалаҳу. Ва ло ясаъуҳу таъхирут талаби, вало юъзару бил вақфи фиҳи. Ва якфуру ин вақафа.

Акнун хонандаи азизу гиромӣ, мухлиси «Фиқҳи Акбар» бояд бидонӣ, ки ҳар гоҳе бар ту чизе мушкил ояду пӯшида монад, ва ё масъалае аз дақоиқу нозукиҳои «Илми Тавҳид», кушода нагашту таҳқиқ наёфт ва ақл барои исботаш нарасид, лозим аст ки дар ҳол эътиқод бояд намуда бигӯй, ки «он чи назди Худованд савобу дуруст аст, бовар дорам».

Ҳар касе ба чунин ҳол рӯ ба рӯ омад, зарур аст ба олиму орифе, ки ҳақиқати ҳолро медонад мурочиат кунад. То олим ба ваҷҳи тафсир ин гиреҳро бикушояд ва ба тафсил бифаҳмонад. Ва ҷоиз нест, ки шахс ба чунин ҳолат афтаду дар донистани он таъхир варзад.

Таъкидан мегӯем, ки ҳар гоҳе дар сифате аз сифатҳои ҷалолӣ ё ҷамолӣ мутараддиду шакку шубҳа пайдо шавад, ҳатман бояд ба олими донандаи хуби ин масоил рӯ биёрад ва ҳақиқатро дониста бигирад. Агар чунин ҳолат рӯӣ диҳаду кас ғафлат варзад, бепарвоӣ кунад ва аз паси пурсуҷӯӣ нагардаду зери гумону шакку шубҳа умр ба сар барад, наъузанбиллоҳ кофир гардад.

Хулоса, дар ин боб тавaққуф кардан мӯҷиби шакк аст, шакк дар он чизе ки эътиқод ба он фарз аст мисли инкор аст.

Ва пӯшида нест, ки шахси мункир кофир аст. Ба ибораи дигар ба ҳар як мӯъмину мусулмон фарзи айн аст, ки эътиқоди худро ба ягонагии Худованди мутаъол ба ҳама исмҳо ва сифатҳояш саҳеҳу дуруст созаду яқин гардонад. Донистани илми тавҳиду худошиносиро барои худ муҳим донад. Ҳар як масъалаи ин илмро дар алоҳидагӣ аз худ намудан барои ҳар як мусулмон заруру ҳатмист. Дар талаби илми тавҳид ҳарис бояд буд. Мисолеро ин ҷо меорем, ки сари ҳар лаҳза онро мешунавем ва аз надонистани илми тавҳид гувоҳӣ медиҳад. Мо «ийёка настаъин» мегӯем. Ин он маъноро дорад, ки мо тамоми ёриро фақат аз Худо мепурсему медонем, на аз ғайри ӯ. Аммо борҳо шоҳид мегардем, ки касе ба сахтӣ афтод ва боз аз он мушкилӣ раҳо ёфт. Вақте аз ӯ мепурсӣ чӣ гуна раҳо ёфтӣ? Мегӯяд: «Худову арвоҳҳо мадад карданд» ё « арвоҳҳо пурзӯрӣ карданд» ё «арвоҳҳо дар пуштам буданд» ва монанди ин. Агар ин шахсро тавҳидаш комил мешуд, ҳаргиз чунин ҷавоб намегуфт. Ва агар касе чунин посухро шунид, агар исбот карда тавонад, бояд ба гӯяндаи ин сухан бифаҳмонад, ки ба ҷуз Худо ҳеҷ касе, арвоҳ низ ёрӣ расонида наметавонад. Рафту ҷудо кардаву фаҳмонида натавонад, пас бояд ба донишманде мурочиат кунад. Донишманд инро донаду нафаҳмонад, гунаҳкор мегардад. Худо доност.

Аммо тавaққуфи ҳазрати Имом (раҳимаҳуллоҳ) дар чандин масъала на дар бахши масъалаҳои эътиқодӣ буда, балки дар баъзе масъалаҳои шариъат аст. Зеро ихтилоф дар илми аҳкоми шариъат ин раҳмат ва ихтилоф дар илми тавҳид ва ислом ин залолат (гумроҳӣ) аст. Ихтилоф дар масъалаи

шариъат рӯй диҳад, мағфират карда шавад ӯро ва ҳатто аҷр дода шудааст. Чунки ин қасдан ба вуқӯъ наомада, балки аз рӯи иҷтиҳод аст. Аммо дар илми калом далолат ба куфр аст.

Зиёда аз ин возеҳтару таҳқиқноктар метавон ин масъаларо баён намуд, аммо дар ин рисолаи хеш ба ҳамин қадар иктифо меварзем, зеро он барои ашхоси аз илми тавҳид кам маълумотдошта пешбинӣ гаштааст. Онҳое ки соҳибмаълумотанду ба ин эҳтиёҷ надоранд, онҳо аз дигар китобҳои муфассал қонеъи худро баровarда метавонанд.

## Меъроҷ

### Ва хабарул миъроҷи ҳаққун фаман раддаҳо фаҳува золимун мубтадиъун.

Хабари меъроҷи Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ҷасадаш дар ҳолати бедорӣ ба олами улувӣ то ҷое, ки Худо мехост, ин ҳақ аст ва ҳадиси он аз чандин ривоятҳо собит гаштааст. Шахсе ин хабарро рад кунаду ба ҳақиқати он имон наорад, пас ӯ байни залолат ва бидъат қарор мегардад.

Дар китоби «Хулоса» оварда, ки агар шахсе меъроҷи Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) маҳз нуқтаи дар шаб азМаккатуллоҳ ба сӯи Байтулмуқаддас рафтанашро инкор кунад, пас он шахс кофираст. Зеро оятеро аз Қуръон инкор кардааст.

Ва агар аз Байтулмуқаддас ба осмон рафтанашро инкор кунад, кофир нашавад. Аммо ӯ гумроҳу бидъаткору гунаҳкор шавад, зеро суннатеро инкор кардааст.

Аз ин ҷост, кидар расидани Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ҷое ихтилоф кардаанд. Баъзеҳо гӯянд то ҷаннатрафт, баъзе дигар ақида доранд, то Арш ё то Болои Арш рафтааст (ниг.сураи «Наҷм» ояти 8). Ин қиссаро дар «Кутуби Сияр» метавонед ба пуррагӣ мутолиа кунед.

## Хуруҷи Даҷҷол

### Ва хуруҷуд-Даҷҷоли ва Яъҷуҷи вал Маъҷуҷи ва тулуъишшамси мин мағрибиҳо ва нузули Исо (алайҳи-с-салом) минассамои ва соири ъаломоти явмил қиёмати ъало мо варадат биҳил ахборуссаҳиҳату ҳаққун коинун.

Чун қиёмат наздик шавад дунё ба охир расиданаш наздик шавад, бисёр аломатҳо зоҳир мегарданд. Аз ҷумла хуруҷи Даҷҷол ва Яъҷуҷу Маъҷуҷ (ниг.сураи «Анбиё» ояти 96), баромадани офтоб аз мағриб (ниг.сураи «Анъом» ояти 158) аз нишонаҳои фаро расидани қиёмат аст. Дар он рӯз имон овардан суд надорад.

Инчунин нузули ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) аз осмон барои нест кардани Даҷҷол ва ҷорӣ кардани дини Ислом, мардуми рӯи заминро ба ҳам оварда, ҳамаро мусулмон менамояд. Ин ҳам нишонае аз омадани қиёмат аст.

Нузули ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) баъди хуруҷи имом Маҳдӣ сурат мегирад. Зуҳури имом Маҳдӣ дар Ҳарамайни Шарифайн воқеъ мегардад, баъд ба Байтулмуқаддас меояд. Дар ин ҷо бо Даҷҷол рӯ ба рӯ мегардад. Ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) аз манораи шарқӣ, дар Димишқи Шоми шариф мефарояд. Даҷҷол аз ин огоҳ гашта мисли барф ба худ ларзида аз тарс об мегардад.

Ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) омада бо ӯ дар ҳарб мешавад ва бо як зарб ӯро ҳалок месозад. Дар ин ҷо ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) бо имом Маҳдӣ (разияллоҳу анҳу) ба ҳам мепайванданд. Ба масҷиди Байтулмуқаддас барои гузоридани намоз меоянд. Ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) иқомати намозро мегӯяд. ӯ дархости имом Маҳдиро барои имоматӣ кардан рад менамояд. Мегӯяд, ки ин намозро барои ту иқомат гуфта шуд ва туро беҳтараст барои имоматӣ.

Ҳазрати Имом Маҳдӣ (разияллоҳу анҳу) имом шуда, ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) ба ӯ иқтидо карда, намозро ба ҷамоат мегузоранд. Пеш гузоштани имом Маҳдӣ (разияллоҳу анҳу) дар намоз ба он хотир аст, ки ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) мутобиаташро ба шариъати Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) зоҳиру собит созад. Инчунин ҳадиси Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омада: «Агар ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) дар ин дунё зинда мебуд, маро итоъат мекард».

Дар «Шарҳи Шифо» омада, ки ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) 40-сол дар ин дунё зиндагӣ карда аз олам чашм мепӯшад. Мусулмонон намози ҷанозаи ӯро хонда ба хокаш дафн месозанд. Ривоят аст, ки ӯро байни ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва ҳазрати Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳу) дафн мекунанд. Дар Таврот ҳам чунин мактуб будааст, ки ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) бо ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) паҳлӯи ҳам ба хок месупоранд. Ҳанӯз мавзеъи як қабр дар паҳлӯи Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) боқӣ аст. Дар ривояти дигар ҳаст, ки байни ҳазрати Умар (разияллоҳу анҳу) ва ҳазрати Абубакри Сиддиқ (разияллоҳу анҳу) дафн мешавад.

Боз ривоят ҳаст, ки баъди поён омадани ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) 7-сол ҳаёт ба сар мебарад ва бо он 33-соле, ки дар замони худ зиндагӣ карда буд, 40-сол мешавад.

Баъдан Яъҷуҷу Маъҷуҷ хуруҷ мекунанд ва бо дуоъе, ки ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) дар ҳаққи онҳо карда буд, ҳама якбора ҳалок мегарданд. Сипас офтоб аз мағриб тулӯъ мекунад, Қуръон бардошта мешавад, Ислом ба як чизи нолозим ба мисли як латтаи кӯҳна мегардад. Ҳатто ҳеҷ кас намедонад, ки намозу рӯзаву садақаву нусуки исломӣ чист. Як шаб аз миён мегузарад, рӯзи дигар мебинанд, ки ягон ояти Қуръон боқӣ намондааст. Инчунин аз дилҳои мардум низ Қуръон бардошта мешавад. Мардум ба шеърхонӣ машғул мешаванд. Бояд бигӯем, ки ҳамаи ин баъди фавти ҳазрати Исо (алайҳи-с-салом) ва Каъбаро вайрон кардани Ҳабашӣ ба вуқӯъ меояд.

Хулоса аломатҳои рӯзи қиёмат бисёр аст ва бо ахбори саҳеҳ ворид шудааст. Ин барои имони иҷмолӣ кифоя аст. Ҳамаи он ҳақ асту рост ва баъзе аз он нишонаҳоро дида истодаем.

# ХОТИМА

## Валлоҳу таъоло яҳди майяшоу ило сиротим мустақим.

Ва аз ҷамоли фазилати Аллоҳ таъолост, ки ҳидоят мекунад касеро хоҳад ба сӯи роҳи рост. Ӯ таъоло ба муқтазои адлаш оммаи мардумро ба сӯи доруссалом даъват мекунад (валлоҳу ядъу ило дори-с-Салом).

Аз Худованди мутаъол афву офиятрохоҳонем. Шарҳу тавзеҳи китоби «ФИҚҲИ АКБАР», ки мансуб ба ҳазрати Абуҳанифа дорад, бо тарҷима ва шарҳу эзоҳи ҳоҷӣ Абуаломуддин ба поён расид. Ба хости Худо, унвони онро «Шарҳи форсӣ-тоҷикии «Фиқҳи Акбар»-и Абуҳанифа (раҳимаҳуллоҳ) гузоштем. Ҳамдусано бар Аллоҳ таъоло ва дуруд ба ҳазрати хотами анбиё (саллаллоҳу алайҳи ва саллам).

Муаллифи китоб аз шахсоне, ки кӯмаки худро дареғ надошта барои аз чоп баромадани ин китоб маблағҳо гузоштанд, ҳаракатҳо карданд, аз самими қалб сипосгузор аст ва аз хонандагони киром хоҳиш мекунад дар ҳаққи онҳо ва гузаштагони онҳо дуо кунанд то Худои бузург мағфирати гуноҳҳояшонро намояд ва саодати ду дунёро ба онҳо насибу рӯзӣ гардонад.

Баъди ин барои мухлисон иншоалллоҳ китоби дигари ҳазрати Имомро, ки ӯ «Китоби Васият» аст, бо тарҷима пешкашашон мекунем.

Муваффақ бошем.

Шарҳи форсӣ-тоҷикии «Фиқҳи акбар»-и Абуҳанифа.

Мутарҷим ва муҳаррири масъул: Ҳоҷӣ Абуаломуддин.

Тартибдиҳандаи иборaҳо: Сироҷиддини Икромзод.

Муҳаррири ҷумлаҳои тоҷикӣ: Ҳамидуллоҳ Ҳабибуллоҳзода.

Саъйкунанда ва ба чоп тайёркунанда: Ҳошими Бобоалӣ.

Таҳияи Сомонаи «Фирдавсӣ»

Аммо баъд:

Хонандаи гиромӣ китобе, ки шумо дар даст доред «ФИҚҲИ АКБАР» ном дошта, маҳсули заҳмати Имоми Аъзам Абуҳанифа (раҳматуллоҳи ъалайҳ) мебошад. «ФИҚҲИ АКБАР» китобест, ки дар хусуси тоза ва беолоиш сохтани ақидаи худошиносии инсон баҳс мекунад. Чунин як китоби беандоза пурқимат ва барои ҳар як фарди мусулмон бениҳоят зарур барои истифодаи доираи васеъи хонандагон дастнорас буд. Аз он танҳо афроде бархурдор ва баҳравар буданд, ки забони арабро медонистанд.

Бинобар ин қарзи хеш донистем, ба тарҷумаи он даст бизанем то хонандаи тоҷик аз ин таълифоти ҳазрати Имоми Аъзам (раҳимаҳуллоҳ) бенасиб намонанд. Рости сухан дар аввал чунин ба назар мерасад ки ба чунин як кори хатарнок ва масъулиятталаб қуввату қудрати ин бандаи ҳақиру ғариб намерасад вале алҳамду лиллоҳ бо фазлу марҳамати офаридгор тавонистем тарҷумаи онро ба поён бирасонем ва бо хати кириллики пешкаши мардуми диёри азиз бигардонем. Дар рафти тарҷумаи кӯшиш ба харҷ додем, ки содда баён гардад, то хонандаи азиз дар фаҳми он душворӣ накашад. Ҳамчунин зарур донистем бо шарҳу эзоҳи андак ба баъзе ҷои он равшанӣ андозем.

Манишин бо бадон ки сухбати бад.Гар чи поки туро палид кунад.Офтоб арчи равшан аст варо.Пораи абр нопадид кунад.

……………………………………………………………………………………….

Инро гирифтам аз –Сомонаи Фирдавси….

Аз ҷониби Сомонаи «ФИРДАВСӢ» нигошта шуд | 25 Октябри 2009

http://www.firdavsi.com/index.php?option=com_content&view=article&id=241:-l-r-&catid=1:2009-09-30-01-05-18&Itemid=27

Сайтхои муфид…

http://emomalijon.fo.ru/

emomalijon@mail.ru

http://my.mail.ru/community/tafsir/